Коррупсия аз зумраи он падидаҳои номатлуби иҷтимоие мебошад, ки дар ҳар шакл зуҳур намуда, ба тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва амалӣ намудани сиёсати дохиливу хориҷии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад.

Новобаста аз он, ки ҳуқуқвайронкунии коррупсионӣ хусусияти субъективӣ дошта, он аз ҷониби шахси муайян содир мегардад, вале оқибати он эътимоду боварии мардумро аз низоми идоракунӣ ва шаффофияти фаъолияти тамоми ниҳодҳои давлатӣ аз байн мебарад. Яке аз оқибатҳои номатлуби ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки он барои фаъолияти самараноки ниҳодҳои давлатӣ хатари воқеӣ эҷод намуда, принсипҳои демократии ҳамкории давлат бо ҷомеаи шаҳрвандиро вайрон мекунад.

Бояд тазаккур дод, ки коррупсия решаҳои таърихан муайяншуда дошта, дар низоми идоракунии давлатҳои ҷаҳон бо ҳар роҳу восита ташаккул намудааст. Бинобар ин барраси ҳамаҷонибаи моҳияти коррупсия, сабабҳои ташаккул, табдил, таҳаввул ва шаклҳои зуҳурёбии он дар миқёси ҷаҳонӣ, инчунин дар асоси таҷрибаи пешқадам асосноккунии тадбирҳо оид ба рафъи он мушкилоти муҳими донишҳои иҷтимоӣ, гуманитарӣ махсусан ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Илми ҷаҳонӣ муддати тӯлонӣ коррупсияро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ мавриди омӯзиш қарор дода, омилҳои муайянкунандаи сар задани он, аз ҷумла, омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ-психологӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва кадриро махсусан қайд менамояд.

Дар ҷаҳони имрӯза бо пайдо шудани муносибатҳои нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ коррупсия майли афзоиш дошта, он чун кирдори барои ҷамъият хавфнок дар шаклҳои мураккаб рӯз то рӯз дар шакли ба худ хос зуҳур меёбад. Бинобар ин мафҳуми коррупсия дар ҷомеаи ҷаҳонӣ якранг набуда, он бо ибораҳои гуногун аз қабили шикастан, вайрон кардан, гирифтану додани пора, дуздии моликияти давлатӣ ва ғайра маънидод мегардад.

Олимону муҳаққиқон низ дар ибораи коррупсия ба як хулосаи умумӣ наомада, онро аз нигоҳи худро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Аксари муҳаққиқон коррупсияро ҳамчун падидаи аз ҷиҳати иҷтимоӣ хатарнок, ки дар ришваситонии мансабдорони давлатӣ ва сохторҳои ғайридавлатӣ ифода ёфтааст, шарҳ медиҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар замони муосир аз оқибатҳои ногувори ин зуҳуроти номатлуб дар канор набуда, дар қонунгузории худ мафҳуми коррупсияро ҳамчун кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои

он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ ифода намудааст.

Дар воқеъ, агар ба маънои амиқи ин мафҳум назар афканем, пас ба хулосае омадан мумин аст, ки яке аз омилҳои муайянкунандаи равандҳои коррупсионӣ ин омили кадрӣ мебошад. Зеро маҳз кадрҳои саводноку баландихтисос манфиати миллату давлатро аз аз ҳама боло дониста, дар ягон вақҳ аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои манфиати шахсии худ истифода наменамоянд.

Дар ин хусус Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон махсусан таъкид намудаанд, ки: «Ҳангоми интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳо ба таҷрибаи андӯхта, маҳорати кордонӣ, қобилияти ташкилотчигӣ, донистани забонҳои хориҷӣ, хизмати содиқонаву бенуқсон ва дигар сифатҳои шахсии кадрҳо бартарият дода шавад.»

Дар воқеъ маҳз кадрҳое, ки ҳисси миллӣ ва масъулиятшиносии баланд доранд, метавонанд аз уҳдаи иҷрои тамоми вазифаҳои муайяни давлатӣ баромада, онро бо сарбаландӣ иҷро намоянд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки сиёсати кадрӣ ва идоракунии ҳайат ҳамчун фаъолияти касбӣ дар як вақт омил ва манбаи муҳими идоракунии ҷомеа, давлат ва ташкилот буда, ба иҷрои вазифаҳои гузошташуда дар ин самт ва барои ноил шудан ба ҳамин ҳадафҳо мусоидат мекунад.

Набудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои махсуси соҳавӣ ҳамчун омили дигаре дониста мешавад, ки он ба раванди сиёсати кадрӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Бинобар ин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз қабили қонуну қарорҳо, низомнома, қоида, барнома, созишнома ва консепсияҳо ба тасвиб расида, барои ба танзим даровардани фаъолият дар самти сиёсати кадрӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шудааст. Аз ҷумла:

– Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ»[1], ки дар асоси он санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои интихобу ҷобаҷогузории кадрҳо, Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи мансабҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳал намудани масъалаҳои тарбия, интихоб, ҷобаҷогузории кадрҳо ва умуман идоракунии захираҳои инсонии мақомоти давлатӣ ва бахши ғайридавлатӣ қабул гардидаанд.

– «Низомномаи намунавӣ дар бораи хадамоти кадрии мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки сохтор, вазифаҳо ва ҳуқуқҳои хадамоти кадрии мақомоти давлатиро муайян менамояд[2].

– «Низомнома дар бораи захираи кадрҳои хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки тартиби ташкили захираи кадрҳо барои мансабҳои давлатии хизмати давлатӣ, таҳияи рӯйхати захираи кадрҳо ва кор бо кадрҳои захираро танзим менамояд[3].

– «Қоидаҳои гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки тартиби гузаронидани ҷойивазкунии (ротатсияи) кадрҳои роҳбарикунандаи хизмати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар намуда, таъйин кардан бо риояи талаботи тахассусӣ ба дигар мансаби роҳбарикунандаи баробари хизмати давлатӣ дар ҳамон мақомоти давлатӣ ё дар дигар мақомоти давлатӣ мебошад[4].

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2007, №233.

[2] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июли соли 2010, №901.

[3] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2023, №523.

[4] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2019, №1328.

– «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021–2030, Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ барои солҳои 2021–2030 ва Нақшаи дурнамои қабул ва хатми магистратура, аспирантура, докторантураи фалсафа (PhD)-докторантура аз рӯйи ихтисос, докторантура ва постдокторантура барои солҳои 2021–2030», ки баҳри баланд бардоштани қобилияти зеҳниву таҳлилии насли нави илмӣ, тайёр кардани кадрҳои сатҳи баланди илмӣ ва ба талаботи бозори хизматрасониҳои илмиву таҳсилотӣ мутобиқ намудани онҳо таҳия карда шудааст[5].

– «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023–2030 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023–2030», ки бо мақсади баланд бардоштани мақом ва манзалати занон дар ҷомеа, фаъолгардонии онҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, сиёсат, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳанг, маориф, тандурустӣ, саноату нақлиёт, энергетика ва соҳаҳои ҳифзи ҳуқуқ тасдиқ гардида, заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузошта шуд[6].

– «Барномаи маҷмӯии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии Барномаи маҷмӯии давлатии тайёр намудани кадрҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ барои давраи то соли 2030 (марҳилаи якум то соли 2025), ки бо мақсади беҳтар намудани таъминоти ташкилотҳо ва муассисаҳои низоми ҳифзи иҷтимоӣ, муассисаҳои таълимию илмии иҷтимоӣ бо мутахассисони баландихтисоси низоми ҳифзи иҷтимоӣ тибқи талаботи бозори меҳнат ҷиҳати баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ таҳия гардидааст[7].

– «Консепсияи сиёсати давлатии кадрҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки маҷмӯи ғояҳо, идеяҳо ва ақидаҳоеро дар бар мегирад, ки мақсаду вазифаҳо, самтҳои афзалиятнок, принсипҳои танзими давлатии сиёсати кадрҳо ва роҳҳои бо кадрҳои баландихтисос таъмин намудани Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад[8].

Ҳамзамон, дар сатҳи байналмилалӣ Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тайёр кардани кадрҳо барои низоми иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ба имзо расонида шудааст[9].

Бояд тазаккур дод, ки интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, аттестатсия, ҷойивазкунии (ротатсия)-и хизматчиёни давлатӣ метавонад барои баланд бардоштани сифати донишу малакаи касбӣ ва иқтидори зеҳнии онҳо таъсири мусбӣ расонад.

Бо ин мақсад дар Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи 2021, №222 тасдиқ гардидааст, зарурати баланд бардоштани сифати тайёрии касбии мутахассисон дар самти ташкили муқовимати мустақим ба коррупсия махсусан таъкид гардидааст.

Дар ин раванд баҳри тақвият бахшидани муқовимат ба коррупсия дар соҳаи хизматӣ давлатӣ ва маориф дар асоси банди 5 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021–2025) вазорату идораҳо вазифадор гардидаанд, ки интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо бо роҳи гузаронидани озмун, баҳодиҳии фаъолият, ат-

[5] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 30 июни соли 2021, №264.

[6] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 апрели соли 2022, №204.

[7] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2022, № 148.

[8] Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008, №582.

[9] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 28 ноябри соли 2015 №745.

тестатсия, ҷойивазкунии (ротатсия)-и хизматчиёни давлатӣ ҳамчун чораҳои муассири зиддикоррупсионӣ ба роҳ монанд[10].

Агар ба гуфтаи олимон дар ин мавзӯъ назар афканем, тибқи нуқтаи назари О.Ю. Рибаков зарур аст, ки бояд масъалаи тарбияи ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, таълим ва тарғибу ташвиқ, ки яке аз унсурҳои бо ҳам вобастаи ташаккули муҳити ҳуқуқӣ, идеологӣ, аксиологӣ зидди коррупсия ба ҳисоб меравад, мунтазам ба роҳ монда шавад[11].

Бо ин ақида розӣ шуда, ба мақсад мувофиқ медонем, ки масъалаи омӯзиши сиёсати зиддикоррупсионӣ ва тайёрии касбӣ дар муассисаҳои соҳаи маориф ва вазорату идораҳо бо ҷалби олимон ва мутахассисони соҳавӣ боз ҳам ҷоннок карда шавад. Азбаски онҳо метавонанд ба ҷавонони хатмкарда ва хизматчиёни давлатӣ заминаҳои устувори донишҳои назариявӣ ва амалии зиддикоррупсиониро фароҳам оваранд.

Дар баробари ин дар банди 21 нақшаи чорабиниҳои Стратегия Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишварро вазифадор намудааст, ки масъалаи таъсиси ихтисосҳои нав дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати тайёр намудани кадрҳо дар самти муқовимат ба коррупсия баррасӣ намуда, таъсис намоянд.

Чуноне, ки таҷриба нишон медиҳад, дар воқеъ яке аз роҳҳои дигари босамари амалӣ намудани сиёсати кадрӣ ва паст намудани шиддати коррупсия ин ба роҳ мондани ҳамкории мутақобилаи ҷомеаи шаҳрвандӣ бо ниҳодҳои давлатӣ, тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ ва хизматчиёни давлатӣ, инчунин, омӯзонидани тарзу усулҳои муосири муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб меравад.

Зеро омӯзиши зиддикоррупсионӣ рушди маърифати ҳуқуқӣ ва ахлоқи шаҳрвандӣ, гирифтани дониш дар бораи механизмҳои ҳимоя аз коррупсия, ташаккули фаъолияти иҷтимоӣ дар одамон ва эътирофи зарурати назорати ҷамъиятиро дар бар мегирад.

Боиси қайд аст, ки имрӯз сиёсати кадрии мамлакат низ ба тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ равона гардида, банди 22 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021–2025) Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио, инчунин муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро вазифадор намудааст, ки ба таҳия ва интишори китобҳо, асарҳои саҳнавӣ, барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯъҳои марбут ба муқовимат ба коррупсия боз ҳам аҳамияти зарурӣ дода, иҷрои талаботи банди мазкурро таъмин намоянд.

Бо натиҷаи татбиқи банди мазкур дар назар аст, ки маҷмӯи донишҳои назариявии донишҷӯён ва қишрҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масоили муқовимат ба коррупсия боз ҳам васеътар гардонида шуда, барои паст намудани шиддати коррупсия дар мамлакат ва ба роҳ мондани муборизаи беамон бо ин падидаи номатлуб заминаи мустаҳками маънавӣ фароҳам оварда мешавад.

Дар асоси гуфтаҳои боло, гуфтан ҷоиз аст, ки сиёсати кадрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст ба роҳ монда шуда, моро танҳо лозим аст, ки бо дасту дилу нияти пок бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу субот ва якпорчагии ватан бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва садоқат ба миллату давлати хеш вазифаҳои дар наздамон гузошташударо иҷро намуда, барои ояндаи дурахшони Тоҷикистони азизу маҳбуб саҳми арзандаи хешро гузорем.

[10] Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои марҳилаи якум (солҳои 2021–2025) аз 3 августи соли 2021, №222.

[11] Рыбаков О.Ю. Правовая политика в сфере противодействия коррупции в Российской Федерации // Коррупционные риски современного законодательства и правоприменения и правовые механизмы их преодоления: Монография.– М.: Юстиция, 2016.– С.29.

ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ ДАР ТОҶИКИСТОН

Қосимзода Маъруф – муовини сардори раёсати тафтишотии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники адлия

Заминаи мантиқиву ҳуқуқии дастовардҳои Тоҷикистон, аз он ҷумла дар самти бунёди низоми ҳуқуқӣ, таъмини амнияти миллӣ, мубориза бо ҷиноят ҷиноятқориро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Истиқлолияти навини кишвар мебинанд ва онро дар суханрониҳои хеш хеле дақиқ шарҳ додаанд: «Истиқлолият шиносномаи ҳастии давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонист, ки низоми давлатдорӣ, сиёсати дохилию хориҷӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад».

Ба шарофати Истиқлол дар сатҳи байналмилалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон хамчун субъекти комилҳуқуқ нуфузу эътибори хосса дошта, аз соли 1992 инҷониб узви Созмони Милали Муттаҳид аст, беш аз 20 ниҳодҳои тахассусии СММ, созмонҳои байналмилалӣ ва намояндагиҳои ниҳодҳои байналмиллалии молиявӣ фаъолият доранд. Ин маълумот шаҳодат аз он медиҳад, ки Тоҷикистон имрӯз як давлати соҳибистиқлол буда, роҳу равиши тараққиёт, самтҳои рушди сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро мустақилона муайян мекунад.

Бо мақсади таҳкими давлатдорӣ ҳамчун яке аз рукнҳои ҳокимият пеш аз ҳама низоми ҳуқуқии кишвар таҳия ва такмил гардид, ки он дар навбати худ яке аз омилҳои таъмини Истиқлоли воқеии давлат ба ҳисоб меравад. Такмили низоми ҳуқуқӣ, ҳифзи захираҳои моддиву молиявӣ ва маънавиву инсонӣ, пешгирии ҷиноят ва амалҳои коррупсионӣ яке аз шартҳои фаъолияти пурсамари давлату ҷомеаи мутамаддини кишвар буда, заминаҳои мусоиде барои таҳия, тасвиб ва иҷрои санадҳои ҳуқуқӣ, барномаву стратегияҳои миёнамуҳлат ва дарозмуддат доир ба ислоҳоти ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Пешвои миллат дар Муроҷиатномаи худ 12-уми декабри соли 1992 дар қатори вазифаҳои аввалиндараҷа ҳалли масъалаҳои муҳими зеринро ба миён гузоштанд:

«Асоси қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро нав карда, онро бо дарназардошти меъёрҳои ҳуқуқи байналхалқӣ такмил дода, барои бунёди давлати нав – давлати демократии ҳуқуқбунёд замина гузоштан зарур аст». Чунин вазифагузорӣ минбаъд заминаи муҳими фаъолияти зиддикоррупсиониро низ фароҳам овард.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешволи миллат, Президенти муҳтарами

Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади устувор сохтани низоми ҳуқуқӣ ва таъмини пойдории ҳокимият кишвар, боло бурдани сатҳи эътимоду боварии мардум ба низоми давлатдорӣ муқовимат ба коррупсияро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати ҷумҳурӣ интихоб намуданд.

Дар ҷаҳони мутамаддини имрӯза коррупсия дар баробари терроризму экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, буҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ ва ғайра ба яке аз таҳдидҳои глобалӣ табдил ёфтааст. Тамоми давлатҳои дунё бо ин ё он восита кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки пеши роҳи ин зуҳуротро гиранд. Сиёсати интихобкардаи роҳбарияти кишвар замина гузошт, ки коррупсия чун падидаи номатлубу ногувор арзёбӣ шуда, масъалаҳои мубориза бар зидди он дар хатти аввали ҷабҳаи мубориза бо ҷиноят қарор гирад ва аз ҷониби созмону ташкилотҳои байналмилалӣ, пеш аз ҳама Созмони Милали Муттаҳид ҳамчун яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа эътироф карда шудани коррупсия низ бо ин қадамҳои ҳукумату ҷомеаи кишвари Тоҷикистон ҳамоҳанг аст.

Бо дарки хатари коррупсия ва оқибатҳои манфӣ доштани он, ҷомеаи ҷаҳониро зарур омад, санади байналмилалӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия қабул намояд, то ки он тавонад муносибатҳои давлатҳоро дар самти мубориза бо ин падида пурра ба танзим дарорад.

Дар ин самт дар ҳамоҳангӣ бо субъектҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ дар таърихи 31 октябри соли 2003 «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» қабул гардид, ки дар он муқаррароти муҳимтарини мубориза бо коррупсия, феҳрасти иқдомҳои муҳими зиддикоррупсионӣ, чораҳои пешгирии коррупсия барои давлатҳои аъзо пешниҳод гардида, рӯзи 9 декабри ҳамон сол ин санади муҳим дар Мексика ба имзо расид.

Ба ин муносибат 9-уми декабр ҳамчун «Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия» эълон карда шуд. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба ин санади муҳим 25 сентябри соли 2006 имзо гузошт ва он аз тарафи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии кишвар 16 апрели соли 2008 тасдиқ гардид. Конвенсияи мазкур, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, мувофиқи моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар ба ҳисоб рафта, меъёрҳои қонунгузории кишвар ва қонунҳои амалкунанда ба талаботи конвенсияи мазкур мутобиқ гардонида шуда, тибқи он чандин санади меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаву стратегияҳои давлатӣ қабул гардиданд.

Дар баробари ташаккули заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза ба коррупсия дар кишвар барои пешгирӣ ва муборизаи беамон бо ин падидаи пурхатар фалаҷкунандаи давлату ҷомеа ба мақсади густариши фаъолияти зиддикоррупсионӣ ва ҳамоҳанг сохтани саъю талош ва ибтикороти ниҳодҳои мухталифи ҷомеа бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешволи миллат, Президенти муҳтарами Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи омӯзиши вазъи мавҷудаи коррупсия ва афкору андешаи ҷомеаи шаҳрвандӣ 3 стратегияи миллии муқовимат ба коррупсия қабул карда шуд.

Ба ин аснод «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012» бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34, «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012–2020» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия то соли 2030» ва нақша чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (2021–2025) бо Фармони президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 дохил мешаванд. Ин санадҳои муҳими бунёдиву барномавӣ чораҳои маҷмӯии ташкиливу ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ ва маърифативу фарҳангиро вобаста ба муқовимат бо коррупсия дар бар мегиранд.

Дар баробари қабул гардидани сандҳои меъёрӣ бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон тибқи

Фармон аз 14 декабри соли 2010 таҳти №968 Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ин ниҳод ҳамчун кафили муборизаи дастаҷамъона бар зидди зуҳуроти номатлуб хидмат намуда, замина ва намоёнгари аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани ташаккули сиёсати зиддикоррупсионии кишвари мо ба ҳисоб меравад.

Ба хотири нерӯ бахшидан ба фаъолияти зиддикоррупсионӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, батадриҷ заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти он ташкил ва роҳу усулҳои мубориза бо ин падидаи номатлуб такмил ёфт. Ин иқдом имкон фароҳам овард, ки саъю кӯшишҳои зидикоррупсионии давлат ва муборизаи бевосита бо коррупсия, ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ, намояндагони бахши хусусӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ба равандди муқовимат ба он ҳамоҳанг карда шаванд.

Фаъолияти пурсамари ин ниҳоди муҳими мубориза бо коррупсия замина гардид, ки санадҳои муҳими самти амалҳои зиддикоррупсионӣ, аз он ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7 августи соли 2020 қабул ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва нақша-чорабиниҳои амалисозии он» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ карда шаванд.

Мутахассисон такмил додани низоми сиёсию ҳуқуқии ҷомеаро кафолати асосии мубориза бар зидди коррупсия медонанд. Бинобар ин, имрӯз муқовимати фаъол бо падидаҳои коррупсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат ва ислоҳоти низоми ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Муҳаққиқон дар заминаи пажӯҳишҳои густурда ба хулосае омадаанд, ки коррупсия хатари ҷиддӣ ба қонуният, адолат, рушди иқтисодиёт, боварии мардум ба давлат мебошад, аз ин лиҳоз, он боиси нигарониҳои иҷтимоиву сиёсӣ буда, мубориза бар зидди он кӯшишу заҳмати доимии мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа, истифодаи дастоварду ва таҷрибаи байналхалқиро дар ин соҳа талаб мекунад[12].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон муқовимат ба коррупсияро шарти асосии устувории истиқлолияти давлатӣ ва самти муҳимтарини сиёсати давлатӣ дар таҳкиму такмили низоми ҳуқуқии ҷомеа донистанд. Чунин муносибат нисбат ба мафҳуми коррупсия ва дарки мантиқии он сабаб гардидааст, ки дар кишвар як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ омода, баррасӣ ва қабул гарданд. Аз ҷумлаи аввалин санадҳои мазкур фармони соли 1999 ба тасвибрасидаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» ба ҳисоб меравад, ки он аз муҳимтарин тадбирҳои мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дониста мешавад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 изҳор карданд, ки коррупсия инкишофи босуботи иқтисодиву иҷтимоии кишварро халалдор намуда, натиҷаи оқибатҳои ногувор ва боиси нигаронии шаҳрвандон шудааст[13].

Дар суханронии худ ба муносибати 10-солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар таърихи 10-уми январи соли 2017 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин изҳор карданд: «Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву

[12] Халифаев, М.Х. Ҳамоҳангсози сиёсати зиддикоррупсионӣ [Матн] / М.Х. Халифаев // Прокуратураи Тоҷикистон – 80 сол.– Душанбе: Сарпараст, 2004.– С.199.

[13] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016 [Матн] // Ҷумҳурият.– 2016.– 26 декабр.– №254(23 076).

эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад»[14].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти муҳтарами кишвар Эмомалӣ Раҳмон аз солҳои аввали фаъолияти худ ба сифати садри мамлакат дар фикру андешаи мубориза бурдан ва решакан кардани падидаи номатлуби фасод ва коррупсия буданд, зеро коррупсия хатари бузурге дар пойдории Истиқлолият, ватандӯстиву худшиносии миллӣ ва арзишҳои умумиинсонӣ ворид месозад. Дар ин замина, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби сеюм. Аз Ориён то Сомониён» фармудаанд: «Вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи мо истиқлолияти давлатамонро мустаҳкам карда, насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, садоқат ба анъанаву суннатҳои таърихиву фарҳангии миллат ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ тарбия намудан аст», ки ин нукта танҳо дар сурати устувор сохтани низоми ҳуқуқӣ ва муборизаи ҷасурона бар зидди амалҳои коррупсионӣ имконпазир мебошад.

Барои таъмини заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо коррупсия дар кишвари мо ду маротиба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» дар таърихи 11 декабри соли 1999 ва 25 июли соли 2005 қабул гардид. Бо қабули қонунҳои мазкур Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон собит намуданд, ки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқобили коррупсия иқдоми ҷиддӣ ва бемайлон буда, барои аз байн бурдани паҳлуҳои гуногуни зуҳуроти номатлуби фасод дар ҷомеа, пурра гардидани қисми даромади буҷети давлатӣ, устувор сохтани боварии мардум ба низоми давлату давлатдорӣ, пешгирии сарфи ғайриқонунии воситаҳои молиявии давлатӣ ва аз худ кардани онҳо ва дигар анвои амалҳои коррупсионӣ равона гардидааст.

Бо иҷрои вазифаҳои дар марҳалаи аввал муайянгардида, гузошта шудани вазифаҳои нави муосиру муҳими давраи нав, густариши доираи иҷрогарони сиёсати зиддикоррупсионии ҳукумати кишвар, вусъат ёфтани шеваву усулҳои мубориза бо коррупсия, изҳори омодагӣ ба ҳамкориҳои зиддикоррупсионӣ аз тарафи ниҳодҳои давлатӣ ва созмонҳои ҷамъиятии дохилу хориҷи кишвар зарурати қабули Қонуни нави зиддикоррупсионӣ ба миён омад. Дар натиҷа 07 августи соли 2020 бо номи «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи муқовимат ба коррупсия» санади нави меъёриву ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки эҳтиёҷоти ҳама қишрҳои ҷомеаро бароварда месозад.

Бо ташаббуси Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» (с.1999 ва 2005) ва «Қонуни ҶТ дар бораи муқовимат ба коррупсия» (с.2020) обрӯву эътибори кишвари бостонии тоҷикон ва давлати ҳуқуқбунёди кунунии онро дар арсаи байналхалқӣ афзун намуд.

Дар ин марҳила бо мақсади мутобиқ гардонидани санадҳои меъёриву ҳуқуқии кишвар ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ дар самти муқовимат ба коррупсия ҳамкорӣ бо созмонҳои байналмилалӣ густариш ёфта, заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти ҳамҷоя ва иҷроиши лоиҳаҳои муҳим дар самти мубориза бо фасод фароҳам омад. (Мизони қонун, №3, 2022. саҳ.58).

Омӯзиш ва ташвиқу тарғиби таҷрибаи байналмилалии мубориза бо коррупсия дар бартараф намудани нуқсонҳои бесаводӣ ва беҳтар намудани сатҳи фарҳанг ва ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ нақш хоҳад гузошт.

Тамоми кишварҳои олам, ки дорои муносибатҳои расмии байналмилалӣ мебошанд, дар доираи ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ ба комёбию дастовардҳои бузурги қонунгузории миллӣ ноил гардидаанд.

[14] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10-солагии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017).

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст ишора намудаанд, ки «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо, яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қуввaҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем»[15].

Татбиқи ислоҳоти сиёсию маъмурӣ ва ҳуқуқӣ, ки ҳадафи он таъмини идоракунии самаранок ва шаффофи давлат ва таҳкими демократия мебошад, бо бисёр монеаҳо, аз ҷумла коррупсия рӯбарӯ мегардад. Таҳлили сиёсии фаъолияти зиддикоррупсионии давлат тавассути таҳия ва қабули қарорҳои муносиб дар низоми идоракунии давлат, пешгирӣ ва ба ҳадди ақал расонидани падидаҳои коррупсионӣ ба мавзӯи доғи рӯзи ҷомеа табдил ёфтааст.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарами Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар марҳалаҳои аввали рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол, замоне ки мухолифатҳои шаҳрвандӣ бартараф гардида, созиши миллӣ ба даст оварда шуд, бо андешаи дастгирии соҳибкорӣ ва рушди иқтисоди миллӣ ба масъалаи коррупсия ва муборизаҳои шадид ҷиҳати аз байн бурдани он ташаббусҳо изҳор мекарданд. Дар он давра, ки ҳоло ниҳоди махсуси мубориза бо коррупсия вуҷуд надошт ва ҶТ аъзои Конвенсияи СММ зидди коррупсия набуд, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар фикри аз байн бурдани монеаҳои бюрократӣ дар роҳи густариши соҳибкорӣ, махсусан шаклҳои хурду миёнаи он дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар буданд ва муборизаро бар зидди зуҳуроти номатлуби коррупсия дар ҳамаи самтҳо ва шохаҳои ҳокимият тақвият бахшиданд.

Дар паёми хеш ба парламенти кишвар аз 30 апрели соли 2004 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳолати кунунии мубориза бо коррупсия ва вазифаҳои аввалиндараҷаро чунин муайян намудаанд: «Ошкор кардани ҳодисаҳои сӯиистифода аз мансаб, тасарруфи маблағҳои давлатӣ ва инъикоси натиҷаҳои тафтишу санҷишҳои Кумитаи назорати давлатии молиявӣ ба ҷараёни мубориза бар зидди коррупсия такон бахшида, барои устувор гардидани интизоми иҷрония дар ҳамаи сохторҳои идораи давлатӣ мусоидат менамояд. Ҷорӣ кардани тартибу низом, аз байн бурдани монеаҳои сунъӣ ва таъмини шаффофияти ин чараён боиси беҳбудии муҳити соҳибкорӣ, афзудани сармоягузориҳо, таҳкими бозори дохилӣ, пайдо шудани ҷойҳои нави корӣ ва муҳайё гардидани шароит барои рушди соҳибкории хурду миёна, ки бахши самараноки иқтисодиёт мебошад, инчунин кам шудани коррупсия ва ришвахӯрӣ хоҳад шуд. Дар ин самт инчунин ҳарчи зудтар бояд қонун «Дар бораи литсензиякунонӣ» қабул ва мавриди амал кдрор дода шавад» (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004).

Яке аз ҷамъбаҳои хирадмандонаи сиёсати мубориза бо коррупсия дар ҷумҳурӣ дар он зоҳир мегардад, ки Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муқаррарот ва марҳалаҳои муқовимат ба коррупсияро оқилона бо Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола ҳамоҳанг сохтаанд, ки ин нуқта барои сиёсати иқтисодии давлати мо хеле зарур буд. Дар паёми хеш дар соли 2006-ум Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон изҳор карданд, ки яке аз вазифаҳои муҳимтарини Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола шаффофияти фаъолияти зиддикоррупсионӣ мебошад: «Дуюм – ҳамзамон дар раванди ислоҳоти маҷомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, низоми судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ таъмин кардани шаффофияти фаъолияти онҳо ва тақвияти мубориза бар зидди коррупсия ва дигар зуҳуроти номатлуби ҷомеа. Иҷрои вазифаҳои зикршуда дар оянда имкон медиҳад, ки афзоиши нишондиҳан-

[15] Раҳмон, Э. Баҳри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон [Матн]: маърӯза дар ҷамъомади кормандони маҷомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии маҷомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Эмомалӣ Раҳмон // Народная газета.– 2005.– №1.

даҳои рушди иқтисодӣ дар сатҳи на кам аз 7 фоиз нигоҳ дошта, дар ин замина барои татбиқи барномаҳои қабулшуда шароити мусоид фароҳам оварда шавад. Ҳадафҳои асосии он баланд бардоштани самаранокӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, тақвияти низоми худидораи маҳаллӣ, таъмини пурраи мустақилияти ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, кам кардани дахолати давлат ба фаъолияти хоҷагидорӣ, пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия мебошанд. Гузаронидани ислоҳоти зикршуда аз мақомоти дахлдори давлатӣ масъулияти баландро талаб менамояд». (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2006)

Дар пешбурди муборизаи босамар бо коррупсия ва ҷиноятҳои коррупсионӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарами Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон натанҳо ба мавқеъ ва пешниҳоди намояндагони Ҳукумат ва мақомоти дахлдор такя мекарданд, балки маълумотҳои дар заминаи пурсиши сотсиологӣ оид ба арзёбии вазъи коррупсионӣ ҳосилшуда рӯ оварда, сиёсати давлатии муқовимат ба коррупсияро таҳия ва амалӣ месохтанд: «Тибқи ин назарсанҷӣ коррупсия аз ҳама бештар дар сатҳи сохтору мақомоти идоракунӣ ба назар расида, дониши пасти ҳуқуқии шаҳрвандон ва хоҳиши зудтар ҳал намудани мушкилоти худ ҳамчун сабаби содир намудани амалҳои коррупсионӣ арзёбӣ шудааст.

Сатҳи коррупсия дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқу судҳо, соҳаҳои заминсозиву тандурустӣ, оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ, сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ ва комиссариатҳои ҳарбӣ баланд мебошад.

Ғайр аз ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди мавҷуд будани омилҳои зиёди коррупсионӣ дар масъалаҳои вобаста ба андоз, фаъолияти бонкҳои давлатӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ дар қисми хизматрасонии маблағҳои буҷетӣ, фондҳо ва қарзи давлатӣ дар қонунгузорӣ барои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия салоҳияти мустақилона гузаронидани санҷиши соҳаҳои мазкур муқаррар нашудааст.

Фаромӯш набояд кард, ки мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад». (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2016)

Раванди мубориза ва муқовмат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ як марҳалаи пурсамар ва пурраро аз сар гузаронд.

Вазифаҳое, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»аз соли 2005 пешбинӣ шуда буданд, асосан иҷро шуданд. Акнун марҳалаи нав ва рисолату вазифаҳои нав дар мубориза ба коррупсия ба миён омаданд, ки иҷрои онҳо таҳияву қабули санадҳои меъёрии навро тақозо мекарданд. Барои боло бурдани сатҳи эътимод ва боварии мардум ба хукумати ҷумҳурӣ ва шаффофияти фаъолияти он Президенти муҳтарами Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёми навбатии худ ин нуктаро хеле дақиқ ва бамаврид баён кардаанд: «Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад.

Бинобар ин, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Палатаи ҳисоб, Прокуратураи генералӣ ва дигар субъектҳои ваколатдори соҳа бояд ҳамкориро бо аҳолӣ беҳтар ба роҳ монда, ҷиҳати гузоштани садди устувор дар роҳи амалҳои коррупсионӣ тадбирҳои муассир андешанд. Ҳамзамон бо ин, якҷо бо Вазорати адлия лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»-ро, ки соли 2005 қабул шудааст, вобаста ба шароити имрӯза дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намоянд». (Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017)

Боиси қаноатмандӣ ва таваҷҷӯҳи хоси мардум аст, ки ин қонун санаи 7 августи соли

2020 зери унвони Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» қабул гардид ва ҳоло фаъолияти минбаъдаи зиддикоррупсионии давлат, ҷомеа ва ниҳодҳои дахлдор тибқи ин қонун амалӣ мегард.

Хулоса. Коррупсия ҳамчун падидаи манфии ҷомеа дар тамоми давру замонҳо вуҷуд дошта, яке аз монеаҳои ҷиддӣ ва зиёновари рушди демократия ва давлатдорӣ будааст. Дар давоми мавҷудияти худ тамаддуни инсонӣ дар муқовимат бо коррупсия ва роҳҳои пешгирии он шеваву усулҳои нав ба нав ва рӯзафзун муассирро бо шаклу мазмуни тоза мавриди истифода қарор медод.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқовимат ба коррупсия ба муқаррарот ва меъёрҳое такя месозад, ки аз тарафи Конститутсияи ҷумҳурӣ дар мутобиқат бо санаду меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян гардидааст.

Коррупсия ҳумчун падидаи манфии ҷомеа дар тарбияи сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон халал ворид сохта, пояҳои итминон ва эҳтиром ба давлату давлатдориро ба тадриҷ рахна месозад. Аз ин рӯ, проблемаи мубориза бо коррупсия яке аз муҳимтарин масъалаҳои ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии ҷомеаи ҳуқуқбунёди ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳоло дар шароити муосири инкишофи сиёсиву иқтсодии ҶТ ба омӯзиши масъалаҳои коррупсия диққати ҷиддӣ дода шуда, тарафҳои ҷудогонаи ин масъала, аз он ҷумла, сабабу заминаҳои асосии ба вуҷуд омадани фаъолияти коррупсионӣ, оқибатҳои амалҳои ҷудогонаи коррупсионӣ, роҳу заминаҳои қонунии мубориза бо коррупсия, тарзу усулҳои пешгирии фаъолияти коррупсионӣ аз ҷониби мутахассисон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

КОРРУПСИЯ – ТАҲДИД БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ

Назарзода Абдулқодир Носир – ваколатдори калони оперативӣ оид ба корҳои махсусан муҳими раёсати мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ, адолати судӣ ва хизматчиёни ҳарбии Агентӣ, подполковники адлия

Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои мутараққии замони муосир дар раванди ҷаҳонишавии фарҳангҳои гуногун қарор дорад ва ҷомеаи ҷаҳониро муаммоҳои зиёде аз ҷумлаи терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва ба инҳо монанд, ки дар байни онҳо коррупсия мавқеи махсусро ишғол менамояд, фаро гирифтаанд. Коррупсия яке мавзӯъҳои мубрами рӯз ва муаммои «сарпеч» дар замони муосир ба шумор меравад, зеро дар қатори дигар падидаву омилҳои номатлуб зуҳуроти барои ҷомеа ва давлат хатарнок дониста шуда, яке аз масъалаҳои доғи рӯзи тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дуруст ишора намудаанд, ки «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо, яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қуввaҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем»[16].

Дар ҳақиқат, бадтарин зарари коррупсия ба сохторҳои давлату давлатдорӣ – ин дар ҷомеа бедор кардани ҳисси нобоварӣ ба институтҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 январи соли 2017 дар суханронии худ ба муносибати 10-солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия зикр намуд, ки «Коррупсия зуҳуроте номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад»[17].

Коррупсия ин амали ғайриқонунии шахсоне мебошад, ки ба давлату ҷамъият зарари калонро ба вуҷуд меорад. Дар ин ҷо, мазмун ва диққати асосӣ ба калимаи зарар додан мумкин аст, зеро омили ҷойдошта имконияти вайронкунӣ, маҳудкунӣ, ё ин, ки маҳрумкуниро ба миён меорад.

---

[16] Эмомалӣ Раҳмон. Баҳри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон. Маърӯза дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон // «Народная газета», соли 2005, №1.

[17] Суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10-солагии таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия (10 январи соли 2017) // Сомонаи интернетии www.prezident.tj.

Ҳанӯз чанд аср қабл яке аз мутафаккирони бузург Ш.Л. Монтеские гуфта буд, ки: «Дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ, тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ фалаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мешавад».

Агар мо ба таърихи инсоният назар афканем мебинем, ки коррупсия дар давраи пайдоиши аввалин давлатҳо низ мавҷуд буд, яъне аз давраи пайдоиши давлат то ин дам ҳамқадами замон мебошад. Дар ин ҷо аз китоби Авесто мисол овардан ба маврид аст, ки гуфта шудааст: «Бо одами ҳасис ҳамкорӣ накун ва ӯро мансаб мадеҳ».

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки коррупсия падидаи нав нест, балки аз таърих маъмул буд. Таҳлилҳо нишон дода истодаанд, ки коррупсия ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат таъсири манфии худро расонида истодааст.

Муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро бо «ришва», «сӯиистифода аз мансаб», «пораситонӣ», «судхӯрӣ», «падидаи тамаллуққорӣ», «хушомад задан» ва ғайра мешуморанд. Бо вуҷуди ин ҳама, новобаста аз зиёд будани фаҳмиш ва нуқтаи назари гуногун нисбати коррупсия, аксарияти одамон дар ақидаанд, ки ин амал ҳамчун зуҳуроти манфӣ пояҳои ҷомеаро вайрон намуда, таҳаввулоти ҷомеаро зери хатар мегузорад, вазъияти рифоҳӣ ва ахлоқии одамонро хароб ва ба пайвасти институтҳои давлатӣ бо доираҳои ҷиноятӣ ва коҳиш ёфтани боварии мардум нисбати мақомоти давлатӣ, оварда мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки коррупсия асосан ба фаъолияти давлат ва мақомоти он алоқаманд буда, ин зуҳурот аз рӯзи пайдоиши давлат, то ин дам ҳамқадами он мебошад. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо тарзу усулҳои гуногун он амалӣ мешуд. Суоле ба миён меояд, ки барои чӣ ин тавр аст? Ба ин савол ҷавоб хеле одист, зеро давлат ва мақомоти он ин ё он вазифаҳои амрдиҳиву танзимкунии муносибатҳои ҳуқуқиро дар ихтиёр дошта, буҷет ва дигар захираҳои моддиро ихтиёрдорӣ мекунанд, ки бевосита барои ба вуҷуд омадани коррупсия замина шуда метавонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо дарки хавфи баланди кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта, баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, муборизаи оштинопазирро бо ин зуҳуроти номатлуби ҷомеа пурзӯр намуда истодааст.

Маҳдуд сохтани коррупсия бояд ба таври маҷмӯӣ ва ҳамматарафа сурат гирад ва азбаски сиёсати зиддикоррупсионӣ метавонад дар сатҳҳои гуногуни ҳокимият ба зиддият рӯ ба рӯ шавад, тақозо мегардад, ки чораҳои мубориза бо коррупсия бояд ҳамеша таҳти назорати ҷиддӣ қарор гирад, то ки чораҳои каммаҳсул ошкор ва аз онҳо даст кашида шуда, ба чораҳои таъсирбахш иваз карда шаванд.

Таҳлил нишон дод, ки таҷрибаи коррупсионӣ гуногуншакл мебошад. Коррупсия дар тамоми шаклҳояш бояд дар қонунгузории ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври дахлдор инъикос ёбад.

Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт оғоз намуд.

Дар миқёси ИДМ яке аз аввалинҳо шуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардид.

21-уми июли соли 1999 тахти №1262 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бо коррупсия» қабул карда шуд, ки ба давраи сифатан нави мубориза бо коррупсия замина гузошт.

Вобаста ба вуҷуд омадани зарурият ва мутобиқ сохтани қонунгузорӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия ба талаботи меъёрҳои СММ дар бораи мубориза бар зидди коррупсия, соли 2005 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз ҷониби Президенти кишвар ба имзо расид. Мақсади қонуни мазкур аз ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ман-

фиатҳои ҷамъиятӣ, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҷиноятҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд.

Бо нияти амалӣ сохтани асоси институтсионалии мубориза бо коррупсия соли 2004 дар сохтори Прокуратураи Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон сохтори махсуси мубориза бо коррупсия ташкил шуд.

Бо мақсади муборизаи бевосита бо коррупсия дар мамлакат ва муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зиддикоррупсионии давлат, ба мубориза ҷалб намудани ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналхалқӣ барои мубориза бо коррупсия бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007 таҳти №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт.

Баъди таъсиси мақомоти агентӣ, 20-уми апрели соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид, ки он вазифа, самтҳои асосии фаъолият, принсипҳо, низом, сохтор ва ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои хизматчиёни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба роҳ мемонад. Вазифаҳои асосии Агентӣ аз пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтишоти ҷиноятҳои коррупсионӣ, инчунин гузаронидани назорати давлатии молиявӣ иборат мебошад.

Мубориза бо коррупсия ва таъсиси Агентӣ иродаи қатъии Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади расидан ба ҳамфикрии байни ҳамаи қуввахои солим ва дар амал ҷорӣ намудани сиёсати роҳбари давлат дар мубориза бо коррупсия мебошад.

Албатта, гуфта намешавад, ки муборизаи пурра бо ин намуди ҷинояти хусусияти коррупсионидошта имконпазир аст, зеро он дорои латентнокии баланд мебошад, яъне ин ҷиноят нисбати содиршавиашон камтар дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба қайд гирифта мешаванд, зеро дар асл ҳам порадиҳанда ва ҳам порагиранда кӯшиш мекунанд, ки ин кирдор пинҳонӣ содир шавад ва сирри миёни тарафҳо боқӣ монад. Аз ин ҷо бармеояд, ки тарафҳо барои ошкор гардидани кирдорҳои пинҳониашон ҳавасманд намебошанд.

Муқовимат ба коррупсия – аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат ба он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

Мавқеи муқовимат ба коррупсияи ин ё он давлат – аз сиёсати зиддикоррупсионии вай вобастагӣ дорад. Сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи иродаи ҳокимият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо мақсади паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ ва таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои бо коррупсия алоқамандбуда, бо роҳҳои таъмини амалигардонии самтҳои зерин равона карда мешавад:

– баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти марказӣ ва маҳалии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, тавассути таҳия, мунтазам мукаммал ва амалӣ намудани барномаҳои идоравии зиддикоррупсионӣ дар самти фаъолияти онҳо;

– дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ, ки айният ва шаффофиятро мавриди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қарорҳои идоравӣ, инчунин ҳамкории байни-

идоравии электронии мақомоти зикршуда бо шаҳрвандон ва ташкилотҳо дар доираи низоми ҳукумати электронӣ, расонидани хизматрасонии давлатӣ;

– имплементатсияи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии аз тарафи Тоҷикистон эътирофгардида ва уҳдадориҳои дигари байналмилалӣ, аз ҷумла дар доираи иштироки намояндагони ваколатдори Тоҷикистон дар иқдомҳои минтақавии зиддикоррупсионӣ дар шакли тавсияҳои мониторингӣ ва рейтингӣ дода шуда, бо роҳи ҳуқуқэҷодкунӣ ва гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– криминализатсияи талаботи ҳатмӣ ва иловагии Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия бо пешбинӣ намудани паҳлӯҳои асосии ин самт ҳамчун тадбирҳои ҳуқуқэҷодкунанда дар Стратегия;

– таҳияи механизми иҷрои талаботи меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» оид ба низоми пешгирии коррупсия ва такмили минбаъдаи ин низом дар Қонуни зикршуда;

– такмили низоми назорати давлатии молиявӣ ва аудит оид ба хароҷоти мақсадноки маблағҳои буҷетӣ;

– таҳлили соҳавии хавфҳои коррупсия дар мақомоту муассисаҳои давлатӣ;

– такмили шароит, расмиёт ва механизмҳои хариди давлатӣ, аз ҷумла бо роҳи васеъ намудани амалияи гузаронидани музоядаҳо дар шакли электронӣ, инчунин такмили расмиёти дахлдор;

– баланд бардоштани аҳамиятнокии мақомоти маъмурӣ ва дохилиидоравӣ оид ба риояи талабот нисбат ба рафтори хизматии хизматчиёни давлатӣ ва батанзимдарории бархурди манфиатҳо;

– вусъат додани низоми маърифати ҳуқуқии ҷомеа;

– такмили кори воҳидҳои хадамоти кадрҳо ва аудити дохилии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷорӣ намудани масъулият ва маҳаки нишондиҳандаҳои натиҷаи фаъолияти хизматии онҳо оид ба пешгирии коррупсия ва ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ;

– тадқиқоти даврии маҷмӯии ҳолати коррупсия ва самаранокии тадбирҳо оид ба пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия дар миқёси ҷумҳуриявӣ ва минтақавӣ бо истифодаи усулҳои махсуси тафтишот ва кумаки техникӣ;

– таҷдиди назар кардани қонунгузории мурофиавии судии граждани ва иқтисодӣ;

– баланд бардоштани самаранокии иҷрои қарорҳои судӣ;

– таҳияи асосҳои ташкилӣ ва ҳуқуқии мониторинги ҳуқуқтатбиққунӣ бо мақсади таъмини қабули саривақтии қарорҳо дар ҳолатҳои бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинишуда;

– такмили асосҳои ташкилию методии экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррар намудани натиҷаҳои мусбии баррасии хулосаҳои он дар таносуби дарсад ба сифати нишондиҳандаи натиҷаи фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда;

– татбиқи босамар ва мақсадноки маҳдудиятҳо, манъкуниҳо ва уҳдадориҳо, ки бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади пешгирии коррупсия муқаррар карда шудаанд доир ба шахсоне, ки мансабҳои давлатиро ишғол менамоянд, аз ҷумла шахсони мансабдорони ҳокимияти давлатӣ;

– баланд бардоштани сифати омодагии касбии мутахассисон дар соҳаи ташкили пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия;

– такмили низоми баҳисобгирии молиявӣ ва ҳисоботдиҳӣ мувофиқ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ;

– вусъат додани иштироки Тоҷикистон дар ҳамкории байналмилалии зиддикоррупсионии ҳуқуқӣ, аз ҷумла коркарди асосҳои ташкилии ташаббусҳои минтақавии зиддикоррупсионӣ, мубодилаи таҷриба бо давлатҳои дигар дар ҷараёни таълими мутахассисон бо роҳи ташкили таҷрибаомузии онҳо, тадқиқоти сабаб ва оқибатҳои коррупсия ҳангоми тайёр кардани кадрҳо, иштирок дар семинарҳо, конференсияҳо ва мизҳои мудаввар;

– бартараф намудани ҳама гуна омилҳои тавлидкунандаи коррупсия, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармоягузориҳо монеагӣ мекунанд;

– омӯзиши амалия ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами хориҷӣ оид ба муқовимат ба коррупсия;

– таъмини иштироки манфиатдори ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ дар ҷараёни муқовимат ба коррупсия.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ оид ба мафҳуми коррупсия ақидаи ягона ҷой надорад. Чунончи, онро ба фаҳмишҳои зерин ифода мекунанд:

– коррупсия – сӯиистифода аз ваколатхои мансабӣ мебошад, ки бо мақсади ғаразнок содир мешавад;

– коррупсия – сӯиистифода аз вазъи хизматӣ, ки ба манфиатҳои шахсӣ содир мешавад, ҳамчунин суиистифодаи ғаразнок аз вазъи хизматӣ, ки дар харида гирифтани хизматчиёни давлатӣ ифода мегардад;

– коррупсия – унсури ҷиноятқории муташаккил аст;

– коррупсия – тарзи дилхоҳи қасдона вайрон кардани ваколатҳои хизматӣ аз ҷониби шахси мансабдор мебошад;

– коррупсия – ин порагирӣ аст;

– коррупсия – созиши ғайриқонунии байни корманди мақомоти давлатӣ ва ашхоси корафтода аст;

– коррупсия – боварии шаҳрвандонро ба давлат ва ояндаи нек коста месозад;

– коррупсия – табақаҳои камбизоати аҳолиро аз имкони комёб шудан ба сатҳи шоистаи зиндагӣ маҳрум мекунад.

Донишҳои сиёсӣ ба коррупсия чун пастқунандаи нуфузи ҳокимият дар назари халқ муносибат мекунанд. Сиёсатшиносон ҳангоми таснифи коррупсия, асосан маблағгузории ғайриқонунии ҳизбҳои сиёсӣ, сӯиистифода аз ваколатҳои дар парлумон дошта, савдои мақоми дошта ва ба ҳаминҳо монандро коррупсияи сиёсӣ эътироф менамоянд[18]. Л.В. Гевлинг дуруст зикр намудааст, ки коррупсияи сиёсӣ клептократияро (аз *klepto* – дуздидан ва *kratos* – ҳукмрони кардан: ҳокимияти дуздонро) ба миён меоварад[19].

Донишҳои сотсиологӣ бо ҳамчун муносибатҳои инкорӣ (радшаванда) муносибат мекунанд. Профессор К. Фридрих чунин зикр менамояд: «Коррупсия чунин намуди рафторе мебошад, ки зидди меъёрҳои ахлоқии ҷамъиятӣ мебошад. Рафтори зиддиҷамъиятӣ буда, аз ҷиҳати рӯҳи – манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои ҷомеа боло гузошта мешавад».

Ҳамин тавр, коррупсия падидаи иҷтимоиест, ки дар тафаккури ҷамъиятӣ низ фаҳмиш ва тафсири якхела надорад. Имрӯзҳо муносибати шаҳрвандон бо коррупсия гуногун буда, онро бо «ришва», «сӯиистифода аз мансаб», «пораситонӣ», «судхӯрӣ», «падидаи тамаллуққорӣ», «хушомад задан», «хешутаборбозӣ» ва ғайра мешуморанд. Бо вуҷуди ин ҳама, новобаста аз зиёд будани фаҳмиш ва нуқтаи назари гуногун ба нисбати коррупсия, аксарияти одамон дар ақидаанд, ки ин амал ҳамчун зуҳуроти манфӣ пояҳои ҷомеаро вайрон намуда, таҳаввулоти ҷомеаро зери хатар мегузорад, вазъияти рифоҳӣ ва ахлоқии одамонро хароб ва ба пайвасти институтҳои давлатӣ доираҳои ҷиноятӣ ва коҳиш ёфтани боварии мардум нисбати мақомоти давлатӣ, оварда мерасонад.

[18] Богуш Г.И. Коррупция и международное сотрудничество в борьбе с ней: дисс. … к.ю.н., 12.00.08 Москва, 2004.– С.24.

[19] Гевелинг Л.В. Клептократия. Социально-политическое измерение коррупции и негативной экономики. Борьба африканского государства с деструктивным формами организации власти.– М., 2001.– С.10.

ҶАНБАҲОИ ИЛМИЮ АМАЛИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Хушвахтзода Шариф Хушвахт – муовини сардори раёсати мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият, фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузории Агентӣ, полковники адлия

Муқовимат ба коррупсия яке аз самтҳои асосии сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Ҳадафи он фароҳам овардани фазои мусоид дар якдигарфаҳмии қуввaҳои солимфикри ҷомеа баҳри дар амалия ба таври мунтазам ташаккул ва тавсеа додани сиёсати муқовимат ба коррупсия ба шумор меравад, ки он фарогири маҷмӯи тадбирҳои гуногунҷабҳа ва пешгирикунанда дар таъмини ислоҳоти мақомоти давлатӣ ҳамчун идомаи мантиқии сиёсати пешгирифтаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Бояд қайд намуд, ки коррупсия ва ҷиноятҳои коррупсионӣ дар марҳилаи кунунии рушди ҷомеа дар меҳвари масоили мубрами ҷаҳони муосир қарор гирифта, ҳаллу фасли он аз ҳамкории бевоситаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои ҷаҳон алоқамандӣ дорад. Дар ин миён, коррупсия ба амнияти миллии як қатор давлатҳо, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳдиди ҷиддӣ эҷод менамояд, ки он дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва суботи ҷомеа монеа пеш меорад. Муқовимат ба коррупсия – мафҳуми ин раванд асосан аз унсурҳои мубориза бо коррупсия ва пешгирии он иборат аст, зеро «мубориза бо коррупсия қисми таркибии сиесати дохиливу хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад»[20].

Дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намуда буданд: «Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чорачӯй карда шавад»[21].

Дар ин асос, бо дарназардошти миқёс ва шаклҳои нави коррупсионӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди глобалии мубориза бо коррупсия дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ буда, дар ин самт чораҳои

[20] См.: Умаров Х.А. Противодействие коррупции в Республике Таджикистан: уголовно-правовые и криминологические аспекты: дисс. … канд. юрид. наук.– М., 2007.– С.15.

[21] Паёми Президенти, Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 с. [Манбаи электронӣ] Низоми воридшавӣ: URL: http://www.president.tj (Санаи мурочиат: 06.02.2021).

дахлдори ташкиливу ҳуқуқиро роҳандозӣ намудааст.

Дар сатҳи байналмиллалӣ яке аз санадҳои асосӣ ва муҳими ҳуқуқӣ ин Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия мебошад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2006 онро расман эътироф намудааст. Дар кишвари мо барои дар сатҳи зарурӣ роҳандозӣ намудани мубориза бо коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, дар ин самт доктринаи миллии ҳуқуқӣ ташаккул ёфт.

Бо мақсади иҷрои уҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идоракунии давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти давлатӣ, сарфакорона ва самаранок истифода бурдани маблағҳои буҷетӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, таҳти рақами 143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Дар давоми панҷ соли фаъолияти худ аз тарафи сохторҳои ҳуқуқии мақомоти зикргардида зиёда аз 4465 ҷиноятҳои коррупсионӣ ва ҷиноятҳои иқтисодии дорои хусусияти коррупсионӣ ошкор гардида, аз рӯи 1365 парвандаи ҷиноятӣ нисбати 1826 нафар, аз он ҷумла 447 парванда аз рӯи далелҳои додан ва гирифтани пора, ришвадиҳии тиҷоратӣ ва ҷиноятҳои мансабӣ ба баррасии судӣ фиристода шудаанд[22].

Бо мақсади ба танзим даровардани фаъолияти Агентӣ ва тобеияти тафтишотии ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта 20 марти соли 2008 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2007, №414 «Дастурамали баҳисобгирии омории ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» қабул гардида, бо мақсади мутобиқ гардонидани онҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи мубориза бар зидди коррупсия ба як қатор санадҳои қонунгузории соҳавӣ тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда шуданд.

Тибқи меъёрҳои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021 №222 тасдиқ шудааст, «Коррупсия дар ҷаҳони муосир дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ маҳсуб меёбад. Аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ масъалаи муқовимат ба коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Дар партави сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқовимат ба коррупсия мунтазам чораҳои мақсаднокро роҳандозӣ намуда, барои ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ пайваста заминаҳои ташкиливу ҳуқуқиро амалӣ намуда истодааст»[23].

Бояд қайд намуд, ки тибқи омори созмони байналмилалии ғайридавлатии “Transparency International” Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 дар рейтинги кишварҳои ҷаҳон аз рӯи сатҳи коррупсия байни 176 давлати дунё ҷойи 151-ро касб намудааст[24].

Аз рӯи омори охирини Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар моҳи ноябри соли 2017 дар ҳудуди Ҷумҳу-

[22]Ниг.: Сомонаи расмии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ] Низоми воридшавӣ: URL: http://www.anticorruption.tj (Санаи мурочиат: 27.10.2023).

[23] Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо Фармони Президенти Ҷумцурии Тоҷикистон аз 03.08 соли 2021 №222 тасдиқ карда шудааст // [Манбаи электронӣ] Низоми воридшавӣ: URL: https://soi.tj/wp-content/uploads/2018/08/strategiya_ru.pdf (Санаи мурочиат: 27.10.2023).

[24] Рейтинг стран по уровню коррупции на 2016 год // [Манбаи электронӣ] Низоми воридшавӣ: URL: http://gotoroad.ru (Санаи мурочиат: 27.10.2023).

рии Тоҷикистон мутобиқи моддаи 319-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) (Гирифтани пора) 125 ҷиноят ва 42 ҷиноят мутобиқи моддаи 320-и КҶ ҶТ (Додани пора) содир шудаанд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли 2016 дар соли 2017 аз рӯи моддаи 319-и КҶ ҶТ (Гирифтани пора) 34 ҷиноят зиёд содир шудааст. Ин далелҳо нигаронкунанда буда, моро барои андешидани чорабиниҳои фаврӣ барои мубориза бо чунин падидаи номатлуб водор месозад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки чорабиниҳо ва усулҳои навин ва самарабахшро барои мубориза бо коррупсия роҳандозӣ намояд ва дар тамоми чорабиниҳои байналхалқӣ оид ба такмили қонунгузорӣ дар рафъи ҳолатҳои коррупсионӣ иштироки фаъол дорад[25].

Аммо, сарфи назар аз хусусияти байналмилалӣ доштани коррупсия, воситаҳои мубориза бо чунин зуҳуроти номатлуб дар доираи қонунгузории миллӣ сурат гирифта, илова бар ин, раванди муттаҳидсозии талошҳои кишварҳои дунё барои мубориза бо он ва қабули санадҳои байналхалқӣ дар ин самт дар сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ ниёз ба такмил дорад. Дар ин ҷода ба сатҳи номукаммали баррасии масъалаҳои марбут ба татбиқи ташаббусҳои байналмилалӣ ва ҳамоҳанг сохтани (унификатсияи) қонунгузории ватанӣ оид ба уҳдадорӣ барои коррупсия диққати махсус мебояд дод. Барои ноил гардидан ба дастовардҳои назаррас дар ин самт на танҳо ҳамкории давлатҳои мухталиф, балки сатҳу сифати тадқиқоти назариявӣ ва ба субот расонидани таҳқиқотҳои васеи илмию назариявӣ, инчунин таҳияи маҷмуи чораҳои зидди коррупсионӣ шарт ва зарур мебошад.

Бо дарназардошти он ки масъалаи мазкур доираи васеъро фаро мегирад, мо бояд моҳияти ҳамкории байналмилалиро дар ин самт мадди назар гирем, ки он ба ташаккули «иттиҳоди зиддикоррупсионӣ»-и ягонаи чаҳонӣ нигаронида шуда, мавҷуд набудани он ба самаранокии сиёсати зиддикоррупсионии давлат таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамин тавр, татбиқи муқаррароти санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, ҳамоҳангии онҳо ба қонунгузории миллӣ асоси сиёсати Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, иҷрои вазифаҳои мазкур дар ҷомеаи муосир аввалиндараҷа мебошанд.

[25]Ниг.: Сомонаи расмии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон // [Манбаи электронӣ] Низоми воридшавӣ: URL: http://www.anticorruption.tj (Санаи мурочиат: 27.10.2023).

СУБЪЕКТ ВА ОБЪЕКТИ ҶАҲОНБИНИИ ЗИДДИКОРРУПСИОНӢ

Шарифзода Аҳтам Назаралӣ – муовини сардори раёсати мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ва фаъолияти соҳибкории Агентӣ, майори адлия

Дар замони имрӯза, баҳри пешрафти ҷомеаи муосир, пешрафтаву демократӣ ва ҳуқуқбунёд якчанд монеаҳо ва хатарҳо таҳдид карда истодаанд, ки яке аз хатарноктарини онҳо ин коррупсия мебошад. Бояд қайд кард, ки коррупсия ин амали номатлуб буда, инсонро аз виҷдон, дин ва амалҳои накӯ дур месозад. Тоҷикистон, ки узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аст, баҳри решакан намудани ин амали номатлуб чандин стратегияву барнома ва дар қонунгузорӣ ҷазоҳои сахтро ба шахсони дастзананда ба коррупсия пешбинӣ намудааст. Коррупсия амали ниҳоятан пасту палидона буда, барои пешрафти зиндагии шоиста, таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандон ва дигар унсуроти ҷомеа халал ворид месозад.

Бояд зикр кард, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои милат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар чандин маротиба Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидааст, ки намунаи охирони он «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад. Мавриди ба зикр аст, ки таҳти сарварӣ ва иқдомоти оқилонаи Пешвои тоҷикони ҷаҳон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвар якчанд амру фармонҳо ба имзо расид, ки ин ҳама ҷиҳати пешгирӣ ва решакан намудани амалҳои коррупсионӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон басо мусоидаткунанда аст. Масалан, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22-юми июни соли 2023, №586 боис мегардад, ки сатҳи коррупсия дар кишвар коҳиш ёфта, вақти мардум сарфа гашта, шароити зиндагии мардум рӯ ба беҳбудӣ оварад. Аз ин рӯ, ҳар як сокини кишварро зарур аст, ки дар баробари мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ин падидаи номатлуб мубориза бурда, барои саҳм гузоштан дар рушду тараққиёти давлат ва зиндагии шоистаи мардум саҳми босазои худро гузорад ва дар ин хусус Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин гуфтаанд: «Фаромӯш набояд кард, ки мубориза ба муқобили коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд бетараф набошад. Танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем сатҳи коррупсияро дар мамлакат коҳиш диҳем».

Густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар асоси ҷанбаҳои маърифатӣ-ҳуқуқӣ имконпазир аст. Аз ин лиҳоз унсури муҳими ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ субъект ба шумор меравад. Дар адаби-

ётҳои ҳуқуқӣ зери мафҳуми субъекти ин ё он самти фаъолияти таъсиррасонӣ иддаи институтҳои иҷтимоӣ ва ашхоси алоҳида, ки ҳадафҳояш ба ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионии шахс нигаронида шудааст пиндошта мешавад. Аз нигоҳи К.Т. Белский, илова бар мақомоти давлатӣ, иддаи субъектони ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ аз коллективи меҳнатӣ, мактаб ва оила иборатанд.

Аз нигоҳи А.С. Мерзликин, ба субъект ва объекти густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ мақомот ва муассисаҳои давлатӣ, ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки аз рӯи вазифаҳояшон ба фаъолияти тарбиявӣ дар самти ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ машғуланд, шомил мегарданд.

Субъекти асосии ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ давлат ба шумор меравад. Давлат вазифаҳои умумии ҷаҳонбинии зиддикоррупсиониро вобаста ба ташкил ва ҳамоҳангсозии фаъолияти иддаи субъектон муайян менамояд. Давлат ҳамчун субъект ва ташкилотчии асосии ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ, мазмуни ғоявӣ-сиёсии коррупсияро муайян ва амалӣ менамояд.

Кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта, робитаи байни ҳамдигарии порагирандаро (коррупсионер) бо порадиҳанда (коррумпер) ва усулҳои истифодаи таъсиррасонро ба объекти он тақозо менамояд. «Порагиранда» ва «порадиҳанда» ҳамчун категорияҳои асосӣ дар анҷом додани ҳаракат (беҳаракатии) ғайриқонунии хусусияти коррупсионидошта «субъект» ном бурда мешавад.

«Субъект» калимаи лотинӣ буда маънои «шахсро»-ро дорад. Калимаи субъект хоси низоми солимӣ ё низоми номатлуби иҷтимоӣ мебошад. Аз ҷониби дигар, «субъект» ба ҳайси унсури низомсоз маҳсуб аст. Агар мо ба мафҳуми низом тобишиилмӣ диҳем, пас он ба ду намуд ҷудо мешавад:

– низоми фаъол ё солим ва комили падидаҳои иҷтимоӣ (низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ ва ғ), ки ҳадафи асосии он мусоидат намудан ба рушду нӯмуи ҷомеа ва беҳбудии сатҳи ҳаёти солим нигаронида шудааст;

– низоми ғайрифаъол ё ғайриқонунӣ (ғайрирасмӣ) дар илми криминология, сотсиология ва психологияи ҳуқуқӣ ҳамчун асоси густариши кирдори номатлуби иҷтимоӣ эътироф шудааст. Бояд тазаккур дод, ки «низоми ғайрифаъол» аз ҷониби илмҳои дигар мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода мешавад. Истифодаи калимаи мазкур дар ин ҷо бесабаб нест. Алалхусус, ба он хотир аст, ки «субъект» унсури муҳими низом-система ба шумор меравад. Пас дар ҷое, ки кирдорҳои номатлуби хусусияти коррупсионидошта мушаххасанд, инкор намудани низоми он ғайриимкон аст.

Вале «субъект» унсури ягона ва хоси низоми муайян наметавонад. Зеро низом аз маҷмӯи унсурҳо иборат аст ва ҳузури ҳар яки он аз иҷрои нақши мушаххас иборат мебошад. Аз ҳама муҳимаш унсурҳо дар алоқамандии байниҳамдигарӣ амал менамоянд.

Аз ин лиҳоз, гуфтан ба маврид аст, ки ба ҳайси субъектҳои ғайрифаъоли кирдорҳои коррупсионӣ «порадиҳанда», «порагиранда» даромад менамоянд. Аз ҷониби дигар ба ҳайси субъекти низоми фаъол мақомоти давлатӣ Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳадафи асосии фаъолияти он иборат аз пешгирӣ ва мубориза ба коррупсия мебошад. Ё худ дигар институтҳои иҷтимоӣ-маърифатӣ, ки дар ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ва рафти коррупсия саҳмгузоранд.

Нисбати объекти ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ, фикру ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Ба ақидаи Чиркин С.А., объекти ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ашхосе, ки бо он шахсони масъул корҳои густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ мегузаронанд, фаҳмида мешавад. Аз нигоҳи З.А. Бренчев бошад, иддаи шаҳрвандон, аз ҷумла ҷавонон на аз диди объект, балки ба ҳайси субъекти шуури ҳуқуқӣ арзёбӣ мегарданд. Аз ҷониби дигар тарбияи ҳуқуқӣ нисбат ба ташаккули шуури ҳуқуқӣ вазифаи муштаракро анҷом медиҳад, ки ашхоси маҳкумшуда метавонад дар ҷараёни он ба ҳайси объекти он баромад намояд.

Яке аз хусусиятҳои густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ бевосита бартараф намудани нуқсонҳои ҷойдоштаи рафтор ва дар ин замина қолабшикани намудани мафкураи ҳукмронӣ то тарбия ва ба ивази он ташаккули мафкураи тозаи зиддикоррупсионӣ мебошад. Дар ҳақиқат решакан намудани унсурҳои номатлуби зиддиҷамъиятӣ инчунин арзёбии рафтори манфӣ дар ҷараёни густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ, боиси тағйирёбии типологияи шахс мегардад. Дар ин марҳила донишу малакаи ҳуқуқӣ дар самти густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ нисбатан васеъ мегардад, барои азхудкунии арзишҳои ҳуқуқӣ ва дарки зарурати он замина муҳайё мешавад. Комёб гаштан ба чунин сатҳи азхудкунии донишҳои ҳуқуқӣ, меҳнати сермаҳсули омӯзгору устодон ва мураббиёнро тақозо менамояд.

Кирдорҳои хусусияти коррупсионидошта хоси намудҳои алоҳидаи ҳуқуқвайронкунӣ дониста мешавад. Аммо, танҳо мо яке аз намудҳои вазнинтарини ҳуқуқвайронкунӣ, яъне объекти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидоштаро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор медиҳем.

Истилоҳи «объект» аз калимаи лотинӣ баромада маънои «ашёро дорад» дорад. Вале ашё на ҳамеша объекти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта метавонад бошад.

Аз ин ҷо дар зери объекти ҷинояти коррупсия аломати ҳатмии таркибии ҷиноят, ки феълан хатари ҷамъиятиро вобаста ба намудҳояш инъикос менамояд, пиндошта мешавад. Объекти ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, муносибатҳои ҷамъиятии ҳифзгардидаи меъёрҳои қонунгузории ҷинотятӣ мебошад, ки дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ё худ зараррасонии ҷинояткор ба маҳдудияту маҳрумият дучор мешавад, муайян мегардад.

Дар иртибот ба ин объекти ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ сатҳи шуур ва тамоюли рафтори ҳуқуқии шахс арзёбӣ мегардад. Дар навбати худ шуур муайянкунандаи самт ва мазмуни рафтори баргузидаи инсон ба шумор меравад. Аз тарафи дигар шуур ҳамчун объект мансуби тарзу воситаҳои таъсирасонӣ мебошад. Шуур аз рӯйи мароми худ як тарзи ифодакунандаи ҷаҳонбинии шахс аст. Аниқтараш шуур ҳамеша объекти таъсирасонии тарбияи ҳуқуқӣ шуморида мешавад ва дар ин замина тавассути истифодаи тарзу усулҳои самараноки тарбияи ҳуқуқӣ густариши ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ анҷом дода мешавад Агар ташаккули шуури ҳуқуқӣ мақсади умумии тарбияи ҳуққиро фаро гирад, пас дар таркиб ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ ҳадафҳои тарбияи ҳуқуқиро вобаста ба мавқегирӣ мустақиман дақиқ ва мушаххас мегардонад.

ҲАМОҲАНГСОЗИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ ВА ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ДАР МАСОИЛИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Раҳмонзода Фаромарз Назришо – нозири калони раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентӣ, капитани адлия

«Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад».

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар замони муосир ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ин ҷаҳонишавии коррупсия ба ҳисоб рафта, он ба вазъи иҷтимоӣ, амнияту суботи ҷомеа, арзишҳои демократӣ ва меъёрҳои ахлоқу адолат таҳдиди бевосита дорад. Имрӯз коррупсия дар қатори дигар ҷиноятҳо аз қабили терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва амсоли он яке аз ҷиноятҳое ба ҳисоб меравад, ки дигар хоси як давлат набуда, он хусусияти байналмилалиро ба худ касб кардааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолият ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатари ин падидаи номатлуб эмин ва дар канор набуда, баҳри ба роҳ мондани муқовимат ба коррупсия ва аз байн бурдани сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда тадбирҳои зуруриро амалӣ намуда истодааст.

Дар сатҳи байналмилалӣ кишвари мо соли 2003 Нақшаи амалҳои Истамбулии оид ба мубориза бо коррупсияи Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушдро пазируфт. Соли 2006 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсияро ба имзо расонида, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2008, №598 тасдиқ карда, онро ба низоми ҳуқуқии кишвар шомил намуд.

Дар сатҳи дохилидавлатӣ бошад, то ба имрӯз се барномаи давлатии зиддикоррупсионӣ ва нақшаи чорабиниҳои амалигардонии онҳо ба тасвиб расида, заминаҳои ҳуқуқӣ барои ошкор ва бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, гузаронидани назорати давлатии молиявӣ, экспертизаи давлатии зиддикоррпупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо,

таҳлили хавфҳои коррупсионӣ, риояи одоби касбӣ, инчунин ҷавобгарии интизомӣ, гражданӣ, маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои содир намудани ҳуқуқваронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд муқаррар карда шуд.

Бо мақсади иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ, таъмини шаффофият дар хизмати давлатӣ, ба роҳ мондани муборизаи беамон ба коррупсия ва дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 мақомоти махсуси зиддикоррупсионӣ – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки он дар ҳаёти сиёсии кишвар дар самти паст намудани шиддати коррупсия таҳаввулоти бузургеро ба бор овард.

Дар як вақт баҳри ҳамоҳанг сохтани фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия аз ҳисоби намояндагони ниҳодҳои давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои ҷамъиятӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 декабри соли 2010, №968 Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.

Тибқи низомномаи тасдиқгардида Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун роҳбари Шӯрои миллӣ ба ҳисоб рафта, беш аз бист роҳбарони мақомоти давлатӣ ва понздаҳ намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳайси аъзои он фаъолият менамоянд.

Шӯрои миллӣ мақоми машваратӣ буда, дар рафти ҷаласаҳои он ҳисоботи мақомоти алоҳидаи давлатӣ оид ба татбиқи барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ, натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ, ошкор ва кам кардани хавфҳои коррупсионӣ, натиҷаҳои санҷишҳои молиявӣ, тадбирҳои андешидаи ниҳодҳои давлатӣ оид ба бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда, инчунин ҳисоботи комиссияҳои ҷамъиятӣ шунида мешаванд.

Бо натиҷаи ҷаласа қарор қабул карда шуда, баҳри дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ такмил додани фаъолияти мақомоти давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия дастурҳои мушаххас дода мешавад.

Ҳамзамон бо мақсади ба роҳ мондани назорати ҷамъиятӣ нисбати қарорҳои қабулкардаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии шаҳраку деҳот дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо ҷалби намояндагони аҳли зиё, руҳониён, собиқадорони ҷангу меҳнат, соҳибкорон ва дигар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия таъсис дода шудааст.

Комиссияҳои мазкур назорати ҷамъиятиро вобаста ба иҷрои санадҳои қонунгузорӣ, барномаҳо ва нақшаҳои Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия ба роҳ монда, ҳамкории устувору мунтазами мутақобилаи судмандро байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҳамоҳангсозии фаъолияти онҳоро дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионӣ амалӣ менамоянд.

Чӣ тавре ба ҳамагон маълум аст танҳо фъолияти як мақомот дар паст намудани шиддати коррупсия кифоя набуда, зарур аст, ки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин роҳ бетараф набошанд.

Бинобар ин аз нигоҳ мо яке аз роҳҳои асосии паст намудани шиддати коррупсия дар дилхоҳ давлату кишвар ҷаҳон маҳз ба роҳ мондани ҳамкории мутақобила байни ниҳодҳои давлатӣ ва ва ҷомеаи шаҳрвандӣ арзёбӣ мегардад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми вохӯриву мулоқотҳо, чорабиниҳои сиёсӣ доир ба ин падидаи номатлуб изҳори нигаронӣ намуда, баҳри пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои омилҳои коррупсионӣ дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои давлатӣ вазифаҳои мушаххас мегузоранд.

Чуноне ки Пешвои муаззами миллат таъкид намуданд: «Ба роҳ мондани муборизаи қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мар-

дум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад. Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Палатаи ҳисоб, Прокуратураи генералӣ ва дигар субъектҳои ваколатдори соҳа бояд ҳамкориро бо аҳолӣ беҳтар ба роҳ монда, ҷиҳати гузоштани садди устувор дар роҳи амалҳои коррупсионӣ тадбирҳои муассир андешанд».

Бо мақсади таъмини иҷрои саривақтии дастуру ҳидоятҳои сарвари мамлакат баҳри баланд бардоштани самаранокии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсияро ҷиҳати пешбурди кори таҳлилӣ, пешгирӣ, сари вақт ошкор намудану тафтиш кардани ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, инчунин бартараф намудани сабабу шароитҳои ба онҳо мусоидаткунанда ҳамоҳанг месозад.

Аз ин лиҳоз, дар назди Агентӣ аз ҳисоби намояндагони мақомоти дахлдор бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 ноябри соли 2015, №587 Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия таъсис дода шудааст.

Шӯрои мазкур низ мақоми машваратӣ буда, дар ҷаласаҳои он фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар амалӣ намудани фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, таҳқиқу тафтиши пешакии парвандаҳои ҷиноятӣ, пешбурди мубориза бо омилҳои коррупсионӣ бо истифода аз усулҳои граждани-ҳуқуқӣ, таҳлили ҳолати таъмини қонуният ва ҷиноятҳории коррупсионӣ дар мақомот ва ё минтақаҳои алоҳида, пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ба андоз алоқаманд, дигар ҳуқуқвайронкуниҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба содиршавии онҳо мусоидаткунанда инчунин мушкилиҳои дар ин самт ҷойдошта мавриди муҳокима қарор дода шуда, гузориши аъзои Шӯро, роҳбарони воҳидҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ин самт шунида мешавад.

Таъсис додани шӯроҳо ва комиссияҳои ҷамъиятии дар боло зикргардида ба татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон суръат бахшида, дар баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии шаҳрвандон ва ҳамоҳанг намудани фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ бо қишрҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаи мусоидро фароҳам овард.

Гуфтаҳои боло шаҳодати он аст, ки муқовимат ба коррупсия ҷузъи муҳими сиёсати дохиливу хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои зиддикоррупсионӣ тамоми чораҳои муассир роҳандозӣ мегарданд.

Дар воқеъ танҳо дар ҳолати муборизаи дастаҷамъона, ҳамоҳанг сохтани фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масоили муқовимат ба коррупсия мо метавонем шиддати ин падидани номатлубро дар мамлакат коҳиш дода, сазовори зиндагии арзанда гардем.

ТАВСИФИ УМУМИИ ОМИЛҲОИ БАВУҶУДОВАРАНДАИ КОРРУПСИЯ ДАР САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ТИБҚИ ТАЛАБОТИ ҚОНУНГУЗОРӢ ВА ТАҶРИБАИ ҲУҚУҚТАТБИҚНАМОӢ

Сайфиддинзода Нуриддин Сайфиддин – нозири калони раёсати экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии Агентӣ, лейтенанти калони адлия

«Мо бо мақсади ба меъёрҳои байналмилалӣ мутобиқ гардонидани қонунгузории кишвар ва ҷиҳати фарогирии масъалаҳои марбут ба коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ»-ро қабул намудем, ки ба рафъи омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаи онҳо мусоидат менамояд».

Асосгузори сулҳу вахдати миллӣ – Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Дар шароити муосири муносибатҳои ҷамъиятӣ тарзу усулҳои содир намудани амалҳои коррупсионӣ вобаста ба ташаккули муносибатҳои нав гуногун буда, имкониятҳои гуногуни содиршавиро доро мебошанд.

Яке аз заминаҳои асосӣ, ки ба содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ шароит фароҳам меорад, ин мавҷуд будани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия зуҳуроти асосие мебошад, ки ба асосҳои ҳуқуқии содир намудани кирдорҳои коррупсионӣ шароит фароҳам оварда, боиси поймол гардидани ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахрвандон мегардад ва барои қабул намудани қарорҳои дорои хусусияти коррупсионидошта шароит фароҳам меорад.

Бо ҳамин назардошт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» дар таҳрири нав қабул карда шуда, тибқи муқаррароти моддаи 14 он гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикорупсионӣ яке аз чораҳои муҳими пешгирии коррупсия муқаррар гардид.

Тазаккур бояд дод, ки дар низоми чораҳои маҷмӯии муқовимат бо коррупсия – гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад.

Зеро номукаммалии қонунгузории амалкунанда ва қабулшаванда, норасоии меъёрҳо ё духӯра ифода ёфтани онҳо дар меъёрҳои қонунгузорӣ ва лоиҳаҳои онҳо барои содир намудани амалҳои коррупсионӣ ва қабул намудани қарорҳои дорои хусусияти коррупсионидошта замина мегузорад.

Тибқи муқаррароти моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳти мафҳуми «Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия» ин мавҷудияти меъёр (меъёрҳо) дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки он ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба барномаҳои (стратегияҳои) давлатӣ дар самти муқовимат ба коррупсия мухолифат дошта, барои зуҳуроти коррупсия, аз ҷумла бархӯрди манфиатҳо, вайрон намудани одоби хизматӣ ва риоя накардани принсипи шаффофият шароит фароҳам оварда, ба мақомоти давлатии ҳуқуқтатбиққунанда ва шахсони мансабдори онҳо берун аз қоидаҳои умумӣ ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ ва ихтиёрдорӣ дода, имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумии муқарраршуда, ҳамчунин хавфи пайдоиши ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки заминаи пешниҳод намудани талаботи номуайян, иҷрояшон мушкил ва монеаҳои сохтаро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ эҷод мекунад[26].

Мантиқан ин мафҳуми расмӣ «Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия»-ро дар шакли умумӣ ифода карда, таъиноти фаъолиятро дар ин самт пешбинӣ ва роҳҳои афзалиятноки фаъолиятро ҷиҳати ошкору бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия муқаррар намудааст.

Тибқи Конститутсия Тоҷикистон давлати демокративу ҳуқуқбунёд эътироф гардида, бо такя ба меъёри мазкур тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият маҳз мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда шудаанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарогири доираи номуайяни шахсон ва муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандонро ифода менамояд ва ба амалишавии онҳо мусоидат мекунад.

Бо назардошти муҳим будани нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ҳолати мазкур зарурати таҳия, қабул ва мавриди амал қарор додани санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро ба миён мегузорад, ки онҳо аз омилҳои коррупсионӣ орӣ бошанд ва дастовардаҳои Истиқлолияти кишвари моро дар худ таҷассум намоянд.

Дар ҳақиқат омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имрӯз ба ҳайси мушкилоти мавриди таваҷҷуҳ кулли ҷомеаи илмӣ, бахусус олимони ҳуқуқшиносро низ ба худ ҷалб намудааст. Зеро сарфи назар аз он ки дар қонунгузорӣ мафҳуми «омилҳои коррупсионӣ» бештар мавриди истифода қарор мегирад, вале дар илми ҳуқуқ ва амалияи татбиқи он масъалаи омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ дар худ тобишҳои илмиро гирифта, аз нуқтаи назари илмӣ низ мавриди таҳқиқоти амиқ қарор дода шудааст.

Дар байни олимони соҳа оид ба тафсири «омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия» ихтилофи назар ҷой дорад. Аз ҷумла, олими рус А. Нестеров «омили коррупсия»-ро дар илм хеле васеъ тавзеҳ дода, онро ҳамчун «хосияти меъёр, ки дар натичаи маҷмӯи хосиятҳои ғайрикоррупсионии он ташаккул меёбад, ки он потенсиал ва ё дар амал зуҳуроти коррупсиониро якҷоя ба вуҷуд меорад» баҳо додааст[27].

[26] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2012, №925 «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ».

[27] Нестеров А.В. Омили фасод чист? Баррасии Қонуни федералии Федератсияи Русия «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии». Ҷиноятқорӣ ва масъулияти ҳуқуқӣ: маводи Всерос. илмӣ-амалӣ. конф. / resp. ред. Р.Л. Хачатуров.– Тольятти: ДТТ, 2009.– С.227–230.

Мувофиқи суханони О. Кожевников, мафҳуми «омили коррупсия» дар моҳияти худ бояд номгӯи ҳолатҳоеро дар бар гирад, ки ба содир намудани кирдорҳое, ки қонунгузорӣ ҳамчун коррупсионӣ эътироф кардааст, мусоидат кунад.

Аксари олимон мафҳуми «омили коррупсия»-ро аз «муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки барои зуҳури коррупсия шароит фароҳам меорад» шарҳ додаанд. Ҷонибдорони ин назария олимони барҷастаи илми ҳуқуқ – Ю.Г. Арзамасов, М.А. Краснов, Е.В. Талапина ва В.Н. Южаков[28] мансуб дониста мешаванд.

Инчунин, олимони дигари рус ба монанди Ю.С. Избачков, К.Е. Рыбак «омили коррупсия»-ро ҳамчун «маҷмӯи хусусиятҳои расмии меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки барои зуҳуроти коррупсионӣ шароит фароҳам меоранд» тафсир додаанд[29].

Нуктаи назари дигаре, ки дар доираи мақолаи мазкур мебояд қайд намуд ва он аз аҳамият холӣ нест, ин нуқтаи назари олими рус Е.В. Талапина доир ба мафҳуми «омили коррупсия» мебошад. Номбурда зери мафҳуми «омилҳои коррупсия» на танҳо «муқаррароти меъёрҳои ҳуқуқӣ», балки «қарорҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ»-ро, ки хавфи коррупсияро зиёд мекунанд, шомил донистааст.

Ин нуқтаи назар воқеан ҳам аз дигар назарияи олимони соҳа, ки дар боло оварда шуд ба кулли тафовут дорад. Зеро мавҷудияти омилҳои коррупсионӣ сирф дар «қарорҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» низ ба чашм мерасанд.

Таҷрибаи мавриди объекти экспертизаи давлатии зиддикорупсионӣ қарор додани «қарорҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ» дар оянда ба мо имкон фароҳам меорад, ки равандии ҳуқуқтатбиқнамоии хавфҳои коррупсияро пешгирӣ намоем.

Як қатор муаллифони дигар, амсоли А.А. Алексеев, О.Ю. Ильина ва Н.А. Лопашенко бошанд, «омили коррупсия»-ро ҳамчун нуқсонҳои меъёрҳо ва формулаҳои ҳуқуқӣ муайян кардаанд, ки онҳо метавонанд, ки ба зуҳури коррупсия мусоидат кунанд[30].

Ҳамин тавр, таҳлили қонунгузорӣ ва нуктаҳои назари олимони соҳа дар мафҳуми «омили коррупсия» ду равишро муайян менамояд, яъне якум равиши васеъ ва дигаре равиши маҳдуд.

Намояндагони равиши васеъ «омили коррупсия»-ро ҳамчун муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) тавсиф мекунанд, ки онҳо метавонанд барои «қонунияти коррупсия» шароит фароҳам оваранд.

Дар равиши назарияи маҳдуд бошад, мафҳуми «омили коррупсия» танҳо аз ҷиҳати қонунгузорӣ фаҳмида шуда, таҳти ин мафҳум «муқаррароти (камбудиҳои) меъёрии ҳуқуқие фаҳмида мешаванд, ки барои иҷрокунандаи ҳуқуқ доираи беасоси васеъи салоҳият ё имконияти истифодаи беасос ва истисноҳоро аз қоидаҳои умумӣ муқаррар менамояд, ки дорои меъёрҳои норавшан, душвор ва (ё) номушаххас мебошанд», фаҳмида мешавад. Ба ғайр аз ин, «талаботи гарон ба шаҳрвандон ва ташкилотҳо» ва бо ҳамин монанд «фароҳам овардани шароит барои зуҳури коррупсия» омили дигари бавуҷудоварандаи коррупсия тибқи ин назария мансуб дониста мешавад.

Бо назардошти он, ки ҳама гуна таъриф бояд тамоми хусусиятҳои асосии мафҳумро дар бар гирад, мо зарур мешуморем, ки таърифи расмии мафҳуми «омили коррупсия», ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ифода ёфтааст, ҷонибдорӣ карда шавад.

---

[28] Арзамасов Ю.Г. «Экспертизаи зиддикоррупсионӣ ҳамчун қисми таркибии экспертизаи умумии мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ: заминаи ҳуқуқӣ; таҳлили омилҳои коррупсионӣ; Роҳҳои такмили методология // Баррасии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо барои коррупсия: мазмун, аҳамият, методология».– М.: Акад. Прокуратураи генералии Рос. Федератсия, 2010.– С.11–22.

[29] Избачков Ю.С., Рыбак К.Е. «Методологияи нави гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионӣ» // Ҳуқуқ ва иқтисод.– 2010.– №9.– Саҳ.10–14.

[30] Лопашенко Н. «Омилҳои коррупсионӣ: тағироти хатарноки тафсири меъёрӣ» // Қонуният.– 2009.– №10.– С.13–19.

Дар маҷмӯъ, ба маънои васеъ мақсад аз гузаронидани «экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад, ин ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва безарар гардонидани ҳолатҳои имконпазири коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Тазаккур бояд дод, ки омили коррупсия ҳама вақт дар шакли мушаххас маълум буда наметавонад. Ошкор намудани он истифодаи маҷмӯи муайяни усулҳо ва амалиётҳоро дар бар мегирад.

Вобаста ба оқибатҳои ҷой доштани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намудан ҷоиз аст, ки он равандӣ муътадили соҳаҳои танзимкунандаи санадҳои меъёрии ҳуқукии кишварро поймол намуда, ба субъектони алоҳида бартарӣ ва имтиёзҳои дар қонунгузорӣ мавҷуднабударо татбиқ менамояд.

Тавре ба мо маълум аст, ваколати қабули санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор асосан мутобиқ ба қувваи ҳуқуқиашон, ки он дар моддаи 9 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ карда шудааст, аз ҷониби Маҷлиси Олӣ, мақомоти ваколатдор ё шахсони мансабдори барои қабули санади дахдор ваколатдор амалӣ карда мешавад.

Ҳама гуна санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки аз ҷониби субъектони болозикр қабул карда мешавад, метавонад дар худ меъёрҳои хусусияти коррупсиониро ҷойгир намояд ва боиси суиистифода ҳуқуқ гардад, ки он метавонад хатари изофӣ барои ташаннуҷи иҷтимоӣ дар ҷомеа ва ташаккули нобоварӣ ба мақомоти давлатӣ гардад.

Маҳз қонунҳои дорои хусусияти коррупсионидошта метавонанд барои шахсони мансабдори давлатӣ як «равзанаи» иловагие созанд, ки барои ҳалли мушкилоти бамиёномада, ки ба он ченаки «пул»-ро андохтан имконпазир бошад, фароҳам созад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки номукаммалии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба сатҳи баланди коррупсия, бесаводии ҳуқуқии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва паст шудани сатҳи фарҳанги ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд. Мавҷудияти хавфҳои коррупсионӣ дар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз рӯи таҷриба дар сурате ба миён меояд, ки агар дар лоиҳа мақомоти таҳиякунанда меъёрҳоеро ҷой диҳад, ки онҳо «манфиатҳои идоравӣ»-ро дар бар гиранд.

Ин ҳолатҳо пеш аз ҳама, дар мавридҳое ба вуҷуд меоянд, ки субъектони таҳиякунандаи лоиҳа матни онро бе заминаи муайяни ҳуқуқӣ таҳия менамоянд ва талаботҳои қонунгузории амалкунандаро ба инобат намегиранд. Маҳз ҳамин ҳолатҳо монеаи ҷиддии бунёди волоияти қонун дар мамлакат гашта, ба мушкилотҳои рӯзафзуни «коррупсия» дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мегарданд. Онҳо ба тамоми соҳаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва маънавии давлат таъсири манфӣ мерасонанд, проблемаҳои бе ин ҳам мураккабро, ки ба марҳалаи ҳозираи тараққиёти мамлакат хосанд, тезу тунд мегардонанд.

Ҷиҳати пешгирии ин ҳолат дар таҷрибаи давлатҳои муваффақ яке аз воситаҳои муборизаи бар зидди коррупсия, яъне санҷиши коррупсионӣ будани меъёрҳои эҷодӣ (экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) истифода бурда мешавад.

Ин восита дар қонунгузории давлатҳо аз конвенсияҳои байналмиллалии зиддикоррупсионӣ ҷорӣ карда шуда, асосан мавҷуд набудани таҷрибаи муқарраршудаи татбиқи онро дар шароити давлатҳо муайян мекунад. Дар давлатҳои хориҷӣ мақсади асосии экспертизаи зиддикоррупсионӣ ин муайян намудани омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (лоиҳаҳои онҳо) ва бартарафсозии минбаъдаи онҳо мансуб дониста шудааст.

Ҳамин тавр, мафҳум ва моҳияти омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар боло мавриди тавзеҳ ва шарҳи илмиву расмӣ қарор гирифт, таҷрибаи муваффақи қонунгузо-

рии кишвар ва назарияи олимони илми ҳуқуқ ба шумор рафта, онҳо ҳадафан ҷиҳати ҷой надодани ба ҳеҷ як омили коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона карда шудаанд.

Чунки дар дилхоҳ ҳолат омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳахои онҳо ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, манфиатҳои давлат ва равандди дурусти идоракунии давлат дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ таъсири манфӣ расонида, барои бунёди ҳадафҳои созандаи кишвар халали ҷиддӣ эҷод менамояд.

Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия тибқи қонунгузории зиддикорупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мамлакатҳои хориҷа ба ячанд намудҳо тасниф карда шуда, зимнан маҳаки асосии таснифоти онҳо ба тарзи таҳкимёбии онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад.

Дар робита ба ин, масъалаҳои типологияи омилҳои коррупсионӣ аҳамияти хоса доранд. Дар баробари ин бояд гуфт, ки назарияи олимон вобаста ба таснифоти намудҳои омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ҳанӯз дар илми ҳуқуқ пурра ҳалли худро наёфтааст.

Таҳлили қонунгузории зиддикоррупсионӣ нишон дод, ки бо ташаккули консепсияи экспертизаи зиддикоррупсионӣ дар марҳилаҳои аввал типологияи омилҳои коррупсионӣ хеле васеъ шуда, баъдан баръакс коҳиш ёфт.

Экспертизаи давлатии зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ намуди ташхисе маҳсуб меёбад, ки он дар кишвари мо ба мавзӯи тадқиқоти илмӣ дар солҳои наздик ворид гардид. Вале бо вуҷуди маъруфият дар баҳсҳои илмӣ, то ҳол арзиши зарурати он ба таври лозима баҳогузорӣ карда нашудааст.

Ин ҳолат махсусан дар низоми фаъолияти қонунгузории Федератсияи Россия ба мушоҳида мерасад, ки дар низоми қонунгузории зиддикорупсионии ин кишвар намудҳои омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия давра ба давра ташаккул ёфтааст.

Яке аз усулҳои аввалини экспертизаи зиддикоррупсионӣ, ки дар заминаи Маркази тадқиқоти стратегии Федератсияи Россия соли 2004 таҳия гардид, 11 намуди омили бавуҷудоварандаи коррупсияро муайян кард.

Дар қаринаи минбаъдаи методология, ки ба фаъолияти мақомоти иҷроияи федералии Федератсияи Россия нигаронида шудааст, 16 омили коррупсионӣ муқаррар карда шудаааст ва дар усули таҳлили ибтидоӣ, ки соли 2007 таҳия гардид, 22 омили маъмулии коррупсионӣ пешниҳод гардид. Ба ғайр аз ин, дар Федератсияи Россия таҳкимбахшии намудҳои омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ баён карда шудаанд.

Чунончи, мутобиқи Қарори Ҳукумати Федератсияи Россия аз 17 июли соли 2009, №172-ФЗ «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» Қоидаҳои нави экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуд, ки он 17 аломати коррупсиониро дар худ ифода намуд.

Аммо ин санади ҳуқуқӣ, ки феҳристи омилҳои коррупсиониро тасдиқ кардааст, охирин набуд ва бо Қарори навбатии Ҳукумати Федератсияи Россия аз 26 феврали соли 2010, №96 методологияи нави гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тасдиқ карда шуд, ки дар он ҳамагӣ 11 омили коррупсионӣ нигоҳ дошта шудааст.

Дар байни намудҳои омилҳои коррупсионии дар навбати аввал қабулшуда чанд намуди онҳо аз ҷумла: – «омили мавҷудияти холигии воқеии танзими ҳуқуқӣ»; «мавҷуд набудани мамнӯъиятҳои пешгирикунанда ва маҳдудиятҳо барои мақомот (набудани меъёрҳои пешгирикунандаи зидди коррупсия)»; «мавҷуд набудани меъёрҳое, ки имконияти амалӣ намудани назорат, аз ҷумла назорати ҷамъиятиро ба фаъолияти мақомоти давлатӣ таъмин мекунанд»; набудани меъёрҳои масъулияти мақомот»; «мавҷуд набудани меъёрҳое, ки имконияти амалӣ намудани назорат, аз ҷумла назорати ҷамъиятиро ба фаъолия-

ти мақомоти давлатӣ таъмин мекунанд»; «набудани меъёрҳои масъулияти мақомот; вайрон кардани низоми шаффофияти иттилоот» ва «зиддиятҳои меъёрӣ» истисно карда шудаанд.

Дар ин бобат олимони рус, Ю.С. Избачков ва К.Е. Рибак қайд мекунанд, ки истисно кардани се омили охир барои таҳлили зиддикоррупсионӣ ғайри қобили қабул аст, зеро маҳз онҳо имкон доданд, ки эҳтимолияти зуҳуроти хатарноки коррупсия, махсусан дар якҷоягӣ бо дигар омилҳо муқаррар карда шавад.

Тавре ба мушоҳида расид қонунгузории Федератсияи Россия якчанд марҳилаҳои инкишофи қабул ва истисносозии омилҳои коррупсиониро аз сар гузаронидааст. Вале новобаста аз истисно намудани бархе аз намудҳои омилҳои коррупсионӣ тибқи қонунгузории ин кишвар ин ташаббус аз ҷониби баъзе аз олимони соҳаи ҳуқуқ дастгирӣ карда нашудаанд.

Айнан чунин ҳолат ва ҳамин намуди омилҳои коррупсионӣ дар қонунгузории зиддикорупсионии кишвари мо низ ба мушоҳида мерасад.

Ба ин қабил чунин намуди омилҳои коррупсионӣ маҳсуб дониста мешаванд:

1. «Набудани меъёрҳои масъулияти мақомот»;

Ин омилро аксари олимон омили коррупсия медонанд. Муаллифони Методологияи экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Федератсияи Россия (М.А. Краснов, Е.В. Талапина, В.Н. Южаков) зарурати таъкиди ин омилро қайд кардаанд. Онҳо ба тарафдории мавқеи худ диққатро ба он ҷалб мекунанд, ки дар санадҳои қонунгузорӣ чун қоида дар бораи масъулияти хизматчии давлатӣ ягон меъёр вуҷуд надорад ё худ қонунгузор онро бо «ибораи умумӣ» маҳдуд ифода намуда «бо тартиби муқарраркардаи қонун ба чавобгарӣ мекашад», ҳол он ки дар ин санади қонунгузорӣ ё дар санаде, ки ба он ишора шудааст, на ҳамеша чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани ҳуқуқвайронкунии мансабӣ ва вайрон кардани манъу маҳдудиятҳои махсус муқаррар карда шудаанд.

Воқеият ва ногузир будани он аз он вобаста аст, ки муодилаи «масъулият» то чӣ андоза мушаххас аст, мутобиқи он асосҳои ҷавобгарӣ бояд возеҳ ифода карда шавад, беҳтараш бо нишон додани кадом намуди ҳуқуқвайронкунӣ, кадом намуди ҷавобгарӣ – қонунгузории интизомӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва ё граждании мувофиқ аст, бояд дақиқ мушаххас карда шавад.

Зеро ҳама гуна озодкунӣ аз масъулият, боиси вайрон кардани меъёрҳои мавҷудаи рафтор мегардад ва ба ҳадафи муқовимат алайҳи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ки дар ногузирии татбиқи қонун барои ҳар як ҳуқуқвайронкунӣ ва нисбати ҳар як шахс ифода меёбад, мухолиф аст.

2. «Вайрон кардани низоми шаффофияти иттилоот»;

Олими рус Е.В. Талапин баён менамояд, ки ошкорбаёнии иттилоот дар идоракунии давлатӣ ба фаъолияти шаффофи мақомоти давлатӣ «бофта шудааст». Дар баробари ин, аз нуқтаи назари ин олим принсипи ошкорбаёнӣ ва ошкорбаёнии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар қонунгузории Россия ҳанӯз ҷойи сазовори худро нагирифтааст. Тибқи назарияи ӯ «баланд бардоштани шаффофияти иттилоот» дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ шарти зарурии мубориза бо коррупсия мебошад, ки аз ҷониби коршиносон ва санадҳои байналмилалӣ таъкид шудааст. Аз нуқтаи назари Е.В.Талапин рад кардани чунин омил «роҳи бозгашт ба коррупсия» дониста шудааст.

Бояд қайд намуд, ки баррасии ошкорбаёнии иттилоот ҳамчун тадбири пешгирикунандаи мубориза бо коррупсия аз он иборат аст, ки тавассути он назорати ҷомеа аз болои фаъолияти дастгоҳи давлатӣ, татбиқи мамониятҳо ва маҳдудиятҳо барои кормандони давлатӣ ва маҳаллӣ, иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кабули қарорҳои идоракунӣ таъмин карда мешавад.

Дар баробари ин, аз ҷониби олимони рус ақидаҳое пешниҳод карда шудаанд, ки бар-

хе аз намудҳои омилҳои коррупсионӣ, ки ба рӯйхати омилҳои коррупсионӣ ворид карда шудаанд, онҳо омилҳои коррупсионӣ нестанд.

Таври мисол, ба ин намуд омили «қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ берун аз салоҳият»-ро шомил медонанд. Аз нуқтаи назари онҳо ин қабил омилҳо омили коррупсионӣ нестанд ва пешниҳод менамоянд, ки омили мазкур бояд аз рӯйхати тасдиқнамудаи Ҳукумати Федератсияи Русия хориҷ карда шавад.

Қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ берун аз доираи салоҳият ин вайрон кардани салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (шахсони мансабдори онҳо) ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ буда, ба ибораи дигар, масъалаҳои дар чунин санад танзимшаванда бояд бо санади меъёрии ҳуқуқии дорои эътибори олии ҳуқуқӣ ё оинномаҳои мақомоти дигар ба танзим дароварда шаванд.

Аммо саволе ба миён меояд, ки оё ин ҳолат омили коррупсионӣ аст ё вайронкунии оддии иерархияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки боиси беэътибор донистани санади меъёрии ҳуқуқии «дар доираи салоҳият» қабулшуда мегардад?

Бале, фаъолияти қоидасозӣ бояд дар доираи салоҳият сурат гирад, яъне мақоми қонунгузор ҳуқуқ надорад аз доираи масъалаҳои соҳаи муносибатҳои ҳуқуқие, ки дар санади ҳуқуқӣ (қонун, оиннома, низомнома ва ғайра) муайян шудааст, берун барояд. Аммо баргаштан ба таърифи омили коррупсионӣ, бояд ба он диққати махсус дода шавад, ки омили коррупсия муқаррароти дар меъёри ҳуқуқӣ ва дар баробари ин, санади «дар доираи салоҳият» қабулшуда дар аввал ғайриқонунӣ буда, бояд беэътибор дониста шавад. Аз ин рӯ, муқаррароти ин меъёрро наметавон омили коррупсионӣ арзёбӣ кард.

Илова бар ин, меъёрҳои ба коррупсия тамоюлдошта бояд бо далели мавҷуд будани шароити коррупсионӣ ислоҳ карда шаванд. Дар баробари ин, санади меъёрии ҳуқуқие, ки берун аз салоҳият қабул шудааст, на аз рӯи мазмуни таъиноти он, балки маҳз бо далели қобили салоҳият надоштани мақоми қабулкардаи он бояд бекор карда шавад, ки дар ин маврид ҳолати мазкур омили коррупсионӣ маҳсуб меёбад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар татбиқ қонунгузории зиддикорупсионӣ бартараф намудани омилҳои бавуҷудовaранди коррупсияро дар дилхоҳ навъу намуд маҳкум намуда, тавассути қонунгузории бевоситаи танзимкунандаи ин самт намудҳои алоҳидаи омилҳои коррупсияро муқаррар ва истифодаи онҳоро бо роҳи гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикорупсионӣ пешгирӣ менамояд.

Таҷриба ва таҳлили фаъолияти Агентӣ нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо мунтазам гузаронидани арзёбии дохилиидоравии зиддикорупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва экспертизаи давлатии зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо яке аз чораҳои самараноки пешгирикунандаи ҳолатҳои коррупсионӣ маҳсуб меёбад.

Натиҷаҳои баррасӣ ва гузаронидани экспертизаҳои давлатии зиддикорупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳанд, ки дар лоиҳаҳо аз омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, аз қабили риоя накардани талаботи Конститутсия ва дигар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, поймол ва ё маҳдуд кардани ҳуқуқу манфиатҳои давлат, ҷамъият ва шаҳрванд, ба инобат нагирифтани манфиатҳои давлатӣ ва идоравӣ, кӯшиши ба худ гирифтани ваколату салоҳияти дигар сохтору идораҳои давлатӣ, номукаммал, бидуни асосноккунии зарурати қабули санад таҳия намудани лоиҳаҳо, бартараф накардани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар онҳо, бо риояи ҳамаи талаботҳо нагузаронидани арзёбии дохилиидоравии зиддикорупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бартараф накардани мухолифатҳо, сари вақт таҳия накардани санадҳо, риоя на-

кардани муҳлати мувофиқаи лоиҳаҳо ва ғайраҳо ҷой доранд.

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ баррасии хулосаи экспертизаи давлатии зиддикорупсионӣ ҳатмӣ буда, дар муҳлати якмоҳаи муқаррарнамудаи Қонун аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ҳатман мавриди муҳокима қарор дода мешавад ва аз натиҷаи бартараф намудани омилҳои ошкоргардида ба мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод мегардад.

Аз ин рӯ, фаъолияти экспертизаи давлатии зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо, ки муҳимтарин заминаи муқовимат ба коррупсия маҳсуб меёбад, минбаъд низ аз ҷониби Агентӣ мунтазам тақвият дода мешавад. Зеро танҳо дар раванди гузаронидани экспертизаи зиддикорупсионӣ ҳар як лоиҳа ба таври ҳатмӣ бо омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва дар маҷмӯъ баҳогузорӣ карда шуда, дар лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкору бартараф карда мешаванд.

Яқинан экспертизаи зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо ба ҳайси механизме маҳсуб меёбад, ки он меъёрҳои қонугузориро ҷиҳати ҳифзи Конститутсия ба танзим медарорад, то ки ягон меъёри он хилофи меъёрҳои конститутсионӣ таҳия ва қабул карда нашавад ва онҳо пештар аз ҳама, манфиатҳои инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ва ҷамъияту давлатро, ки меъёрҳои авлавиятдоштаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбанд, ҳимоя ва ҳифз намоянд.

НАФАҚАИ ШАҲРВАНДОНРО ДАВЛАТ КАФОЛАТ МЕДИҲАД

Давлатзода Акмал Дилмурод – сарнозири раёсати молиявию хоҷагии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, лейтенанти калони адлия

Таъминоти нафақаи шаҳрвандон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, бо мақсади баланд бардоштани андозаи нафақаҳои шаҳрвандон ва ба ин васила беҳтар намудани сатҳи зиндагии нафақагирон аз ҷониби Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аз имкониятҳои молиявии буҷетҳои дахлдор пайваста тадбирҳои мушаххас андешида шуда истодаанд.

Кафолатҳои иҷтимоии шаҳрвандон дар пиронсолӣ, маъюбӣ, маҳрум шудан аз саробон ва дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз моддаи 39 Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад.

Лозим ба ёдоварист, ки пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани таъминоти нафақаи шаҳрвандон то 1 январи соли 1994 дар асоси қонунгузории собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ идома ёфт.

Баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсии мамлакат ва таъсис ёфтани шохаҳои асосии ҳокимияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷумҳуриро ба инобат гирифта, барои ташаккули низоми миллии таъминоти нафақа ва фароҳам овардани заминаҳои қонунгузории соҳа тадбирҳои зарурӣ андешид ва 25 июни соли 1993 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид ва он аз 1 январи соли 1994 мавриди амал қарор дода шуд.

Вобаста аз талаботи Қонуни мазкур як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шуданд, ки дар маҷмӯъ низоми таъминоти нафақаи миллиро фароҳам оварданд. Марҳила ба марҳила барои мукаммалсозии низоми қонунгузории соҳа ва мутобиқ намудани он ба талаботи замон ва имкониятҳои иқтисодии мамлакат ва ҳамзамон тақвият бахшидани сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ якчанд маротиба ба Қонуни мазкур тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Аммо, ҷараёни гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон аз иқтисоди нақшавӣ ба иқтисодӣ бозоргонӣ ва тағйир ёфтани муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ дар ҷомеа, аз ҷумла рушд ёфтани бахши хусусӣ нишон дод, ки низоми таъминоти нафақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо принсипи ҳамраъйи асос ёфтааст, аз талаботи замони муосир қафо монда истодааст ва ба ислоҳоти куллӣ ниёз дорад.

Бо ин мақсад, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мақомоти ваколатдори давлатиро вазифадор намуд, ки дар заминаи омӯзи-

ши таҷрибаи дигар давлатҳо ба ислоҳоти соҳа шурӯъ намуда, низоми таъминоти нафақа тавре ташаккул дода шавад, ки бо принсипҳои суғуртавӣ асос ёфта, андозаи нафақаи шахрванд ба андозаи саҳмҳои суғуртавии барои ӯ пардохтшуда (ё худи ӯ пардохтнамуда) мувофиқ бошад ва дар баробари ин, ба ҳавасмандии шахрвандон барои иштироки фаъол дар низоми суғуртавӣ ҷиҳати дар оянда ҳуқуқ пайдо намудан ба нафақа дар сатҳи арзанда, мусоидат намояд.

Барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таҳия ва пешниҳод карда шуд, ки он 12 январи соли 2010, №595 ба имзо расида, аз 1 январи соли 2013 марҳила ба марҳила мавриди амал қарор гирифт ва аз 1 январи соли 2017 таъминоти нафақаи шахрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси шарт ва меъёрҳои Қонуни мазкур, яъне низоми нав амалӣ гардида истодааст.

Бояд тазаккур дод, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» бо принсипҳои суғуртавӣ асос ёфта, тибқи муқаррароти он андозаи нафақаи шахрванд на аз музди миёнаи меҳнати давраи муайян, балки аз рӯи саҳмҳои суғуртавие, ки дар тамоми даврааи дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор доштани шахрванд барои ӯ аз ҷониби корфармо пардохт карда шудааст ё худи ӯ бевосита ба таври инфиродӣ пардохт намудааст, вобаста мебошад ва дар баробари ин, бисёрҷанбагии маблағгузории қисмҳои нафақаро пешбинӣ менамояд.

Чунин талабот пеш аз ҳама адолати иҷтимоиро таъмин намуда, ба ҳавасмандии шахрвандон барои иштироки фаъоли онҳо дар низоми суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, пардохти саривақтии саҳмҳои суғуртавӣ аз музди меҳнат ва даромади бадастовардаашон ва аз ҳама муҳим расмикунонии фаъолияти ғайрирасмӣ мусоидат менамояд.

Бояд тазаккур дод, ки низоми таъминоти нафақавӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» аз намудҳои зерини таъминот иборат аст:

1) таъминоти нафақаи суғуртавӣ;

2) таъминоти нафақаи давлатӣ.

Низоми суғуртаи нафақавӣ барои шахсони коркунанда пешбинӣ шуда, таъин ва пардохти намудҳои зерини нафақаи суғуртавиро пешбинӣ менамояд:

– нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол;

– нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маъюбӣ;

– нафақаи суғуртавӣ аз рӯи маҳрум шудан аз саробон.

Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» мардҳо ба нафақа аз рӯи синну сол ҳангоми расидан ба синни 63-солагӣ дар сурати мавҷуд будани собиқаи суғуртавии на камтар аз 300 моҳ, занҳо ҳангоми расидан ба синни 58-солагӣ дар сурати мавҷуд будани собиқаи суғуртавии на камтар аз 240 моҳ муайян гардидааст.

Ба нафақаи суғуртавӣ аз рӯи синну сол бо истифодаи имтиёзҳо шахсони зерин ҳуқуқ доранд. Масалан, занҳое, ки 5 ва зиёда аз он кудак таваллуд карда, онҳоро то ба синни 8 тарбия намудаанд ё кудаки маъюб доранд ва ӯро низ то ин синну сол тарбия намудаанд, дар сурати собиқаи суғуртавии на камтар 240 моҳ (20 сол) доштан ҳуқуқи ба нафақа баромаданро пас аз расидан ба синни 53-солагӣ доранд.

Ҳамзамон, шахрвандоне, ки дар асоси хулосаи мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ташхиси тиббию иҷтимоӣ маъюб эътироф гардидаанд ба нафақа аз рӯи маъюбӣ, ба кӯдакони ятиму бепарастор, ки аз падар модар ё ин ки аз ҳарду волидайн маҳрум мешаванд, ба нафақа аз рӯи маҳрум шудан аз саробон аз рӯзи ҳуқуқдор шуданашон ба нафақа ҳуқуқ пайдо мекунанд.

Нафақаи суғуртавӣ аз ҳисоби саҳмҳои суғуртавии пардохташудаи кормандон маблағгузори карда мешавад.

Агар шахрванд аз замони шӯравӣ то 01.01.1999 собиқаи корӣ дошта бошад, онгоҳ барои ҳар як моҳи собиқаи корӣ тасдиқшуда ба маблағи 120 сомони ҳамчун саҳмҳои суғуртавӣ ба ҳисоб гирифта, ба суратҳисоби шахсии ӯ гузаронида мешавад.

Масалан, агар шаҳрванд то 01.01.1999 собиқаи кории 15 сол ё 180 моҳ дошта бошад, бо маблаги 21600 сомонӣ ба суратҳисоби шахсии ӯ ҳисоб карда мешавад (180 моҳ × 120 сомонӣ = 21 600 сомонӣ).

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии инфиродӣ дар низоми суғуртаи ҳатмии нафақавӣ» ҳамаи саҳмҳои суғуртавӣ дар давраи фаъолияти меҳнатии шаҳрванд аз 01.01.1999 дар суратҳисоби шахсии ӯ ба назар гирифта мешаванд.

Маблағи саҳмҳои суғуртавии ҷамъшуда бо назардошти кор то 01.01.1999 дар рӯзи муроҷиат оид ба таъини нафака сармояи шартии нафақавӣ номида мешавад, ки аз он андозаи нафақа бо роҳи тақсим кардани он ба шумораи моҳҳои давраи пардохти эҳтимолӣ, ки аз 1 январи соли 2017 ба 180 моҳ баробар мебошад.

Фарз мекунем, ки дар давраи аз 01.01.1999. то 01.01.2022 барои шаҳрванд ҳармоҳа ба ҳисоби миёна 135 сомони саҳмҳои суғуртавӣ пардохт карда шудааст, пас маблағи умумии ба суратҳисоби шахсии ӯ воридшуда 37 260 сомониро (135 сом. × 276 моҳ) ташкил медиҳад.

Пас сармояи шартии нафақавӣ бо назардошти мисолҳои қаблӣ: 21 600 + 37 260 = 58 860 сомонӣ ва андозаи нафақа 58 860 / 180 = 327 сомониро ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми ҳисоб кардани ҳамаи намудҳои нафақаххи сугуртавӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» таимини кафолатҳои иҷтимои шахрвандонро, ки Конститутсия пешбини шудааст таъмин менамояд.

Ин маънои онро дорад, ки давлат вобаста ба фарогирии суғуртаи шаҳрвандон ҳадди ақали нафақаро кафолат медиҳад. Масалан, агар шаҳрванд ҳамагӣ 5 сол кор карда, сармояи шартии нафақавии худро ташкил накарда бошад, пас маблағи нафақаи ӯ, сарфи назар аз маблағи саҳми суғуртавии супурдашуда бояд на камтар аз 70 фоизи нафақаи заминавиро ташкил диҳад. Ба ҳолати имруза андозаи нафақаи заминавӣ ба 250 сомонӣ баробар буда × 70%-он = 175 сомонӣ ташкил медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки барои маъюбон вобаста ба гуруҳи маъюбии ба даст овардашуда, ки собиқаи кори зиёда аз 5 сол доранд, андозаи нафақа набояд аз андозаи зерин камтар бошад: барои маъюбони гурӯҳи I 100 фоиз, барои маъюбони гурӯҳи II 85 фоиз, барои маъюбони гурӯҳи III 70 фоизи аз нафақаи заминави; ки мутаносибан 250, 212,5 ва 175 сомониро ташкил медиҳад.

Инчунин барои шахсоне, ки аз руи маҳрум шудан аз соробон ба гирифтани нафақа ҳуқуқ доранд, андозаи нафақа бо назардошти собиқаи суғуртавии нопурраи саробони фавтида набояд аз:

– ба як узви корношоями оила – 70 фоизи андозаи нафақаи заминавии мукарраршуда;

– ба ду узви корношоями оила – 105 фоизи андозаи нафақаи заминавии мукарраршуда;

– ба се ва зиёда аз он узви корношоями оила – 140 андозаи нафақаи заминавии мукарраршуда кам бошад.

Тартиби пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо барои таъини нафақаро моддаи 41 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 марти соли 2013, №90 дар бораи «Тартиби муроҷиат барои таъини нафақа ва пешбурди ҳуҷҷатҳои нафақавӣ» муайян менамояд.

МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ АЗ ТАЪРИХИ ДАВЛАТДОРИИ ТОҶИКОН ТО ЗАМОНИ МУОСИР

Мутавалиён Шоира Абдувалӣ – сарнозири шуъбаи ташкили кор ва назорати Агентӣ, подполковники адлия

Пайдоиши коррупсия таърихан аз замони пошхӯрии сохти ҷамъияти ибтидоӣ ва пайдошавии нахустин давлатҳо, вакте, ки функсияи идоракунӣ фоидаовар мегардад, шурӯъ мешавад. Ин раванд дар халқҳои гуногун хусусиятҳои худро дорад.

Аз таърих дида мешавад, ки коррупсия дар давраи аввали солшумории мелодӣ ва пеш аз он ҳам вуҷуд доштааст.

Дар таърихи давлатдории тоҷикон решаҳои пайдоиши коррупсия ва муқовимат ба он аз давраи империяи абарқудрати Ҳахоманишиҳо боқӣ мондааст.

Куруши Кабир яке аз шахсиятҳои таърихие ба ҳисоб меравад, ки дар таърихи башарӣ бо сиёсати оқилонаи кишваркушоӣ, таъсиси империяи тавоною мутамаркази ориёӣ ва инсонпарварию адолатпешагиаш шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст.

Таърих гувоҳ аст, ки дар даврони ҳукумронии Куруши Кабир ва мавҷудияти империяи бузурги Ҳахоманишиён низоми муайяни қонунгузорӣ ва ҳуқуқӣ вуҷуд дошт. Муҳимтарин дастоварди ҳуқуқии ин давлат қабули «Эъломияи ҳуқуқи башар» буд, ки нахустин эъломия дар таърихи инсоният эътироф шудааст. Дар асоси он ҳуқуқ ва озодиҳои халқҳои зиёде, ки дар тобеияти империяи Ҳахоманишиҳо зиндагӣ мекарданд, ба танзим дароварда мешуд.

Эъломияи Куруши Кабир, ки аз фарҳанги ориёӣ ва ақоиди инсондӯстӣ сарчашма мегирад, нахустин ҳуҷҷати таърихиест, ки эҳтироми ҳуқуқ, озодии мазҳабу эътиқод ва ҳифзи дороии шаҳрвандонро пуштибонӣ кардааст.

Дар банди 14 Маншури асосгузори давлати Ҳахоманишиҳо Куруши Кабир чунин нигошта шудааст: «Куруш бо ростиву адолат кишварро идора мекард». Дорои 1 низ дар Катибаи Бесутун гуфтааст: «…ин ки кардам ба бузургии Аҳурмаздо кардам… тибқи рости рафтор бикардам».

Чунин ба назар мерасад, ки эҳтимол ин гуфтаҳо дар фаъолияти зиддикоррупсионии шоҳаншоҳии Ҳахоманишихо низ то андозае принсипҳои роҳбарикунанда дониста мешуданд.

Якчанд нақлу ривоят вобаста ба амалҳои коррупсионӣ ва муҷозот барои он аз замони Ҳахоманишиҳо то ба мо расидааст. Дар ин давра шоҳаншоҳ ба сифати мақоми асосии додгустарӣ бар кори додрасон (судҳо) низ назорат мебурд. Агар ҳукми ноҳаке аз онҳо содир мешуд, ба тариқи саҳеҳ рафъи зулм мекард. Чунончи, Ҳерудут дар мавриди Камбуҷияи писари Куруш мегӯяд: вақте яке

аз додрасонони олимақоми Ҳахоманишӣ бо номи Сисоминис пора гирифта буд, бо дастури шоҳаншоҳ Камбуҷия пӯсташро аз тан кандаанд ва бар маснади додрасии ӯ гузоштанд ва писараш Устонисро ба ҷойи падар ҳангоми додрасӣ бар он маснад нишонданд.

Аз ин нақли таърихӣ бармеояд, ки порахӯрӣ дар аҳди Ҳахоманишиҳо амали ноодолатона ва ҷинояти махсусан вазнин ба ҳисоб рафта, барои он ҷазои қатл татбиқ мешуд.

Таҳлилу таҳқиқи катибаву матнҳои таърихӣ, сарчашмаҳои бостоншиносӣ ва адабиёти илмӣ ба он далолат мекунад, ки дар натиҷаи баргузории ислоҳоти идорию ҳарбӣ, молиявию пулӣ ва ҷорӣ намудани низоми дақиқи ҳисобу китоб, пардохти мунтазами маош ба кормандону мансабдорону лашкариён ва назорати давлатӣ, аз ҷумла назорати давлатии молиявӣ сохтори давлатии шоҳаншоҳи Ҳахоманишиҳо такмил ёфта, ба таври назаррас сабабгори кам шудани кирдорҳои коррупсионӣ гардидаанд.

Қобили зикр аст, ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китобашон «Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ» дар бораи низоми давлати Ҳахоманишиҳо ва таъсири он ба хотираи таърихии миллати тоҷик барҳақ таъкид намуданд: «Қонуни доди шоҳии Ҳахоманишиҳо нишон медиҳад, ки аҷдоди ориёии мо пойбанд будан ба қонунро асли зиндагӣ қарор дода будаанд ва ҳамин хислат дар табиати миллати мо то ҳанӯз боқӣ мондааст. Ҳангоми муқовимати шаҳрвандӣ барои ҳимояи сохти конститутсионӣ бархостани аксарияти мардуми мо ва аз сулҳу салоҳ дифоъ намудани халқи тоҷик шаҳодати равшани сиришти миллии мост, ки хостори озодию адолат будааст». Ин хулосароиро дар масъалаи муқовимат бо коррупсия низ метавон ба кор бурд, яъне имрӯз мо дар самти муқовимат бо коррупсия низ бояд мисли аҷдодони худ Ҳахоманишиҳо вобаста ба замони муосир чораҷӯйи намуда, дар пойдории давлати миллиамон муваффақ ва намунаи ибрати аҳли башар бошем.

Дар ҳақиқат коррупсия чун падидаи иҷтимоӣ таърихи калон дорад. Аз ҷумла, Низомулмулк низ дар эҷодиёти маъруфи худ «Сиёсатнома» (1091–1092) ба масъалаҳои гуногуни давлатдорӣ, қоидаю усули роҳбарӣ маслиҳати муфид медиҳад ва аҳамияти ҷиддиро барои интихоби дуруст, таъин ва назорати шахсони мансабдор дода, ба он ишора менамояд, ки агар ходими давлатӣ одилона ва росткорона ҳукмронӣ кунад, дар ин вақт ба давлат пешравӣ ҳамроҳӣ мекунад. Низомулмулк аз сарвари давлат талаб менамояд, ки назорати доимиро аз болои вазирон амалӣ гардонад, то ин ки ба худсарӣ ва суиистифода аз мақоми худ даст назананд.

Аз гуфтаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки коррупсия падидаи нав нест, балки аз таърих маълум буд. Имрӯз низ ҷомеаи ҷаҳониро проблемаҳои коррупсия ба ташвиш овардааст. Коррупсия дар ҷаҳони муосир аз ҷумлаи монеаҳои ҷиддӣ дар роҳи рушди иқтисодию иҷтимоии кишварҳо ва риояи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон маҳсуб меёбад. Коррупсия аз ҷумлаи вирусҳое ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи роҳ додан ба ин амали номатлуб ба тамоми шохаҳои фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ паҳн гашта, боиси поймолшавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, заиф гардидани фаъолияти мақомоти давлатӣ мегардад, инчунин ба сохти конститутсионӣ таъсир расонида, эҳтироми мардумро ба давлат ва мақомотҳои он коста гардонида, обрӯву эътимоди онро коҳиш медиҳад.

Яке аз шартҳои муборизаи муваффақона бар зидди коррупсия фароҳам овардани заминаи мусоиди меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҳқими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин соҳа аст.

Дар ин раванд як силсила ҳуҷҷатҳои байналмилалии ҳуқуқӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия қабул шуданд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошад: Кодекси байналмилалии рафтори ашхоси мансабдори давлатӣ (Резолютсияи Ассамблеияи генералии СММ аз 12 декабри соли 1996, №51/59), Стандартҳои умумии мубориза бар зидди коррупсия дар идораҳо ва мақомоти полис (Интерпол, соли 2002), Конвенсияи Созмони ҳамкориҳои иқтисодӣ ва рушд аз 21 ноябри соли 1997 дар

бораи харида гирифтани ашхоси мансабдори хориҷӣ дар муомилоти байналмилалии тиҷоратӣ, Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ аз 15 ноябри соли 2000, Нақшаи амалиёти Истанбулӣ дар мубориза бар зидди коррупсия барои мамлакатҳои иқтисодиёташон даргузар аз 12 сентябри соли 2003 ва Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия аз 31 октябри соли 2003.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия ва Нақшаи амалиёти Истанбулӣ дар мубориза бар зидди коррупсия барои мамлакатҳои иқтисодиёташон даргузар мебошад.

Имрӯз зиёда аз 140 давлати дунё иштирокчии Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди коррупсия мебошад. СММ дар ин самт ба муваффақияти зиёд ноил гардида, ҳамаи давлатҳои ҷаҳони муосирро гирди ақидаи муқовимат ба коррупсия чун монеаи рушд муттаҳид гардонидааст. Бо назардошти аҳамиятинокии масъалаи мазкур соли 2003 бо ташаббуси Маҷмааи кулли СММ 9 декабр ҳамчун рӯзи мубориза бо коррупсия дар тамоми ҷаҳон эълон гардид.

Муҳимияти ин ҳуҷҷати Созмони Миллали Муттаҳидро ба назар гирифта Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда 25 сентябри соли 2006 ба он имзо намуд.

Конвенсияи мазкур 16 апрели соли 2008 аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) карда шудааст ва минбаъд қисми таркибии системаи ҳуқуқии мо ба шумор рафта, ҳамаи қонунҳои қабул намуда бо назардошти меъёрҳои он таҳия ва қабул шуда истодаанд.

Роҳбарияти сиёсии мамлакат аз рӯзҳои аввали ноил шудан ба соҳибихтиёрӣ ба масъалаи мубориза бо коррупсия ва пеш аз он ба масъалаи пешгирии коррупсия диққати ҳамарӯза дода истодаанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои ҳамасолаи худ оиди зарурати дарки коррупсия, муқовимат ба он ва ҷалби тамоми мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро дар ин самт таъкид доштанд, ки ин дастурҳои раҳнамунсоз сармашқи кори ҳамагон шудааст.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дар ин самт пешгирифта аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин муддат се маротиба санади барномавии дурнамои сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012», бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 03 августи соли 2021, №222 «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул карда шудааст.

Мавриди ба зикр аст, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз дар доираи стратегияҳои мазкур амалӣ намудани чорабиниҳо доир ба муқовимат ба коррупсия гувоҳи ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кафолати ноил гардидан ба дастовардҳо дар ин ҷода шинохта шудааст.

Манбаъ ва сарчашмаи асосии ҳамаи ин санадҳои зиддикоррупсионӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 ба ҳисоб мерафт, ки бо қабул шудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» 7 августи соли 2020, №1714 аз эътибор соқит дониста шуд.

Тибқи барномаҳои қабулгардида бо мақсади таҳияву татбиқи тадбирҳои ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла: қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо кор-

руписияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Тартиби баҳисобгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)», Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Хулоса, барои фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди коррупсия дар кишвар ҷиҳати аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ, фаъолнокӣ ва муборизаи дастаҷамонаи аъзои ҷомеа зарур буда, ҳар як инсонро водор месозад, ки дар шинохти давлати худ оҷиз набошад, аз таъриху тамадун ва шебу фарози роҳи тайкардаи миллати хеш комилан огоҳ бошад, худшиносию худогоҳии миллиро фаромӯш накунад.

Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки ҷиҳати дар амал татбиқ намудани тадбирҳои амалкунандаи роҳбари давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ, санадҳои меъёриии ҳуқуқӣ ва стратегияву барномаҳои давлатӣ, ки барои аз байн бурдани зуҳуроти номатлуби ҷамъиятӣ вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ равона гардидаанд, бетараф наистода, дар амалисозии сиёсати зиддикоррупсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешрафти соҳаҳои мухталифи кишвар бо фаъолияти масъулиятноки хизматӣ саҳми хешро гузорем.

КРИПТОАСЪОР ҲАМЧУН ОЛОТИ СОДИРШАВИИ ҶИНОЯТҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА КОРРУПСИОНӢ ДАР ҶАҲОНИ МУОСИР. ТАРАФҲОИ МАНФӢ ВА МУСБИИ ИСТИФОДАИ КРИПТОАСЪОР

Ихтиёрзода Санҷар – сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ, маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Агентӣ, капитани адлия

Дар ҷаҳони муосир рушди босуръати технологияҳои коммуникатсионӣ ва иттилоотӣ барои пайдоиши объекти нави ҳуқуқи граждани бо номи «криптоасъор» сабабгор гаштааст, ки омӯзиши ин падида бинобар сабаби бо сураъат афзоиш ёфтани он мувофиқи мақсад мебошад. Аз пайдоиши криптоасъор тақрибан зиёда аз 10 сол сипарӣ шуда бошад ҳам, аммо он аллакай тариқи васеъ дар муомилот истифода гардида, гардиши молу маҳсулот тавассути криптоасъор рӯз ба рӯз коҳиш дода шуда истодааст.

Сараввал барои дуруст дарк кардани масъалаи матраҳшаванда мафҳуми «криптоасъор»-ро шарҳ додан ба мақсад мувофиқ аст. Криптоасъор – ин воҳидҳои ҳисобии электронию рақамӣ буда, он ҳамчун воситаи пардохти электорӣ истифода бурда шуда, дар муомилот бидуни мутамарказ будан ба ягон бонк роҳандозӣ карда мешавад ва онро ҳамчун «дороии рақамӣ» арзёбӣ намуда, он дар шакли пурраи автоматикӣ фаъолият менамояд. Худи криптоасъор ягон шакли махсус ё шакли электронӣ надорад – ин танҳо рақамест, ки шумораи воҳидҳои маълумоти ҳисобро нишон дода, дар мавқеи мувофиқи бастаи иттилоотии протоколи интиқоли маълумот сабт карда мешавад ва аксар вақт ҳатто рамзгузорӣ карда намешавад.

Айни замон сармояи умумии криптоасъор барои моҳи ноябри соли 2023 маблағи зиёда аз 2 триллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда аз талаботи зиёд доштани ин гуна воситаи пардохтро нишон медиҳад. Криптоасъор намудҳои гуногун дорад аз ҷумла: bitcoin, ethereum, ripple, litcoin ва ғайраҳо, ки байни онҳо – биткоин мақоми аввалро ишғол намуда, дар биржаҳои ҷаҳонӣ дорои арзиши гаронтарин мебошад.

Олимон се хусусиятҳои асосии криптоасъорро ҷудо менамоянд: 1) ғайримутамарказ будани криптоасъор; 2) ғайриунвонӣ (анонимность – номуайянӣ) будани криптоасъор; 3) набудани кафолат дар криптоасъор.

1) Ғайримутамарказ будани криптоасъор дар он зоҳир мегардад, ки дар ягон давлати дунё мақомоти ягонаи мутамарказе, ки фаъолияти криптоасъорро идора ва назорат наменамояд ё эмитент бошад, вуҷуд надорад. Эмитентҳои криптоасъорҳо шахсони алоҳидае мебошанд, ки якҷоя дар шабака кор менамоянд.

2) Ғайриунвонӣ будани криптоасъор маънои онро дорад, ки субъектоне, ки онро дар муомилоти гражданӣ ворид менамоянд, на ҳама вақт ошкор ҳастанд. Аз ҳамин ҷиҳат криптоасъорро аксарияти вақт дар аҳдҳои шубҳанок ва ғайриқонунӣ истифода менамоянд.

3) Мавҷуд набудани кафолат дар криптоасъор маънои онро дорад, ки арзиши он дар бозор зуд-зуд пасту баланд мешавад. Ин нишонаи нисбии криптоасъор мебошад. Зеро, кафолати комил дар ягон намуди асъор дида намешавад. Ҳатто асъорҳои дар сатҳи байналмилалӣ истифодашаванда низ зуд-зуд арзишашон пасту баланд мешавад.

Пеш аз ҳама бояд криптоасъорро бо пул муқоиса намоем. Пул ҳамчун объекти ҳуқуқи граждани дар КГ ҶТ ба мисли ашё баррасӣ шудааст (м.142 КГ ҶТ), ҳол он ки дар адабиёти ҳуқуқӣ роҷеъ ба ин масъала баҳсҳо зиёданд. Тибқи моддаи 155-и КГ ҶТ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми пулии мамлакатро муайян мекунад ва пули миллии Тоҷикистон воситаи қонунии пардохт ба шумор меравад, ки қабули он аз рӯи арзиши эътибории худ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист. Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт бо роҳи ҳисоббаробаркунии нақдӣ ва ғайринақдӣ сурат мегирад. Ҳолатҳо, тартиб ва шартҳои истифодаи асъори хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси қонун муайян карда мешавад.

Дар қонунгузорӣ пул ҳамчун ашё баррасӣ мегардад, агар он дар шакли ашё ифода ёфта бошад. Нисбати пулҳои ғайринақдӣ ва электронӣ ҳуқуқи уҳдадорӣ татбиқ мегардад. Яъне, нисбати пулҳои дар шакли ашё ифодаёфта ва ғайринақдӣ асосҳои ҳуқуқӣ вуҷуд доранд, аммо нисбати криптоасъор дар Тоҷикистон то ҳол ягон санад қабул нашудааст. Он вазифаҳое, ки ба пул хос аст (ченаки арзиш, воситаи пардохт ва захиранамоӣ), нисбати криптоасъор пурра хос нест. Зеро арзиши худи онҳо дар нисбати дигар пулҳо муайян карда мешавад ва ҳангоми ҳисобу китоб дар муомилоти гражданӣ криптоасъор бештар бо доллари ИМА, евро ва дигар асъор ҳисобӣ карда мешавад.

Аз ин рӯ, хулоса баровардан мумкин аст, ки айни замон бинобар зиёд гаштани шумораи ҷинояткорӣ дар самти истифодаи ғайриқонунии криптоасъор ва бо мақсади сари вақт пешгирӣ кардани ҳолатҳои содиршавии ҷиноятҳои ҳаммонанд зарурати мутобиқат гардонидани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаи эътироф намудани криптоасъор ҳамчун объекти ҳуқуқи граждани ба миён омадааст.

Криптоасъорҳо як пайдарпаии воҳидҳои рамзии ба ҳисоб меравад, ки дар натиҷаи ҳисобҳои математикӣ тавлид шуда, дар шабакаи ғайримарказонидашуда дар шакли блокҳо нигоҳ дошта мешаванд. Гарчанде ки моделҳои ин ҳисобҳо метавонанд фарқ кунанд, одатан аксари криптоасъорҳо тавассути «майнинг» пайдо карда мешаванд. Таъсиси криптоасъор асосан дар асоси технологияи «blockchain» амалӣ карда мешавад. «Blockchain» як дафтари тақсимшуда ё системаи пойгоҳи додаҳо мебошад, ки дар гиреҳҳои сершумори шабакавӣ тақсим карда шудааст. Хусусияти муҳими он гурӯҳбандӣ ва ташкили ҳама маълумот дар як «blockchain» аз ҷиҳати криптографӣ ҳимояшаванда мебошад. Маълумот тавассути хатҳое, ки шабакаро ташкил медиҳанд, интиқол дода шуда, дар он такрор ва ҳамоҳанг карда мешаванд.

Аз як тараф, технологияи нави рақамӣ ба иштирокчиён кафолати амнияти маълумотҳояшонро медиҳад. Ҳамин тариқ, тамоми пойгоҳи додаҳои «Blockchain» ба ҳама дастрас аст, ҳар кас метавонад маълумоти як блоки мушаххасро бинад ва тағиротро дар маълумот пайгирӣ кунад. Аммо, маълумотро дар бораи интиқолдиҳандаи криптоасъор ва ба кӣ таалуқ доштаи онро, танҳо иштирокчиёни мустақими аҳд дониста метавонанд.

Аз тарафи дигар, гардиши криптоасъорҳо иштирокчиёни онро дар маҷмӯъ ҷомеа ва давлатро ба таҳдидҳои иловагӣ дучор мекунад. Тибқи гузориши «Cipher Trace» истифодабарандагони криптоасъор аз ибтидои соли 2019 бар асари хакерӣ, қаллобӣ ва тамаъҷӯй беш аз

4.3 миллиард доллари ИМА зарари моддӣ дидаанд.

Маврид ба зикр аст, ки айни замон дар ҷомеаи имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасаввуроти нодуруст оид ба истифода бурдани фермаҳои «майнинг»-и вуҷуд дорад. Бояд қайд намуд, ки «Майнинг» ин раванди нигоҳ доштани фаъолияти шабака ва ҳалли масъалаҳои мураккаби математикӣ барои эҷоди блокҳои нав мебошад. Барои чунин кӯшишҳо, нафарони бо майнинг машғулбуда бо криптоасъор мукофотонида мешаванд. Инчунин, майнерҳо тафтиши амалиётро анҷом медиҳанд ва ҳангоми аз як суратҳисоб ба суратҳисоби дигар интиқол додани дороиҳо, майнер амалиётро тасдиқ мекунад ва ҳар як хатти шабакаро ба пойгоҳи худ илова мекунад ва онро як қисми «blockchain» дарҷ карда, аз ҳисоби гузаронидани ин амалиёт фоизи муайяншударо ба даст оварда, даромад мегирад.

Дар давраи соли 2020 ва 2021 аз тарафи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ ҳолатҳои истифодабарии ғайриқонунии фермаҳои «майнинг» ошкор карда шудаанд. Бояд қайд намуд, ки мақсад аз таъсис додани фермаҳои «майнинг» ин ба даст овардани фоида буда, фаъолияти мазкур тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ эътироф карда нашудааст. Лекин аксарияти вақт нафароне, ки бо «майнинг» машғул мебошанд фаъолияти худро ғайриқонунӣ, бидуни бақайдгирӣ дар мақомоти андоз ва бо роҳи дуздии қуввои неруи барқ ба роҳ мондаанд, ки ин тарзи пешбурди фаъолият тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайриқонунӣ эътироф карда шудааст.

Маврид ба зикр мебошад, ки яке аз паҳлуҳои мусбии истифодаи криптоасъор ин пеш аз ҳама бо суръат анҷом додани раванди интиқоли маблағ ва ниҳоят паст будани арзиши интиқоли маблағ ба ҳисоб меравад. Зеро барои гузаронидани амалиётҳои молиявӣ бо истифода аз криптоасъор ҳамчун воситаи пардохт муддати кӯтоҳ лозим буда, барои интиқоли он аз як тараф ба тарафи дигар пардохти ночиз лозим мебошад. Барои мисол дар сурати интиқоли криптоасъор аз тарафи истифодабарандаи он дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба истифодабарандаи дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико қарордошта танҳо дусе сония лозим буда, бо назардошти хатҳои алоқаи истифодамешуда новобаста аз ҳаҷми криптоасъори интиқолдодашуда тахминан аз 0,2 то 1 доллари ИМА фоизи хизматрасонӣ пешбинӣ шудааст.

Лекин дар сурати интиқол додани маблағи пулӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ИМА тариқи бонкҳо аз андозаи умумии маблағи интиқолмешуда ҳамчун фоизи хизматрасонӣ аз 0,5 то 1,5 фоиз гирифта мешавад, ки дар сурати интиқоли маблағи калонҳаҷм фоизи он маблағи калонро ташкил медиҳад. Ҳамзамон интиқоли маблағҳо тариқи бонкҳо мушкилиро вобаста ба муҳлати интиқол ба вуқӯъ оварда, дар аксарияти ҳолатҳо дар сурати интиқоли маблағ аз як давлат ба давлати дигар муҳлати интиқол то якчанд рӯз кашол меёбад.

Аз ин рӯ, сабабҳои болозикр асос гаштаанд, ки дар замони муосир шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун воситаи пардохт криптоасъорҳоро истифода бурда, бо ин роҳ вақт ва хароҷоти худро вобаста ба интиқоли маблағ сарфа менамоянд.

Дар навбати худ истифодаи криптоасъорҳо як қатор паҳлуҳои манфӣ дорад, ки истифодаи он хатарҳои навро ба вуҷуд меорад. Яке аз тарафҳои манфии истифодаи криптоасъор дар он зоҳир мегардад, ки бинобар сабаби бо истифода аз технологияи блокчейн ва рақамӣ таҳия шудани криптоасъор муайян кардани шахсияти дорандаи криптоасъор душвориҳои зиёдро ба миён оварда, дар аксарияти ҳолатҳо муайян кардани соҳибони аслии он ғайриимкон мегардад. Аз ин рӯ, дар аксарияти ҳолатҳо криптоасъор аз тарафи шахсони ҷиноятқор бо мақсади пинҳон доштани даромадҳои ғайриқонунии худ ва қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда истифода бурда мешавад. Зеро раванди назорати истифодаи криптоасъор аз тарафи ягон давлати дунё ба пуррагӣ ба роҳ монда нашудааст.

Аз таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дида мешавад, ки дар аксарияти ҳолатҳо шахсони мансабдори давлатҳои хориҷӣ бо мақсади рӯйпӯш намудани даромадҳои бо роҳи содир намудани ҷиноятҳои коррупсионӣ бадастоварда бо истифода аз шахсони сеюм маблағҳои худро ба криптоасъорҳо иваз намуда, онро дар ҳамёни криптоасъории худ нигоҳ дошта, дар сурати зарурӣ молу ашёҳоро тариқи криптоасъор харидорӣ менамонд. Ин тартиб ба онҳо имкон медиҳад, ки раванди гардиши маблағҳои пулиро аз мақомотҳои назоратбарандаи кишвари худ ниҳон доранд.

Ғайр аз ин, бо мақсади қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда шахсони мансабдор бо гузаронидани якчанд амалиётҳои рӯёякӣ ё қаблакӣ бо истифода аз криптоасъор аҳди худро қонунӣ гардонида, дар ин васила даромади ғайриқонунии худро қонунӣ мекунонанд.

Мавриди таваҷҷуҳ аст, ки дар давраи солҳои 2023 дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд ҳолатҳои содиршавии ҷиноятҳои иқтисодӣ, яъне таъсиси пирамидаҳои молиявӣ ошкор карда шуда, дар ин хусус аз тарафи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқи кишвар парвандаҳои ҷиноятӣ оғоз карда шуда, мавриди тафтиши пешакӣ қарор гирифтаанд. Омӯзиши ин қабил парвандаҳои ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки шахсони ҷинояткор дар ҳудуди давлатҳои хориҷӣ қарор дошта, сайтҳои қалбакиро оиди гӯё анҷом додани хариду фурӯши молу маводҳои ширкатҳои пурнуфуз ва расонидани хизматрасониҳоро таъсис медиҳанд. Баъдан тариқи сомонаҳои иҷтимоӣ ба боварии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон даромада, онҳоро барои сармоягузорӣ намудани сайтҳои худ моил карда, як муддати муайян фоидаи ночизро дода, баъди ба пуррагӣ боварӣ пайдо кардани шахс ва гирифтани маблағҳои калонҳаҷм онро тасарруф менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки ин қабили сайтҳо сармояҳои шаҳрвандонро бо истифода аз криптоасъор ва биржаҳои криптоасъори гирифта, баъдан онро ба якчанд хамёнҳои криптоасъории дигар интиқол медиҳанд. Таҳлили равиши криптоасъорҳо дар ҳамёни мобилӣ нишон дод, ки он тариқи гузариш аз як криптоҳамён ба криптоҳамёни дигар интиқол дода шуда, муайян кардани мавқеъи ҷойгиршавии охири маблағ ва худи ҷинояткор ғайриимкон мебошад. Зеро низоми махфиати криптоасъор ва ҳамёни криптоасъори хеле пурзӯр мебошанд.

Ҳолатҳои болозикр аз он шаҳодат медиҳанд, ки гарчанде истифодаи криптоасъор дар фаъолияти ҳамарӯза ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ як қатор сабукиҳоро ба вуҷуд овардад ҳам, лекин тарафи манфии истифодаи он зиёдтар мебошад. Зеро дар сурати зиёд гаштани истифодаи криптоасъор ҳамчун воситаи пардохт ва бидуни назорат мондани ин раванд ҳолатҳои шустушӯӣ маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда зиёд гардида, истифодаи криптоасъор барои содиршавии ҷиноят рӯ ба зиёдшавӣ менигарад ва ошкори ин гуна ҷиноятҳо бинобар сабаби пурзӯр будани низоми махфияти криптоасъор душвор мешавад.

Дар фарҷоми сухан қайд кардан ба маврид аст, ки айни замон истифодаи криптоасъор дар байни ҷомеаи кишаварамон зиёд шуда истода, зарурати аз тарафи давлат ба танзим даровардани раванди истифодаи криптоасъор ҳамчун воситаи пардохт ва ба роҳ мондани назорати истифодаи он ба мақсад мувофиқ мебошад.

САҲМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР САМТИ СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ МАМЛАКАТ

Ғафурзода З.В. – сардори раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, генерал-майори адлия

Имрӯзҳо, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо дар роҳи устувори созандагиву рушд қарор дорад, мардуми шарифи кишвар дар атрофи Асогузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гашта, баҳри расидан ба ҳадафҳои миллии стратегии кишвар бо қадамҳои устувор ба пеш мераванд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ робитаи ҳамаҷонибаро бо кишварҳои ҷаҳон густурда, «сиёсати дарҳои боз»-ро интихоб намуд. Аз ин баъд чун як кишвари ҳуқуқбунёду демократӣ барои муаррифии давлат ба оламиён ташаббусҳову ибтикороти башардӯстона ва хайрхоҳонаро амалӣ намуд.

Дар ин асно ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ фарҳанги баланди ҳуқуқиро талаб мекунад, ки бе он чунин арзишҳои бунёдӣ ва принсипҳои ҷомеа, ба монанди волоияти қонун, афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифзи манфиатҳои қонунии инсон ва шаҳрванд наметавонанд пурра амалӣ шаванд.

Ҳамчунин, пешрафти Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар сиёсат аст, зеро ки сиёсат рукни аслии иморати давлат аст. Кишваре, ки сиёсат надорад, яъне сохторҳои дифоъкунанда аз манфиатҳои миллӣ ва сохторҳои инъикоскунандаи низоми ҷамъиятӣ ва таркиботи иқтисодии худро надорад, давлат нест.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чун кафили ҳуқуқу озодиҳо ва амнияти мардум ҳамасола ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Паём ироа намуда, дар он самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакатро дар як сол таҳлил намуда, вазифаҳоро барои минбаъда муайян месозад.

Ҳамчунон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муқовимат ба коррупсия аҳамияти махсус дода, аз ҳамаи воситаю имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, муқовиматро дар ин самт пурзӯр менамояд ва бо ин роҳ шаффофияти фаъолияти худро таъмин мегардонад.

Ҷиҳати мубориза бар зидди ин кирдори номатлуб солҳои охир дар кишвари мо заминаҳои дахлдори ҳуқуқӣ ва ташкилӣ муҳайё карда шудаанд, вале ҷиҳати паст намудани шиддати омилҳои коррупсионӣ зарур аст, ки иштироки боз ҳам фаъолтари ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ин самт таъмин гардида, нисбат ба амалҳои коррупсионӣ фазои воқеан оштинопазир фароҳам оварда шавад.

Тавре ба ҳамагон маълум аст, коррупсия мушкилоти глобалии ҷаҳони муосир буда, он ҳамчун падидаи сиёсӣ-иҷтимоӣ ба тамоми паҳлӯҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, идоракунии давлатӣ, рушди босуботи иқтисодиёт, некӯаҳволии мардум, таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳарчанд ҷомеаи ҷаҳонӣ муқобили ин зуҳурот пайваста муборизаро ба роҳ монда бошад ҳам, вале то ба ҳол ба ягон мамолики дунё муяссар нагардид, ки коррупсияро решакан намояд.

Бояд зикр намуд, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин ба роҳ мондани пешгирии коррупсия мебошад, ки аз иродаи бевоситаи Пешвои миллат бармеояд.

Муқовимат ба коррупсия кори дастаҷамъона буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварад ва болоравии коррупсияро коҳиш диҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд карданд, ки «Фаромӯш набояд кард, ки муқовимат ба коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад».

Агар садди роҳи ин падидаро нагирем, коррупсия ба проблемаи ба амнияти миллӣ таҳдидкунанда мубаддал гашта, дар натиҷа иқтисодиёти ниҳонӣ вусъат ёфта, қисми даромаднокии буҷет аз ҳисоби кам ворид гардидани андозҳо ва самаранокии фишангҳои давлатии идоракунӣ коҳиш меёбад, ки ин ба тезутунд гаштани проблемаҳои иҷтимоӣ, бинобар иҷро нагардидани уҳдадориҳои буҷавӣ, оварда мерасонад.

Халқи тоҷик, бо шарофати истиқлолият ва сарварии Пешвои муаззами миллат дар барқарории сулҳу суботи комил, ваҳдати пойдори миллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ, болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ ва дигар соҳаҳо ба дастовардҳои зиёде комёб гардид.

Вале дар ин марҳилаи мураккабу ҳассоси ҷаҳони имрӯза набояд аз хотир барорем, ки мо ба иттиҳоду ҳамраъйӣ, ваҳдати миллӣ, маърифату зиракии сиёсӣ, худшиносиву худогоҳӣ ва эҳсоси баланди ватандӯстиву ватандорӣ аз ҳарвақта дида бештар ниёз дорем. Ин нуқтаро Ҷаноби олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пай бурда, борҳо таъкид карданд, ки ҳушёрию зиракии сиёсиро аз даст надиҳем.

Ҳанӯз аз оғози даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат бо хираду азалӣ ва заковати дурбинона ҷиддияти масъалаи коррупсияро, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш оварда буд, сари вақт дарк намуда, муқовимати оштинопазирро бо ин падидаи номатлуб дар меҳвари сиёсати хеш қарор доданд.

Қобили зикр аст, ки дар тӯли 32 соли таърихи Тоҷикистони навин тамоми масъалаҳо вобаста ба ташкилу фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии муқовимат ба коррупсия бевосита ба иродаи олии сиёсии ин абармарди таърихӣ сарчашма гирифта, ташаббусҳои ин сиёсатмадори барҷаста дар ин самт беназир мебошад.

Таърихи таъсис ва ташаккулёбии мақомоти Агентӣ нишон медиҳад, ки ҷиҳати фаъолияти самараноки ин мақомоти ҷавон, мустаҳкам намудани пояҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва таъминотии он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, хусусан Президенти кишвар, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ғамхориҳои зиёд зоҳир карда мешавад.

Ба тасвиб расидани Фармони Президенти Ҷмуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)», қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза ба коррупсия», минбаъд дар таҳрир нав бо номи «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», тасдиқи Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия, таъсиси Агентии назорати давалатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ ва дар доираи ин барномаҳои давлатӣ амалӣ намудани чорабиниҳо доир ба муқовимат ба коррупсия, иқдомҳое мебошанд, ки онҳо мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муборизаи оштинопазир бо коррупсия ва таҳамулнопазирии он таъмин менамоянд.

НАҚШИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАҲКИМИ СИЁСАТИ ЗИДДИКОРРУПСИОНИИ МАМЛАКАТ

Одинамаҳмадзода Парвиз Одинамаҳмад – сарнозири шуъбаи муқовимат ба коррупсияи раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон, подполковники адлия

Коррупсия ҳамчун зуҳуроти хавфноки ҷомеа барои инсоният дар ҷаҳони имрӯза мушкилоти сангинеро ба бор овардааст. Новобаста аз он ки ҷомеаи ҷаҳонӣ бар зидди ин падида пайваста дар мубориза қарор дорад, вале то ҳол ин падидаи номатлуб чӣ дар давлатҳои абарқудрат ва чӣ дар давлатҳои рӯ ба инкишоф арзи ҳастӣ дорад.

Коррупсия таърихи хело ҳам қадима дошта, дар ҳар давру замон садди роҳи инкишофи иқтисодиёту ҷомеа гардидааст, оромиву суботро халалдор карда, боварии мардумро ба мақомоти давлатӣ коста мегардонад.

Албатта зуҳури коррупсия дар ҳар шакле набошад боиси заиф шудани пояҳои давлатдорӣ ва низоми зиндагии инсон мегардад ва аз ин рӯ, муқовимат алайҳи ин зуҳурот натанҳо вазифаи мақомоти давлатӣ, балки рисолати шаҳрвандии ҳар як сокини мамлакат дониста мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ масъалаи муқовимат ба коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, бартараф ва коҳиш додани шиддати ин падидаи номатлубро дар ҳар баромаду мулоқотҳои худ махсусан таъкид менамоянд.

Аз ҷумла, дар яке аз паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат таъкид доштанд, ки: – «Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад».

Дар партави ин сиёсат Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқовимат ба коррупсия мунтазам чораҳои мақсаднокро роҳандозӣ карда, барои ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ пайваста заминаҳои ташкиливу ҳуқуқиро амалӣ намуда истодааст.

Баъди ба имзо расонидани санади ҳуқуқии байналмилалӣ «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия», яъне

шурӯъ аз 25 сентябри соли 2006 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати имрӯза шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шуданд.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дар ин самт пешгирифта бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда таъсис дода шуд, ки ин иқдом изҳори мавқеи устувори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муборизаи оштинопазир бо коррупсия ва таҳаммулнопазирии он ба ин зуҳуроти номатлуб маҳсуб ёфта, саҳифаи навро дар таърихи ҳаёти ҳуқуқии кишвар боз намуд.

Қобили зикр аст, ки дар давраи фаъолияти мақомоти Агентӣ дар миқёси кишвар аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон то ба имрӯз 3 маротиба санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012», бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03 августи соли 2021, №222 «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул карда шуд, ки онҳо аз талошҳои пайвастаи Сарвари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати решакан кардани ин падидаи манфур шаҳодат медиҳанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз дар доираи барномаҳои мазкур амалӣ намудани чорабиниҳо дар муқовимат ба коррупсия гувоҳи ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва кафолати ноил гардидан ба дастовардҳо дар ин ҷода шинохта шудааст.

Дар ин асно бо амалӣ намудани талаботи нақшаи чорабиниҳои татбиқи стратегияҳои номбурда ҷиҳати тақвияти шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани тамоми шаклҳои рафтори коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ намудани чунин амалҳо заминаҳои боэътимод фароҳам оварда шуд.

Боиси қайд аст, ки ҷиҳати таъмини иҷрои банди 58 нақшаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷрои вазифаҳое, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии кишвар аз 26 декабри соли 2018 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии ҷумҳурӣ» зикр гардидаанд, санаи 7 августи соли 2020 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» қабул карда шуд.

Ҳангоми таҳияи қонун дар баробари таклифу пешниҳодҳои вазорату идораҳо, намояндагони ҳизбҳои сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ҳамзамон тавсияҳои Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд дар доираи Нақшаи амалиёти Истамбулии Шабакаи мубориза зидди коррупсия, ки барои Тоҷикистон дода шудааст, бо дарназардошти муҳимият ва хусусиятҳои татбиқшавандагиашон ба инобат гирифта шуданд.

Дар сохтори Қонуни нав 2 боб ва 18 модда илова карда шуд. Агар сохтори Қонуни қаблӣ аз 5 боб ва 18 модда иборат бошад, пас Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» 7 боб ва 36 моддаро дарбар мегирад.

Инчунин, дар Қонун ба масъалаи пешгирии коррупсия, ки аз рӯи таҷриба яке аз усулҳои самаранок ва натиҷабахши муқовимат ба коррупсия маҳсуб меёбад, диққати махсус дода шуда, «Боби 3»-и он пурра ба ин мавзӯъ бахшида шудааст. Дар боби мазкур дар қиёс ба Қонуни қаблӣ 6 моддаи дигар, яъне

моддаи 14 «Пешгирии коррупсия ва роҳҳои амалигардонии он», моддаи 15 «Тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ», моддаи 16 «Таълиму тарбияи зиддикоррупсионӣ», моддаи 17 «Таҳлили хавфҳои коррупсионӣ», моддаи 18 «Мониторинги зиддикоррупсионӣ» ва моддаи 19 «Экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», ҳамчун чораҳои иловагии пешгирикунандаи ҳолатҳои коррупсионӣ илова карда шудаанд.

Қабули қонуни мазкур дар замони имрӯза мувофиқи мақсад буда, татбиқи воқеии он имкон медиҳад, ки муқовимат ба коррупсия дар миқёси кишвар тақвият бахшида шавад.

Албатта таърихи таъсис ва ташаккулёбии мақомоти Агентӣ нишон медиҳад, ки ҷиҳати фаъолияти самараноки ин мақомоти ҷавон, мустаҳкам намудани пояҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва таъминотии он аз ҷониби Ҳукумати мамлакат, хусусан Президенти кишвар, Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ғамхориҳои зиёд зоҳир карда мешавад.

Бо шарофати чунин ғамхориҳои сарвари давлат сохтори Агентӣ мунтазам вобаста ба талаботи замон такмил дода шуда, тамоми воҳидҳои маҳаллию минтақавии мақомот бо биноҳои хизматӣ таъмин гардида, биноҳои хизматии раёсатҳои Агентӣ дар ВМКБ, вилояти Суғд, шаҳри Душанбе, шуъбаи Агентӣ дар минтақаи Кӯлоб ва шуъбаи минтақавии Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор пурра азнавсозӣ карда шуда, дар онҳо барои кормандон тамоми шароитҳои мусоиди корию хизматӣ ва маишию варзишӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар ин замина, соли 2019 дар маркази пойтахт сохта ба истифода дода шудани бинои зебою барҳаво барои кормандони дастгоҳи марказӣ ва соли 2020 барои шуъбаи минтақавӣ дар водии Зарафшони раёсати Агентӣ дар вилояти Суғд бо тамоми шароитҳои корӣ идомаи ғамхориҳои Сарвари давлат маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, мо кормандони Агентиро зарур аст, ки ҷавобан ба ин ғамхориҳои Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат бояд иҷрои вазифаҳои хизматии худро баҳри ҳифзи манфиатҳои иқтисодии давлат, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тақвияти муқовимати дастаҷамъона ҷиҳати паст намудани шиддати омилҳои коррупсионӣ содиқона ва бомасъулиятона таъмин намоем ва ба Пешвои муаззами миллат ва Тоҷикистони азиз ҳамавақт содиқ монда, тамоми имконият, донишу маҳорат ва неруи худро ҷиҳати дар амал татбиқ намудани сиёсати зиддикоррупсионии Ҳукумати кишвар равона намуда, барои пешрафту ободии ин меҳани азизу пурфайзамон пайваста талош варзем.

ЗАМИНАҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Каримӣ Ҳамза Ҳакимзода – сарнозири шуъбаи муқовимат ба коррупсияи раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар муқовимат ба коррупсия дар канор набуда, бо роҳу воситаҳои гуногун ба ин падидаи номатлуби иҷтимоӣ муқовимат нишон дода истодааст. Яке аз муҳимтарин самтҳои муқовимат бо коррупсия ба миён овардан ва такмил додани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Низоми қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро Конститутсия, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, қарорҳои Маҷлиси намояндагон ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд.

Аз рӯи андозаи фарогирии масъалаи мубориза бар зидди коррупсия санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии ғоявӣ-бунёдӣ;

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус ба масъалаи муқовимат ба коррупсия бахшидашуда;

– санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии дорои меъёрҳои зиддикоррупсионӣ.

1. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии ғоявӣ-бунёдӣ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси санадҳои меъёрии ҳуқуқии ғоявӣ-бунёдии низоми қонунгузории кишвари мо эътироф карда мешаванд. Зеро санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар аз ин санадҳо маншаъ гирифта, дар заминаи муқаррароти ҳамин санадҳо қабул ва мавриди амал қарор дода мешаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки яке аз санадҳои муҳими байналмилалии самти муқовимат ба коррупсия Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия маҳсуб ёфта, он 31 октябри соли 2003 қабул гардидааст. Ин Конвенсия аз ҷониби кишвари мо 25 сентябри соли 2006 ба имзо расонида шуда, бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 апрели соли 2008, №952 тасдиқ карда шудааст.

Мақсадҳои ҳамин Конвенсия аз мусоидат ба қабул ва таҳкими чораҳое, ки ба пешгирии судманд ва таъсирнокии коррупсия ва мубориза бар зидди он нигаронида шу-

даанд, ҳавасмандсозӣ, дастгирии ҳамкории байналмилалӣ ва ёрии техникӣ дар пешгирии ин падидаи номатлуб (аз ҷумла андешидани чораҳо баҳри баргардонидани дороӣ), ҳавасмандсозии поквиҷдонӣ, садоқат ва масъулиятшиносӣ иборат мебошад. Он барои пешгирӣ, тафтиш ва таъқиботи ҷиноятҳо барои коррупсия ва боздоштани амалиёт, ҳабс, мусодира ва баргардонидани даромадҳо аз ҷиноят истифода мешавад. Ҳар як давлати иширокчӣ мутобиқи принсипҳои асосии низоми ҳуқуқии худ сиёсати самаранок ва ҳамоҳангшударо бар зидди коррупсия таҳия ва амалӣ менамояд.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи мазкур ҳамчун санади ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро ташкил дода, қонунҳои амалкунанда ба ин санади ҳуқуқӣ бояд мутобиқ гардонида шавад.

2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус ба масъалаи муқовимат ба коррупсия бахшидашуда, ин қонунҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои соҳавие мебошанд, ки маҳз муносибатҳои ҷамъиятии мартбут ба муқовимат ба коррупсияро ба танзим медароранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки таҳдиди коррупсия дар миқёси давлатҳои ИДМ яке аз аввалинҳо шуда, соли 1999 Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»-ро қабул намуд. Сипас вобаста ба вуҷуд омадани зарурият ва мутобиқ намудани қонунгузорӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия ба талаботи Конвенсияи СММ зидди коррупсия қонуни мазкур 25 июли соли 2005 дар таҳрири нав қабул гардид. Бо назардошти дастуру супоршҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми худ ба Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда буданд, бо мақсади тақвият бахшидани мубориза ба коррупсия Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» дар таҳрири нав аз 7 августи соли 2020 қабул карда шуд. Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи Конвенсияи СММ зидди коррупсия мутобиқ гардонида шудааст. Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

Мафҳуми коррупсия дар Қонуни нав қабулгардида ҳамаи ҷанбаҳои ҳуқуқиро дар бар гирифта, бо назардошти тавсияҳои Конвенсияи СММ зидди коррупсия маънидод карда шудааст. Дар Қонуни мазкур мафҳуми коррупсия ба таври зайл маънидод карда шудааст: коррупсия – кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ.

Ба ғайр аз ин, дар ин Қонун истилоҳи «муқовимат ба коррупсия» ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст, ки он мафҳумҳои «пешгирии коррупсия» ва «мубориза бо коррупсияро» дар бар гирифтааст. Яъне дар Қонуни мазкур зери мафҳуми муқовимат ба коррупсия фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои

ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ ифода карда шудааст.

Ҳамзамон, қонунгузор зимни таҳияи Қонуни мазкур субъектҳои муқовимат ба коррупсияро ба ду гурӯҳи алоҳида ҷудо намудааст. Аз ҷумла, себъектҳои бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ва субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок мекунанд. Доираи ваколат ва вазифаҳои субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар ин Қонун ба таври мушаххас пешбинӣ карда шудааст.

Ба ғайр аз ин, зери мафҳуми «хешовандон» дар таҳрири нави Қонун доираи васеи робитаҳои хешутабории шахс фаро гирифта шудааст. Шарҳи мафҳуми мазкур дар таҳрири нави Қонун чунин ифода ёфтааст: хешовандон – зан, шавҳар, фарзанд, падару модар, бародар, хоҳар, инчунин падару модар, бародар, хоҳар ва фарзандони зан ё шавҳар, амак, тағо, хола, амма, қудо, келин, домод, бародарзода, хоҳарзода, фарзандхондагон, фарзандхондшудагон, инчунин шахси дигаре, ки бо шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда якҷоя зиндагӣ карда, хоҷагии умумӣ мебаранд.

Инчунин, дар Қонуни мазкур мамониатҳо барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба он баробаркардашуда, маҳдудиятҳо вобаста иҷрои мансаби давлатӣ ва мансабҳои ба он баробаркардашуда дақиқ дарҷ гардида, роҳу усулҳои бартараф намудани ин гуна ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд мушаххас пешбинӣ карда шудааст. Хуллас, қонунгузор дар таҳрири Қонуни нав масъалаҳои марбут ба коррупсияро аз диди назари муосир мукаммал таҳия намуда, барои ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти муқовимат ба коррупсия заминаи зарурии меъёрии ҳуқуқиро фароҳам овардааст.

Дар заминаи талаботи Конвенсияи СММ зидди коррупсия вобаста ба таъсис додани мақоми пешгирикунандаи коррупсия, бо мақсади вусъат бахшидани низоми мубориза бар зидди коррупсия, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назоратию санҷишӣ бо фармони Президетни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар як вақт бо ин Фармон Низомнома, сохтори Дастгоҳи марказӣ ва нақшаи идоракунии Агентӣ тасдиқ гардидааст. Фаъолияти мақомоти мазкурро Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20.03.2008, №374 ба танзим медорад. Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқӣ, низом, сохтор ва ташкили фаъолият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо, хизмат дар мақомоти Агентӣ, ҳамкории байналмилалии ҳуқуқӣ, таъминоти молиявӣ, моддию техникии Агентиро муқаррар намудааст. Барои фаъолияти мақоми махсусгардонидашуда захираи моддии зарурӣ фароҳам оварда шуда, омодагии он барои иҷрои вазифаҳои ба уҳдааш гузошташуда таъмин карда шудааст. Ин мақомоти махсусгардонидашуда сиёсати зиддикоррупсионии давлатро бевосита амалӣ намуда, барои коҳиш додани сатҳи коррупсия дар кишварамон тадбирҳои заруриро роҳандозӣ карда истодааст.

Бо мақсади таъминоти оморӣ ва иттилоотии раванди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди корурпсия» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 сентябри соли 2006, №414 «Дастурамали баҳисобгирии оморӣ ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва феҳристи чунин ҷиноятҳо» тасдиқ гардида, аз 1 январи соли 2007 мавриди амал қарор дода шуда буд. Вазорату идораҳо ҷиҳати амалӣ намудани ин қарор чораҳои заруриро андешида, мутобиқи талаботи ҳамин Дастурамал фаъолияти худро дар самти баҳисобгирии оморӣ ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба роҳ монда буданд. Бо мақсади ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ намудани баҳисобгирии оморӣ ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 октябри соли 2022, №506 «Тартиби баҳи-

собгирии ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд» қабул гардида, аз 1 январи соли 2023 мавриди амал қарор дода шуд. Тартиби мазкур қоидаҳои таҳия ва пешбурди ҳисоботи оморӣ оид ба натиҷаҳои назорати прокурории амалисозӣ ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба баррасии муроҷиатҳо ва маълумот дар бораи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, ошкоркунӣ ва тафтиши ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, категорияи шахсони чунин ҷиноятҳоро содирнамуда, натиҷаи баррасии судии чунин парвандаҳои ҷиноятӣ, татбиқи ҷазои ҷиноятӣ ва категорияи шахсони барои содиркунии чунин ҷиноятҳо маҳкумшуда, инчунин тартиби баҳисобгирӣ ва пешбурди ҳисоботи оморӣ ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии хусусияти коррупсионидошта, шахсони онҳоро содирнамуда ва феҳристи чунин ҳуқуқвайронкуниҳоро муайян намудааст. Бинобар он ки Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фасл ё боби махсуси ба ҷиноятҳои коррупсионӣ бахшидашуда надорад ва ин гуна ҷиноятҳо дар фаслу бобҳои гуногуни ин Кодекс оварда шудаанд, дар Тартиб феҳристи ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бо дарназардошти мавҷудияти нишонаҳои коррупсия дар кирдори мушаххас муайян карда шудааст. Мутобиқи талаботи Тартиб зимни ҳалли масъалаи ҳамчун ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ба ҳисобот дохилкунии онҳо бояд мавқеи мансабии шахс, ваколатҳои ӯ, амалҳои ғайриқонунии иҷронамудаи ӯ ба манфиати худ ва дигарон, инчунин аломатҳои дигари таркиби ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ ба назар гирифта шаванд.

Барои ташкил ва амалӣ намудани чораҳои маҷмӯии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва ҷалби васеи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар мубориза ба коррпусия бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010, №986 Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки мақоми умумимиллии машваратӣ, мутобиқсозандаи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ ҷиҳати амалигардонии муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб меравад.

Бо мақсади дуруст роҳандозӣ намудани ҷамъоварӣ ва ташаккули маълумоти оморӣ оид ба вазъи пешгирӣ, ошкоркунӣ, бақайдгирӣ, кушодан, рафъ намудан ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, ҳолати таҳқиқу тафтиш ва баррасии судии парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта ва муайян намудани вазъи мубориза бо ин намуд ҷиноятҳо бо мақсади таъминоти ҳуқуқӣ – иттилоотии мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Методологияи мониторинги омории вазъи мубориза бар зидди коррупсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 майи соли 2018, №253 тасдиқ карда шудааст, ки асосҳои ташкилӣ ва методии раванди таҳлили омории ҳолати мубориза бар зидди коррупсияро муқаррар менамояд.

Амалияи мубориза бар зидди коррупсия дар давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон аз он шаҳодат медиҳад, ки бидуни барномаи махсуси давлатии самти муқовимат ба коррупсия, решакан кардани ин падидаи номатлуб ва мубориза бо он, коҳиш додани сатҳи коррупсия ва бартараф намудани оқибатҳои манфии ин зуҳурот мушкил аст. Бо дарки муҳимияти ин масъала дар ҷумҳури соҳибистиқлоли мо барномаҳои давлатии соҳавии зиддикорррупсионӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуда истодааст. Аз ҷумла, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012» ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» қабул гардида, мавриди амал қарор дода шуданд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар давраи амалисозии ин Стратегияҳо барои паст кардани шиддати коррупсия ва баланд бардоштани обрӯю нуфузи мамла-

кат дар арсаи байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам овард.

Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо фармони Прзиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 тасдиқ карда шудааст, идомаи мантиқии барномаҳои зиддикоррупсионии қаблӣ маҳсуб меёбад. Нақшаи чорабиниҳои амалисозии ин Стратегия барои марҳилаи якум (солҳои 2021–2025) 70 намуд чорабиниҳоро дар бар гирифта, мақсади дарназардошта, муҳлати иҷро, иҷрокунандагон ва маблағгузории онро мушаххасан пешбинӣ намудааст.

Бо иҷрои талаботи нақшаи чорабиниҳои амалисозии стратегияҳои номбурда ҷиҳати тақвияти шаффофияти раванди идоракунии давлатӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани тамоми кирдорҳои коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ намудани чунин кирдорҳо заминаҳои боэътимод фароҳам оварда шуд.

Тазаккур бояд дод, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳз дар доираи стратегияҳои мазкур амалӣ намудани чорабиниҳо доир ба муқовимат ба коррупсия гувоҳи ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва кафолати ноил гардидан ба дастовардҳо дар ин ҷода шинохта шудааст.

Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун барномаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб рафта, дар ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ амалӣ карда мешавад. Чорабиниҳои дар Стратегия пешбинишуда ба меъёр ва принсипҳои қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳлили вазъи ҷиноятқорӣ ва пешгӯии раванди он, натиҷаҳои тадқиқотҳои илмию амалияи муқовимат ба коррупсия, таҷрибаи амалҳои муштарак, ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шудаанд, асос ёфтааст. Ин барномаи дурнамои соҳавӣ барои баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз чорабиниҳои андешидашуда содир гардидани ҷиноятҳои коррупсионӣ тамоюли зиёдшавӣ доранд. Омӯзиши сабабу шароитҳои ба содиршавӣ ва афзоиши онҳо мусоидаткунанда нишон дод, ки он дар номукаммалии қонунгузории соҳавӣ, ба таври зарурӣ татбиқ накардани чорабиниҳои давлатии зиддикоррупсионӣ, таъмин нагардидани назорати дурусту саривақтӣ, дарки нокифояи талаботи қонунгузории зиддикоррупсионӣ, ба таври холисона баҳогузорӣ накардани фаъолияти хизматчиёни давлатӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории нодурусти кадрҳо ва ғайраҳо ифода меёбанд. Аз ин рӯ, аз ҷониби мақомотҳои дахлдори давлатӣ бояд коркарди роҳу усули муосири баланд бардоштани масъулияти шахсии роҳбарони тамоми вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои дигар ва дар маҷмӯъ, ҳамаи субъектҳои муқовимат ба коррупсия роҳандозӣ гардида, барои коҳиш додани содиршавии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ тамоми чорабиниҳои пешгирикунанда андешида шавад. Мақомоти дахлдорро зарур аст, ки пеш аз ҳама сарчашма ва сабабҳои пайдоиши ҳолатҳои коррупсиониро дар соҳаҳои осебпазир муайян намуда, ҷиҳати коҳиш ва бартараф кардани онҳо чорабиниҳои зарурии пешгирикунандаи хавфу омилҳои коррупсиониро роҳандозӣ намоянд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки вобаста ба пешрафти босуръати ҳаёти сиёсиву иқтисодии ҷаҳони имрӯза рӯз аз рӯз тарзу усулҳои нави содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ зуҳур карда истодаанд. Ин ҳолат водор месозад, ки роҳҳои нави муқовимат алайҳи ин падида дарёфт карда шуда, аз на-

тиҷаи таҳлилҳои амиқи амалисозии Стратегия муқовимати илман асоснок тақвият бахшида шавад.

3. Ба санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии соҳавии дорои меъёрҳои зиддикоррупсионӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ» ва дигар санадҳои қонунгузорӣ шомил мегарданд, ки дар онҳо меъёрҳои ҳуқуқии танзимсозандаи самти муқовимат ба коррупсия пешбинӣ карда шудааст. Масалан, мутобиқи муқаррароти сархатҳои 7 ва 8 моддаи 16 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007, №233 агар шахс доғи судӣ барои ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ содиркарда дошта бошад, агар барои содир намудани ҷиноятҳои қасдона маҳкум шуда бошад ё дар асоси моддаи 32 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои содир намудани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда бошад, наметавонад ба хизмати давлатӣ қабул гардад ва ҳамчун хизматчии давлатӣ дар хизмати давлатӣ бошад. Муқаррароти меъёри мазкур мазмунан ба мамониатҳои барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ, ки дар бандҳои 1 ва 2 қисми 1 моддаи 22 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» пешбинӣ гардидааст, шабоҳат дорад. Ин меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қонунҳои болозикр бо мақсади пешгирӣ намудани коррупсия ва бархӯрди манфиатҳо дар хизмати давлатӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Заминаи аз ҳама мусоид барои коррупсия дар ҳама давру замон номуайян будани доираи ваколат ва беҳудудии ҳокимият маҳсуб меёбад. Тибқи шарҳи нисбатан маъмултарини омилҳои коррупсия, ки аз ҷониби профессор Роберт Клитгаард дар шакли баробарии математикӣ пешниҳод шудааст – сатҳи коррупсия ба дараҷаи инҳисори (монполияи) ҳокимият бо ҷамъи озодии амали мансабдор ва тарҳи ҳисоботдиҳандагӣ баробар аст. Дар натиҷаи таҳкими низоми қонунгузории ҷумҳурӣ бо мақсади дуруст ба танзим даровардани идоракунии давлатӣ, ваколатҳои шахсони мансабдор мушаххасан пешбинӣ карда шудааст, ки ин ҳолат барои мубориза ба коррупсия заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Дар ин замина мутобиқи муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ ба сифати сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ этироф карда шуда, ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад.

Роҳбари маркази «Трансперенси Интернешнл» (Россия) (Transparency International) Елена Панфилова дуруст қайд намудааст, ки барои коҳиш додани сатҳи коррупсия танҳо таъқиб намудани шахсони ба ин кирдорҳои номатлуб дастзада кифоя нест. Бояд низоми идоракунии давлатӣ чунин тағйир дода шавад, ки бинобар дуруст роҳандозӣ карда шудани назорати ҷамъиятӣ, ба коррупсия даст задани шахсони мансабдор ғайриимкон гардад. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф иродаи сиёсӣ ва вақт лозим аст. Маҳз барои ба вуҷуд овардани чунин механизми идоракунии давлатӣ дар низоми қонунгузории кишвари мо мамониатҳо барои таъин ё интихоб шудан ба мансабҳои давлатӣ, инчунин маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои вазифаи мансабҳои давлатӣ ба таври мушаххас пешбинӣ карда шудаанд.

Инчунин, дар низоми қонунгузории кишвари мо бо мақсади дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои он ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳои бартараф намудани ин омилҳо дар шакли ҳатмӣ гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои он пешбинӣ карда шудааст. [13] Зеро дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой доштани чунин омилҳо ба зуҳуроти коррупсия, аз ҷумла бархӯрди манфиатҳо, вайрон намудани одоби хизматӣ ва риоя накардани принсипи шаффофият шароит фароҳам оварда, ба мақомоти давлатии ҳуқуқтатбиққунанда ва шахсони мансабдори онҳо берун аз қоидаҳои умумӣ ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ ва ихтиёрдорӣ дода, имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумии муқарраршуда, ҳамчунин хавфи пай-

доиши ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки заминаи пешниҳод намудани талаботи номуайян, иҷрояш мушкил ва монеаҳои сохтаро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ эҷод мекунад. Аз тарафи мақоми босалоҳият ва мутахассисони соҳибкасб гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои он самаранокии механизми пешгирии бонизоми коррупсияро тақвият мебахшад. Дуруст роҳандозӣ карда шудани меъёрҳои мазкур барои коҳиш додани сатҳи коррупсия дар кишвари мо ва муборизаи беамон бар зидди он мусоидат менамояд.

Ҳамин тариқ, дар даврони соҳибистиқлолӣ заминаҳои муносиби ҳуқуқиву ташкилӣ барои рушди устувори Тоҷикистони соҳибихтиёр ва бунёди давлатдории миллӣ фароҳам оварда шудаанд ва Ҷумхурии Тоҷикистон дар натиҷаи амалӣ сохтани сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ– Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯзҳо ба ҳайси як кишвари муваффақ дар самти таъмини зиндагонии озоду осуда, беҳсозии некӯаҳволии мардум, ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба чаҳониён муаррифӣ шудааст. Дар давраи сипаришуда бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ маҷмӯаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, доктринаи миллии ҳуқуқӣ дар ин соҳа ташаккул дода шуд.

КОРРУПСИЯ – ТАҲДИД БА СУЛҲУ ОРОМИСТ!

Салимзода Сафар Ҳокимҷон – сардори раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе

«Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад».

Эмомалӣ Раҳмон

Коррупсия ва амалҳои коррупсионӣ яке аз мушкилоти умумиҷаҳонӣ маҳсуб ёфта, тақрибан ҳамаи давлатҳои дунё бо ин зуҳуроти номатлуб мувоҷеҳ ҳастанд. Имрӯз мушкилоти мубориза бо коррупсия ва муқовимат бо он мавриди таваҷҷуҳи ҷомеашиносон ва сиёсатмадорон қарор гирифта, хатарнок ва зараровар будани он дар тамоми самтҳои фаъолияти инсон ба назар мерасад.

Мувофиқи маълумоти Форуми иқтисоди ҷаҳонӣ (World Economic Forum), аз 16 декабри соли 2019 коррупсия ҳар сол ба кишварҳои рӯ ба тараққӣ 1,26 триллион доллар зарар мерасонад.

Барои аз байн бурдани ин зуҳуроти хатарнок дар ҷумҳурии мо низ чораҳои қатъӣ андешида шуда, мубориза бар зидди амалҳои коррупсионӣ ба таври ҷиддӣ ба роҳ монда шудааст.

Бо дарназардошти шароит ва авзои нобасомони кишварҳои ҷаҳон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои таҳкими амнияти миллӣ, таъмини адолати иҷтимоӣ ва беҳтар кардани вазъи иқтисодии кишвар мубориза бо ин падидаи номатлубро рӯз то рӯз пуршиддат намуда, ҷиҳати пешгирӣ ва решакан кардани он дастуру супоришҳои қатъӣ медиҳанд.

Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахурӣ)», қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» соли 1999, таҳия ва қабули Қонуни мазкур дар таҳрири нав дар соли 2005, Қабули Кодексҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бархе аз номгӯи зиёди ин тадбирҳост, ки ҷиҳати муқовимат ба коррупсия дар амал татбиқ шудаанд ва ин раванд идома дорад.

Тасвиби як қатор қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани амалҳои коррупсионӣ ва мубориза бо он, иродаи қавӣ ва сиёсати зиддикоррупсионии Пешвои муаззами миллат аст. Аз он ҷумла, соли 2020 Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба кор-

рупсия» мутобиқ ба стандартҳои байналмилалии зиддикоррупсионӣ, Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳо аз тадбирҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, ки ҷиҳати пешгирӣ намудани ҳодисаҳои сӯистифода аз мансаб, тасарруфи моликияти давлатӣ, ришваситонӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ ба роҳ монда шудаанд.

Таҳлилгарон амалҳои коррупсиониро ҳамчун рафторе муайян кардаанд, ки ба «ethical universalism» «универсализми ахлоқӣ» мухолиф аст.

Муҳиммияти ин масъала ва таъсири бади ин фасодро дар ҷомеа ба инобат гирифта, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар аввалин Паёми худ ба аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуда буданд: «Вазифаи муҳимтарини ҷомеаи дорои иқтисодиёти бозаргонӣ мубориза бо коррупсия мебошад».

Воқеан амалҳои коррупсионӣ эътиқод ва арзишҳои ахлоқии ҷомеаро ба хатар андохта, сабаби шикаста шудани руҳияи мардум, махсусан афроди поквиҷдон ва дурусткор, нобоварӣ ва ноадолатӣ дар ҷомеа мегардад ва кормандони дигарро низ ба самти фаъолиятҳои нодуруст, ришвахурӣ ва дастёбӣ ба даромадҳое, ки ғайриқонунӣ ва ба соддагӣ имконпазиранд, мувоҷеҳ месозад. Сабаби масрафҳои зиёд дар анҷоми аксари корҳо мегардад ва раванди рушди рақобатпазириро заиф месозад. Дар фаъолияти идораҳои давлатӣ амалҳои коррупсионӣ метавонад, заминаи рукудро дар тамоми самтҳои давлатдорӣ ба вуҷуд оварад.

Амалҳои коррупсионӣ субботи амниятию сиёсиро коҳиш дода, сабаби асосии ақибмондагӣ, заиф шудани рукнҳои иҷтимоию иқтисодии давлат ва бадбахтии мардум мегардад. Дар аксар мавридҳо сабаби қазовати нодуруст, ҳақро ноҳақ кардан мешавад, ки сарнавишти садҳо одамонро табоҳ месозад. Инчунин ҷангҳои пай дар пай, сар задани хусунатҳо, нобудӣ, фурӯпошӣ ва барҳамхӯрии низомҳои иҷтимоӣ ҳамвора аз густариши амалҳои фасод яъне коррупсионӣ аст. Худи истилоҳи «коррупсия» аз калимаи лотинӣ «corruptio» гирифта шуда, маъноҳои «вайронкунӣ, ришвадиҳӣ ва фасод» -ро дорад. Решаи фасод аз калимаи лотинии «Rumpere» ба маънои шикастан аст. Яъне дар фасод чизе мешиканад ё ин ки нуқс, осеб мебинад. Фасод дар луғат ба маънои «табоҳӣ», пӯсидагӣ, нобудӣ, пӯчӣ, беэътиборӣ ва ҳамчун масдар ба маънои гирифтани амволи дигаре ба зӯр ва ситам низ маънидод шудааст. Аз ин лиҳоз коршиносон «Фасод» яъне амалҳои коррупсиониро сарчашмаи нобудӣ, харобӣ ва маҳви бахшҳои мухталифи ҷомеа арзёбӣ намудаанд.

Ҳамин тавр, мубориза бо коррупсия ва муқовимат ба амалҳои коррупсиониро аз иқдомҳои арзишманди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон унвон кардан мумкин аст, ки метавонад баробарии иҷтимоиро дар кишвари мо фароҳам оварад ва сабаби рушду густариш дар ҳамаи соҳаҳо гардад.

Чуноне, ки Сарвари давлат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2021 таъкид доштанд: «Барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад.»

Бо дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати пешгирӣ ва аз байн бурдани омилҳои коррупсионӣ ва тавсеаи ҳамкориҳои давлат бо ҷомеаи шаҳрвандӣ заминаҳои дахлдори ҳуқуқиву сохторӣ фароҳам оварда шудаанд. Таҳия ва татбиқи як қатор стратегияву барномаҳои давлатӣ танҳо ба хотири рафъи ин падидаи номатлуби ҷомеа мебошад.

Аз замони тасвиби «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» дар таърихи 25-уми сентябри соли 2006 то ба имрӯз дар Тоҷикистон беш аз 20 санади меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шудаанд.

Санади меъёрии ҳуқуқии асосӣ дар ин самт Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз 7-уми августи соли 2020, №1714 мебошад, ки асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст.

Таъсир ва оқибатҳои нохуши амалҳои коррупсионӣ ва мубориза бо он мавриди таваҷҷуҳи иқтисодчиён, ҳуқуқшиносон ва аксари андешамандони бузурги дунё қарор гирифта, ҳанӯз моҳи сентябри соли 1996 иқтисодчии машҳур Пауло Мауро дар Маҷаллаи «Масъалаҳои иқтисодӣ» таҳти унвони «The Effects of Corruptionon Growth, Investment, and Government Expenditure», «Таъсири коррупсия ба рушд, сармоягузорӣ ва хароҷоти давлатӣ» ин масъаларо мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додааст. Пауло Мауро амалҳои коррупсиониро яке аз сабабҳои асосии заиф шудани раванди иқтисодиёт, фақр ва ақибмондагии давлат медонад.

Донишманди дигар Имон Аҳмад Ҳошим дар маҷаллаи «Journal of Economics and Sustainable Development» «Маҷаллаи иқтисод ва рушди устувор» коррупсияро сӯиистифода аз қудрати давлатӣ барои манфиатҳои шахсӣ таъриф карда, чунин овардааст: «Коррупсия мушкилоти ҷиддии рушдро ба миён оварда, як қатор оқибатҳои номатлуб дар дохили кишвар дорад, аз он ҷумла қобилияти ҳукуматро барои ҷорӣ намудани назорати зарурии танзимкунанда коҳиш медиҳад».

Аз ин хотир бо итминони комил метавон гуфт, ки дастуру супоришҳои Сарвари давлат оид ба пешгирии омилҳои ба коррупсия мусоидаткунанда муҳим ва пуразриш буда, татбиқ ва дар амал иҷро кардани онҳо зарурат ва ниёзи ҷомеаи имрӯза аст.

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мубориза бо амалҳои зиддикоррупсионӣ басо бузургу арзанда буда, аз сиёсатҳои воқеъбинона, хирадмандона ва барномарезиҳои аниқу дақиқи ин сиёсатмадори бузург мебошад, ки барои баланд бардоштани иқтидори давлат, мустаҳкам кардани пайвандҳои иҷтимоӣ, пешгирии пайомадҳои манфӣ ва ногувор, ки домангири ҷомеа мешаванд таъсири хубу пурманфиат хоҳад дошт.

Коррупсия ба яке аз масоили муҳиму мубрами замони муосир мубаддал гардида, ин падидаи номатлуб дар оянда низ нобасомониҳои зиёде барои ҷомеаи башарӣ дар пай хоҳад дошт.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳамияти ин мавзӯъ моро зарур аст, ки тибқи дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат амал карда, дар мубориза бо амалҳои коррупсионӣ, ки мавқеияти кишвари моро дар сатҳи ҷаҳонӣ зери суол мебарад, ноумедӣ ва нобоварии шаҳрвандонро дар дохил ба вуҷуд меоварад, эътимоди мардумро нисбат ба Мақоми олии кишвар коҳиш медиҳад, авзои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии давлатро халалдор месозад, қавию устувор бошем.

Фаромӯш набояд, кард ки мубориза бо амалҳои хусусияти коррупсионидошта танҳо бо шиор амалӣ карда намешавад. Дар бартараф кардани ин зуҳуроти номатлуб ҳар яки мо бояд нақш дошта бошем. Зеро амалҳои коррупсионӣ боиси аз байн рафтани иқтидори қонун, низом ва муқаррароти мавҷуда, дар маҷмуъ – «марги қонун» мешавад ва заминаи эҷоди ҷурму ҷиноятҳои вазнину сангинро дар ҷомеа фароҳам месозад.

ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТИИ ШАҲРВАНДОН – ОМИЛИ АСОСИИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯ

Гулмаҳмадзода Ҷамшед Гулмаҳмад – сардори шуъбаи Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб, генерал-майори адлия

Воридшавии инсоният ба ҷомеаи иттилоотӣ, ки торафт фарогир мегардад, собит менамояд, ки ҳокимият ба дониш асос ёфта, иттилоот дар баробари дигар неъматҳо, яке аз боигариҳои замони муосир ба ҳисоб меравад.

Иттилоот дар раванди идоракунии ҳамаи шаклҳои давлатдорӣ муассир буда, ҳамеша аз ҷиҳати мусбӣ ва манфӣ таъсирҳои худро ба ҷомеа мерасонад. Раванди рушди иттилоот хеле суръати баланд дошта, бо шаклҳои гуногун инъикос меёбад.

Айни замон дар чунин ҳолати мураккаби ҷаҳони муосир зарурати ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи субботу амният нисбат ба таъмини номаҳдуди «ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» барои баъзе кишварҳо аҳамияти муҳим мегирад. Чунки иттилоот яке аз воситаҳои асосӣ барои пешрафти ҳаёти ҳаррӯзаи инсоният ба шумор меравад ва ҳар як шахси комилҳуқуқ ниёз ба ӯ дошта, беихтиёр ба таври фарох аз он истифода менамояд.

Дар шароити кунунии ҷаҳонӣ бе шароити фароҳам ба дастрасии иттилоот ва танзими ҳуқуқии он пешрафти давлатро таъмин кардан ғайриимкон аст. Дар ин замина дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишваре, ки худро ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф менамояд, барои танзими ҳуқуқии иттилоот ва дастрасӣ ба он як қатор санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии дахлдор қабул карда шудааст. Мисоли равшани ин гуфтаҳо,– Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои таъмини воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» аз 16 сентябри соли 1999 №1347, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъсиси Шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот ва тадбирҳои танзими воридшавӣ ба шабакаҳои иттилоотии ҷаҳонӣ» аз 8 августи соли 2001 №389, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон» аз 5 ноябри соли 2003 №1174, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 7 ноябри соли 2003 №1175 ва консепсия ҳамчун замима, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи барномаи таъмини амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 июни соли 2004, №290 ва Барнома ҳамчун замима, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 декабри соли 2004 №468, Фармони

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 апрели соли 2008 №451 ва инчунин Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи алоқаи барқӣ», «Дар бораи ҳифзи иттилоот», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи имзои электронии рақамӣ» мебошанд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 апрели соли 2012 таъкид гардид буд, ки мақсади асосии ворид гардидан ба технологияи иттилоотӣ аз як тараф рушди инфрасохтори иттилоотӣ бошад, аз тарафи дигар ин баланд бардоштани сатҳи маърифати техникии табақаҳои гуногуни ҷомеа, татбиқи ин раванд дар иқтисоди миллии кишвар буда, он барои ба шаҳрвандон ба таври электронӣ саривақт ва бо сифати баланд расонида шудани иттилоот ва тадричан аз байн бурдани зуҳуроти номатлубе чун бюрократизм ва коррупсия, таҳкими муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ, ҷиҳати танзими ҳамкории иттилоотӣ фароҳам овардани шароит барои табодули иттилоотии мутақобила ва ташаккули системаи кафолатҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон барои гирифтани иттилооти давлатӣ дар шакли кушода ҳамкорӣ ва гуфтугӯи доимии давлатро бо шаҳрвандон, институтҳои ҷамъиятӣ ва назорати доимӣ ва зарурии сатҳи ҷомеа аз рӯи фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳо ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст ва имрӯзҳо «ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аҳамияти ҳаётӣ мегирад.

Коррупсия ин яке аз падидаҳои хатарноки ҷомеа ба шумор меравад. Ин зуҳуроти хавфнок унсури таҳдидкунанда ба амнияти давлату миллат маҳсуб ёфта, рушди босуботи ҷомеаро сусту заиф мегардонад.

Дар замони ҷаҳонишавӣ яке аз зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир, ки ба асосҳои давлатдорӣ таъсири манфӣ расонида, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад, зуҳуроти ҳаракатҳои коррупсионӣ мебошад, ки мубориза бар зидди он ва паст гардонидани сатҳи ин падида ба яке аз масъалаҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ табдил ёфтааст.

Коррупсия ҳамчун яке аз масъалаҳои доғи рӯзи тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, зуҳуроти хавфноки ҷамъиятӣ дар соҳаи сиёсат ё идоракунии давлатӣ мебошад, ки дар истифодаи қасдонаи вазъи хизматии худ аз ҷониби намояндагони ҳокимият барои ғайриқонунӣ ба даст даровардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ ва имтиёзҳо дар шакли дилхоҳ, ҳамчунин харида гирифтани ин шахсон ифода мегардад.

Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ намудани амалҳои коррупсионӣ ҳанӯз аз оғози давраи соҳибистиқлолии кишварамон чораҳои амалиро роҳандозӣ намуда, як қатор ҳуҷҷатҳои меъёриву ҳуқуқиро қабул намуд. Пеш аз ҳама, бо иқдоми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10-уми январи соли 2007 таъсис дода шуд, ки дар муддати фаъолияташ барои гирифтани пеши роҳи амалҳои коррупсионӣ аз тарафи корхонаву ташкилотҳо ва шахсони алоҳида саҳми арзандаи худро гузоштааст гузошта истодаааст. «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар ҷумҳурӣ барои солҳои 2008–2012 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34», «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504» ва «Стратегияи давлатии муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии солҳои 2021–2025 бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 қабул ва тасдиқ гардиданд. 31 октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди

коррупсия қабул гардид, ки дар он роҳҳои асосии мубориза ба ин падидаи хавфноки ҷомеа кушоду равшан нишон дода шудааст. То имрӯз 140 кишвари дунё ин ҳуҷҷати муҳимро пазируфта, ба зери он имзо гузоштанд. Ҷумҳурии мо ҳам тарафдории худро нисбат ба ин санади манфиатовар нишон дода, санаи 16-уми апрели соли 2008 аз тарафи Маҷлиси Олии кишварамон он тасдиқ гардид.

Айни замон, таъмини шаҳрвандон бо дастрасӣ ба иттилоот – ба андозаи аслии мубориза бар зидди коррупсия ба ҳисоб меравад, зеро рушди бемайлони илму технологияи муосир тақозои онро дорад, ки барои муҳайё кардани кафолатҳои ҳуқукии шаҳрвандон ҷиҳати таъмини дастрасӣ ба иттилоот чораҳои муассир андешида шаванд.

Дар ин замина, ба таври фаврӣ, пурра ва ошкоро ба сокинони мамлакат ва ҷомеаи башарӣ расонидани иттилоот ва фаҳмонидани сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти мамлакат оид ба дигаргуниҳои куллӣ, ки дар ҷумҳурӣ ба вуқӯъ пайвастаанд, аҳамияти махсус дорад.

Таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ба дастрасӣ ба иттилоот, ин яке аз роҳҳои мубориза бар зидди коррупсия ба ҳисоб меравад, зеро рушди бемайлони илму технологияи муосир тақозои онро дорад, ки рушди тафаккури ҳуқуқии аҳолӣ баланд бардошта шавад, зеро бе маърифати баланди ҳуқуқӣ, ки барои пайдо гардидани ҳаракатҳои коррупсионӣ боис мегардад, ҳанӯз аз даврони шуравӣ реша гирифтааст.

Дар ин замина, бо роҳи ба таври фаврӣ ба сокинони мамлакат ва ҷомеаи башарӣ расонидан ва фаҳмонидани сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти сиёсии мамлакат оид ба дигаргуниҳои куллӣ, ки дар ҷумҳурӣ ба вуқӯъ пайвастаанд, «тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои ҳозиразамон» доираи паҳншавии барномаҳои радио ва телевизионҳои давлатҳои хориҷиро пешгирӣ намудан, адабиёт ва маводи динии ба ҷумҳурӣ воридшавандаро зери назорати қатъии мақомоти дахлдори давлатӣ қарор додан» яке аз чораҳои зарурӣ мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии давлат дар самти ҷорӣ намудани ҳукумати электронӣ ва дастрасии мунтазами аҳолӣ ба иттилоот ин пурзӯр намудани мубориза ба муқобили коррупсия ба ҳисоб меравад. Вокуниш ва муқобилият ба он бояд ҳамчун на ба шиорҳои мубориза бо коррупсия, балки ба баланд бардоштани сифати ҳаёт, рушди устувори иқтисодӣ ва сафарбарии тамоми мақомоти кудратии кишвар, таъмини шаффофият, озодии васоити ахбори омма, бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва меъёрҳои ягона барои хизматрасониҳои давлатӣ, ки тадбирҳои аввалиндараҷа ба паст кардани сатҳи коррупсия қабул гардидааст, вобастагӣ дорад.

Бо мақсади таъмини ин раванд зарурати қабул кардани қонун дар бораи ҳуқуқи шаҳрвандон ба иттилоот пеш омад, зеро фарҳанги қабули иттилоот як рукни асосии пешрафт ба ҳисоб меравад.

Бо дарназардошти ин ва бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифати техникии табақаҳои гуногуни ҷомеа ва ҳамаҷониба татбиқ намудани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар иқтисоди миллии кишвар «Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ» қабул гардид.

Ин имкон медиҳад, ки номгӯи зиёди хизматрасониҳои давлатӣ ба шаҳрвандон ба таври электронӣ сари вақт ва бо сифати баланд расонидашуда, зуҳуроти номатлубе чун бюрократизм ва коррупсия тадриҷан аз байн бурда шаванд. Дар баробари ин, муносибати мутақобилаи ҷомеа бо сохторҳои давлатӣ таҳким меёбад, ки ин яке аз рукнҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ ба шумор меравад».

Вазифаи асосии танзими ҳамкории иттилоотӣ фароҳам овардани шароит барои табодули иттилоотии мутақобила ва ташаккули системаи кафолатҳои ҳуқуқи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар ин соҳа мебошад.

Муҳайё кардани системаи кафолатҳои ҳуқуқӣ барои дастрасӣ ба иттилоот, барои ба таври фаврӣ ба сокинони мамлакат ва ҷомеаи башарӣ расонидан ва фаҳмонидани сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти мамлакат оид ба дигаргуниҳои куллӣ, ки дар ҷумҳурӣ ба вуқуъ пайвастаанд, ошкоро ва пурра расонидани иттилоот аҳамияти махсус дорад. Ин матлаб дар

Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ифода гардидааст: «Барои амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои шаҳрвандон, барои гирифтани иттилооти давлатӣ дар шакли кушода ҳамкорӣ ва гуфтугӯи доимии давлатро бо шаҳрвандон, институтҳои ҷамъиятӣ ва назорати доимӣ ва зарурии сатҳи ҷомеа аз рӯйи фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва ташкилотҳо ба роҳ мондан ба мақсад мувофиқ аст ва имрӯзҳо «ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот» аҳамияти ҳаётӣ мегирад».

Беҳтар гардонидани механизми қабули қарорҳои шаффоф аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, рушди бемайлони татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дастрасӣ ба иттилоот», Конвенсияи СММ ва Шӯрои Аврупо оид ба муқовимат ба коррупсия барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии истифода аз иттилоот дар самти пешгирӣ аз ҳаракатҳои коррупсионӣ мусоидат менамояд.

Мо дар ибтидои асри нав ва ҳазорсолаи нав – давраи пешрафти босуръати илму техника ва технология, инчунин ҷаҳонишавӣ қарор дорем ва бо истифода аз сарчашмаҳои илмиву назариявии таърихии рушди башарӣ ва таҳлилу хулосаҳои ҳолатҳои имрӯзаи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ, сатҳи донишу фаҳмиш ва рафтори ақлонии касбии худро сайқал дода, ба мақсадҳои олии рушди инсонӣ ноил гардида, ҳамчун миллату давлати пешқадами рушдёфтаи ҷаҳонӣ бошем.

АЗОНИХУДКУНӢ Ё ИСРОФКОРӢ МУТОБИҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ДАВЛАТҲОИ ПАСОШӮРАВӢ

Акмалзода Н.Н. – сардори шуъбаи минтақавии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар водии Зарафшон, подполковники адлия

Дар илми ҳуқуқшиносӣ яке аз роҳҳои маъмули такмил додани қонунгузорӣ ин усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ мебошад. Зеро дар ин раванд қонунгузории дигар давлатҳо мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуда, вобаста ба омилҳои миллӣ ҷанбаҳои мусбии онҳо истифода мегардад.

Ба андешаи профессор Р.Ш. Сотиволдиев усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ аҳамияти муҳими амалӣ дошта, муқоисаи қонунгузории Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ имконият медиҳад, ки хусусиятҳои мусбии онҳо истифода шавад. Муҳаққиқ А.В. Егоров бошад, қайд менамояд, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар кадом сатҳ қарор доштани низоми ҳуқуқии давлати худро дарк намоем.

Дар ин мақола масъалаи таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошӯравӣ дар мисоли Федератсияи Россия, Ҷумҳуриҳои Қирғизистону Қазоқистон ва ғайра баррасӣ карда мешаванд. Чунки дар қонунгузории ин давлатҳо шабоҳату тафовут бо қонунгузории ҶТ, бахусус дар самти ҷиноятҳо ба муқобили моликият бештар ба назар мерасад.

Дар КҶ Федератсияи Россия таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба мисли КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фасли VIII «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт», боби 21 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷойгир шудааст. Дар қ.1 м.160 таркиби ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, яъне тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст [9]. Дар фарқият аз м.245 КҶ ҶТ м.160 КҶ ФР ба сифати предмети азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулки дар ихтиёрбудаи гунаҳгорро бевосита нишон надодааст. Дар ин хусус, дар адабиётҳо пешниҳод мешавад, ки дар м.160 КҶ ФР на танҳо ба молу мулки бовар карда супоридашуда, балки ба молу мулки дар ихтиёри шахсбуда низ ишора карда шавад. Зеро дар акси ҳол ҳаракатҳои шахсони мансабдор, инчунин шахсоне, ки вазифаҳои идоракуниро дар ташкилотҳои тиҷоратӣ ё дигар ташкилотҳо иҷро намуда, молу мулки ба онҳо бовар карда супориданашуда, балки дар ихтиёрашон қарордоштаро азонихуд ё исроф менамоянд, ҳангоми ҷой надоштани дигар аломатҳои тасарруф мумкин аст, бе баҳодиҳии ҳуқуқи ҷиноятӣ боқӣ монад [11, 66].

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда дар м.160 КҶ ФР ҳолатҳои зерин муқаррар шудаанд: содир намудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, инчу-

нин бо расонидани зарари ҷиддӣ ба шаҳрвандон (қ.2 м.160 КҶ); аз ҷониби шахс бо истифода аз мақоми хизматӣ содир намудан, инчунин ба миқдори калон (қ.3 м.160 КҶ); кирдорҳои дар қ.1, 2, 3 м.160 муайяншуда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё ба миқдори махсусан калон содир мешаванд (қ.4 м.160 КҶ ФР).

Ба андешаи мо дар мавриди фарқгузорӣ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ вобаста ба аломатҳои вазнинкунанда мавқеи м.160 КҶ ФР назар ба м.245 КҶ ҶТ асосноктар ба назар мерасад. Зеро на дар қ.4, балки дар қ.3 м.245 КҶ ҶТ ҷойгир намудани чунин аломати вазнинкунанда ба монанди аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки назар ба дар ҳолати ретсидиви хавфнок ё махсусан хавфнок ё ба миқдори махсусан калон содир шудани он (қ.4 м.245 КҶ ҶТ) боиси таъини ҷазои сабуктар мегардад, шубҳаовар мебошад. Яъне дараҷаи ба ҷамъият хавнокии содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи муташаккил аз назари қонунгузории ҶТ нисбат ба ҳолатҳои охирин камтар эътироф шудааст.

Вобаста ба ин пешниҳод менамоем, ки аломати аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содиршуда аз б. «б» қ.3 м.245 КҶ хориҷ карда шуда, дар қ.4 м.245 КҶ мустаҳакам карда шавад.

Дар КҶ Ҷумҳурии Белорус ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили моликият дар фасли VIII «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ» (боби 24 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» – м.м.205–220; боби 25 «Ҷиноятҳо ба муқобили тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ» – м.м.221–262) ба танзим дароварда шудааст [6].

Мутобиқи эзоҳи боби 24 КҶ Белорус зери мафҳуми тасарруф дар боби мазкур қасдан, ғайриқонунӣ ва ройгон ба даст овардани молу мулки ғайр ё ҳуқуқ ба молу мулк бо мақсади ғаразнок бо роҳи дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ, тамаъҷӯй, қаллобӣ, сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ, азонихудкунӣ, исрофкорӣ ё таҳриби маълумоти компютерӣ фаҳмида мешавад.

Хусусияти дигари фарқкунандаи тасарруф мутобиқи қонунгузории ҷиноятии Белорус дар он ифода мегардад, ки андозаи зарари ҳангоми шакли дилхоҳи тасарруф расонидашуда новобаста аз шакли моликият як хел муайян шудааст.

Бояд тазаккур дод, ки таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.211 КҶ Белорус чунин муқаррар шудааст: азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулк аз ҷониби шахсе, ки ба ӯ молу мулк бовар карда супорида шудааст. Дар фарқият аз КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати предмети ҷиноят танҳо молу мулки бовар карда супоридашуда нишон дода шудааст.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда дар қ.2 м.211 КҶ Белорус чунин ҳолатҳо нишон дода шудаанд: 1) такроран; 2) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ. Барои чунин кирдорҳо ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол бо ҷарима ё бидуни он ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ё бидуни он муқаррар шудааст.

Дар қ.3 м.211 КҶ Белорус ҷавобгарии сахттарро барои ба андозаи калон содир намудани ҳаракатҳои дар қ.қ.1 ва 2 моддаи мазкур пешбинишуда муайян намудааст. Бахусус барои чунин кирдор ҷазои маҳдуд кардан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ду то ҳафт сол бо ҷарима ё бидуни он ва бо маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ё бидуни он татбиқ карда мешавад.

Дар қ.4 м.211 КҶ Белорус ҳаракатҳои дар қ.қ.1, 2 ва 3 моддаи мазкур пешбинишуда, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил ё ба миқдори махсусан калон содир шудааст, мустаҳакам шудааст. Дар чунин ҳолати вазнинкунанда содир намудани ҷиноят ба шахси гунаҳгор маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то дувоздаҳ сол бо ҷарима ва бо маҳрум кардан

аз ҳуқуқи ишғоли мансаби муайян ё машғул шудан ба фаъолияти муайян ҷазо дода мешавад.

Дар қонунгузории ҷиноятии Белорус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аломати вазнинкунандаи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» ҷой надорад. Чунки дар он моддаи алоҳида (м.210), аз ҷумла тасарруф бо сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ бахшида шудааст. Яъне ба даст овардани молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, ки аз тарафи шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматии худ содир шудааст. Чунин тартиби ҷавобгарӣ тибқи қонунгузории Белорус асоснок ба назар мерасад. Зеро тасарруфе, ки аз тарафи шахс бо истифодаи мақоми хизматӣ (пеш аз ҳама шахсони мансабдор) содир мешавад ба ҷамъият хавфнокии бештар дорад, назар ба чунин кирдорҳое, ки аз ҷониби шахсони алоҳида содир мешаванд. Аз назари техникаи ҳуқуқӣ низ чунин ҳалли масъала фаъолияти ҳуқуқтатбиққунии муфаттишон, прокурорҳо ва судяҳоро осон менамояд, чунки қонунгузор аниқ фарқияти аломатҳои субъекти ин кирдорҳои ҷиноятии ба ҳам монандро равшан менамояд.

Дар КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон бошад, мафҳумҳои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар фасли III «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» ва боби 10 «Тасарруфи молу мулки ғайр» муқаррар шудааст. Хусусияти фарқкунандаи қонунгузории ҷиноятии Ӯзбекистон дар он мебошад, ки дар он тасарруфи молу мулки ғайр ва ҷиноятҳои бо тасарруфи молу мулки ғайр вобастанабуда дар бобҳои алоҳида ҷойгир шудаанд.

Моддаи 167 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон азонихудкунӣ ё исрофкориро ҳамчун тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёри ӯ мебошад, муқаррар намудааст. Ба сифати предмети ҷинояти мазкур ба мисли м.245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо молу мулке шуда метавонад, ки дар мақоми махсуси ҳуқуқӣ қарор доранд, яъне молу мулке, ки пешакӣ ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёрӣ ӯ мебошанд. Ҷазо барои таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар намуди ҷарима ё корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ ё корҳои ислоҳӣ муқаррар шудааст.

Моддаи мазкур аз чор қисм иборат аст, ки дар онҳо ҳолатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят мустаҳакам шудаанд. Чунончи, агар ҳаракатҳои дар қ.1 м.167 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон пешбинишуда; а) ба андозаи калон; б) такроран ё бо ретсидивисти хавфнок; в) бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон; г) бо сӯиистифода аз мақоми мансабӣ содир шуда бошад. Ҷазои ҳадди аксари барои қ.2 м.167 КҶ Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар шудааст. Ба сифати ҷазоҳои алтернативӣ ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардани озодӣ нишон дода шудаанд.

Ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда бошад, мутобиқи қ.3 м.167 КҶ: а) ба миқдори махсусан калон; б) бо ретсидивисти махсусан хавфнок; в) аз тарафи гурӯҳи муташаккил ё ба манфиатҳои он; г) бо истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ содир гардидани тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ баромад менамоянд. Ҷазо барои чунин кирдорҳо дар намуди ҷарима, ё корҳои ислоҳӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол муқаррар шудааст. Дар КҶ Ӯзбекистон низ миқдори калон ё махсусан калон новобаста аз шакли моликият як хел муайян карда шудааст.

Бояд гуфт, ки аз аломатҳои вазнинкунандаи дар қ.3 м.167 КҶ Ӯзбекистон қайдшуда танҳо бо истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ содир гардидани тасарруф бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.245 КҶ ҶТ муқаррар нашудааст. Истифода аз воситаҳои техникаи компютерӣ мумкин аст дар тайёр намудани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ, ки барои ҷудо намудани молу мулк зарур бошанд (масалан, борхати нақлиётӣ-молӣ), истифодаи захираҳои шабакаҳои компютерӣ, аз ҷумла гузаронидани пул аз суратҳисобӣ корхона ба суратҳисоби шахси дигар ва ғайра ифода гардад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки хусусияти дигари фарқкунандаи танзими қонунгузории тасарруф дар шакли азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар КҶ Ӯзбекистон дар он зоҳир мегардад, ки санксияҳо барои ҷинояти мазкур доираи васеи ҷазоҳоро ба монанди ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ, маҳдуд кардани озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодиро пешбинӣ месозад.

Барои таркиби асосии ҷинояти баррасишаванда ҷазо танҳо дар намуди ҷарима, корҳои ҳатмии ҷамъиятӣ, корҳои ислоҳӣ ва маҳдуд кардани озодӣ пешбинӣ шудааст, яъне қ.1 м.167 КҶ Ӯзбекистон нисбат ба қ.1 м.245 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон доираи нисбатан сабуктари намудҳои ҷазоро муайян намудааст. Ҳатто ҳангоми бо ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (қ.3 м.167 КҶ) дар қатори маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то даҳ сол ҷазоҳои дигари алтернативӣ ба монандӣ ҷарима ё корҳои ислоҳӣ низ муқаррар шудаанд. Мутобиқи қ.4 моддаи мазкур дар ҳолатҳои пардохт намудани зарари моддӣ ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ва маҳрум сохтан аз озодӣ татбиқ карда намешавад.

Дар Кодекси ҷиноятии Қазоқистон бошад, ҳолат фарқкунанда аст. Хусусияти қонунгузории ҷиноятии Қазоқистон аз он иборат мебошад, ки меъёрҳои қисми махсуси он танҳо вобаста ба объекти намудӣ гуруҳбандӣ карда шудаанд, яъне дар он ҷиноятҳои алоҳида танҳо ба бобҳо муттаҳид карда шуда, фаслҳои алоҳида ҷой надоранд. Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили моликият дар боби 6 муттаҳид карда шудаанд.

Азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайри бовар кардашуда дар м.189 КҶ Қазоқистон чунин муайян шудааст: азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, яъне тасарруфи молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст. Таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҷазо дар намуди ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ё ҷалб кардан ба корҳои ҷамъиятӣ ё маҳдуд кардани озодӣ ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он ҷазо дода мешавад.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда дар қ.2 м.189 содир намудани чунин кирдор: 1) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; 2) бо истифода аз мақоми хизматӣ. Дар қ.3 кирдорҳои дар қ.қ. 1 ва 2 моддаи мазкур пешбинишуда: 1) ба миқдори калон; 2) аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор мебошад ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад; 3) якчандкарата. Дар қ.4 м.189 бошад, чунин ҳолатҳои махсусан вазнинкунандаи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ муқаррар шудааст: 1) аз ҷониби гурӯҳи ҷиноятӣ; 2) ба миқдори махсусан калон содир шуда бошад.

Бояд гуфт, ки мутобиқи м.3 қ.17 КҶ Қазоқистон зери мафҳуми тасарруф ин бо мақсади ғаразнок, ғайриқонунӣ, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон фаҳмида мешавад, ки ба молик ё соҳиби дигари молу мулк зарар расонидааст. Ба миқдори калон арзиши молу мулк аз нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо ҳазор маротиба, махсусан калон арзиши молу мулк фаҳмида мешавад, ки аз нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо чор ҳазор маротиба зиёд бошад.

Хусусияти дигари КҶ Қазоқистон дар он аст, ки дар моддаи алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои майда тасарруф муқаррар карда шудааст. Чунончи дар м.187 КҶ чунин омадааст: майда тасарруф, яъне дуздӣ, қаллобӣ, азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки ғайр, ки ба андозаи кам содир шудааст. Андозаи кам мутобиқ қ.10 м.3 арзиши молу мулки ба ташкилотҳо мансуббуда, ки аз даҳ нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд нест ё молу мулки ба шахсони воқеӣ тааллуқдошта, ки арзиши он аз ду нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд нест фаҳмида мешавад.

Вобаста ба ин агар андозаи бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ тасарруфшудаи молу мулки шахсони воқеӣ аз ду, андозаи молу мулки ташкилотҳо аз даҳ нишондиҳандаи моҳона барои ҳисобҳо зиёд бошад, ҷа-

вобгарӣ тибқи м.189 КҶ Қазоқистон ба миён меояд.

Албатта, гарчанде миқдори кам ҳангоми майда тасарруф аз шакли моликият вобаста бошад ҳам, вале дар м.189 ва дигар шаклҳои тасарруф муайян намудани андозаи калон ва махсусан калон бе назардошти шакли моликият баробар муқаррар карда шудааст.

Аз ҳолатҳои вазнинкунандаи м.189 КҶ Қазоқистон ҳолати дар б. 2) қ.3 муқарраршуда ҷолиби диққат мебошад: аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор мебошад ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад. Алабатта ҷудо намудани чунин ҳолати вазнинкунада асоснок мебошад, зеро аз ҷониби шахсони мансабҳои давлатиро иҷрокунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳоро зиёд менамоянд.

Дар КҶ Қирғизистон бошад, ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дар м.210 фасли VII «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ», боби 28 «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ҷойгир шудааст.

Бояд қайд намуд, ки дар м.210 КҶ Қирғизистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои азонихудкунӣ ё исрофкории молу мулки бовар карда супоридашуда ба андозаи кам муқаррар шудааст. Миқдори кам зиёни моддие (молу мулкие) ҳисоб мешавад, ки дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят дах маротиба аз нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд бошад (қ.5 аҳамияти ибораҳо, ки дар Кодекси мазкур истифода мешаванд, ки ба ҳамин кодекс замима гаштааст). Нишондиҳанда барои ҳисобҳо мутобиқи қарори Жогорку Кенеш Қирғизистон (Парламент) аз 15 июни соли 2006 ба 100 сом (тақрибан 12 сомонӣ) баробар мебошад. Вобаста ба ин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тасарруф намудани молу мулк ғайр бо роҳи азонихудкунӣ ё исрофкорӣ новобаста аз шакли моликият дар ҳолатҳое ба вуҷуд меояд, ки агар арзиши он аз 1000 сом (тақрибан 120 сомонӣ) зиёд бошад.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда дар қ.2 м.210 КҶ Қирғизистон содир намудани чунин кирдорҳо: 1) ба андозаи назаррас; 2) аз ҷониби гурӯҳи шахсон; 3) гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ. Дар қ.3 кирдорҳои дар қ.1 ва 2 пешбинишуда ба миқдори калон ва дар қ.4: 1) ба миқдори махсусан калон; 2) шахсе, ки ба ӯ молу мулк ва (ё) маблағҳои пулӣ вобаста ба иҷрои ӯҳдадориҳои хизматӣ бовар карда супорида шудааст; 3) гурӯҳи муташаккил; 4) дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ муқаррар шудааст.

Чи тавре ба назар мерасад, қонунгузории Қирғизистон ҷавобгариро барои азонихудкунӣ ё исрофкорӣ чун дигар шаклҳои тасарруф вобаста ба андозаи он – миқдори кам, миқдори назаррас, миқдори калон ва миқдори махсусан калон фарқгузорӣ намудааст.

Ба андешаи мо дар қисмҳои дахлдори м.210 КҶ Қирғизистон дар як сатҳ ё дар як қисм муқаррар намудани ҷавобгарӣ, масалан барои гурӯҳи шахсон ва гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ (қ.2 м.210 КҶ), гурӯҳи муташаккил ва дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (қ.4 м.210 КҶ) асоснок ҳисоб намешавад. Зеро дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ, ки ҳангоми шаклҳои зикршудаи шарикӣ дар ҷиноят содир мешаванд, гуногун мебошад.

Дар м.210 КҶ Қирғизистон эзоҳ ҷой дорад, ки мутобиқи он дар ҳолатҳои ихтиёран пардохт намудани зарари ба молик ё соҳиби дигар расонидашуда шахс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо барои ҷинояти мазкур озод карда мешавад.

Дар КҶ Туркманистон бошад, ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ба монанди КҶ ҶТ дар фасли «Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт» боби «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» қайд гардидааст [10]. Таркиби асосии азонихудкунӣ ё исрофкорӣ ҳамчун тасарруф намудани молу мулки ғайр, ки ба гунаҳгор бовар карда супорида шудааст ё дар ихтиёрӣ ӯ қарор дорад (м.229 КҶ), муайян мешавад.

Хусусиятҳои фарқкунандаи м.229 КҶ Туркманистон нисбат ба м.245 КҶ ҶТ асосан вобаста ба ифода карда шудани ҳолатҳои вазнинкунанда ба назар мерасад: аз ҷониби хиз-

матчии давлатӣ истифода бурдани мақоми хизматии худ ё шахсони ба онҳо баробар кардашуда (дар КҶ ҶТ бо истифода аз ваколати мансабдорӣ); аз ҷониби шахси мансаби давлатиро ишғолкунанда бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматии худ, ки дар м.245 КҶ ҶТ ҷой надорад.

Мутобиқи эзоҳи м.229 КҶ шахси бори аввал ҷинояти дар қ.қ 1 ва 2 моддаи мазкурро содирнамуда аз ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ озод карда мешавад, агар ӯ ба ошкор намудани ҷиноят мусоидат намуда, пурра зарари расонидашударо барқарор карда бошад. Чунин тарзи муқаррарот ба андешаи мо чандон асоснок ва аниқ ба ҳисоб намеравад. Зеро вобаста ба он агар то баровардани ҳукм шахс ба ошкор намудани ҷиноят мусоидат намояд ва пурра зарари расонидашударо пардохт намуда бошад, ӯ аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда намешавад.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳлили хусусиятҳои батанзимдарории азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ хулосаҳои зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Дар қонунгузории ҷиноятии аксар давлатҳои пасошӯравӣ таркиби ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ бо ҳам тақрибан монанд ба танзим дароварда шудаанд. Фарқият асосан дар муайян намудани предмети ҷиноят ва муқаррар намудани аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда ба назар мерасад.

2. Дар қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ ба сифати предмети ҷинояти азонихудкунӣ ё исрофкорӣ молу мулки бовар карда супоридашуда (КҶ ФР, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон) ё дар ихтиёри ӯ буда (Ӯзбекистон, Туркманистон) нишон дода шудааст.

3. Дар қонунгузории ҷиноятии Белорус дар таркиби ҷиноятҳо ба муқобили моликият аломати вазнинкунандаи «бо истифода аз мақоми хизматӣ» ҷой надорад. Чунки дар он моддаи алоҳида (м.210) ба тасарруф бо роҳи сӯиистифода аз ваколатҳои хизматӣ бахшида шудааст, яъне ба даст овардани молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк, ки аз тарафи шахси мансабдор бо истифода аз ваколатҳои хизматии худ содир шудааст, бахшида мешавад. Чунин мавқеи қонунгузории Белорус асосноктар ба назар мерасад, зеро тасарруфе, ки аз тарафи хизматчиён (пеш аз ҳама шахсони мансабдор) содир мешавад ба ҷамъият хавфнокии бештар дорад, назар ба чунин кирдорҳои аз ҷониби шахсони алоҳида содир мешаванд.

4. Чунин ҳолатҳои вазнинкунандае, ки дар қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ муқаррар шудаанд, ҷолиби диққат мебошанд: 1) аз тарафи шахсе, ки ба иҷрои функсияҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба онҳо баробаркардашуда ё шахсони мансабдор ё шахсони мансабҳои масъули давлатиро ишғолкунанда бо истифода аз мақоми хизматӣ содир шуда бошад (б. 2 қ.3 м.189 КҶ Қазоқистон); 2) аз ҷониби шахси мансаби давлатиро ишғолкунанда бо роҳи сӯиистифода аз мақоми хизматии худ (б.b) қ.3 м.229 КҶ Туркманистон). Ҷудо намудани чунин ҳолати вазнинкунада асоснок мебошад, зеро аз ҷониби шахсони мансабҳои давлатиро иҷрокунанда содир гаштани азонихудкунӣ ё исрофкорӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии чунин кирдорҳоро зиёд менамоянд.

5. Андозаи зарари ҳангоми шакли дилхоҳи тасарруф расонидашуда новобаста аз шакли моликият (зарари ҷиддӣ, миқдори калон ё махсусан калон) як хел муайян шудааст, ба ғайр аз КҶ ФР, ки ин барои таъмин намудани ҳифзи баробари ҳама шаклҳои моликият ва гунаҳгоркунии субъективӣ бештар мувофиқ мебошад.

ФАСОД – ОМИЛИ ФАНОСТ!

Мавлоназар Кишвар – нозири калон оиди муқовимат ба коррупсияи шуъбаи минтақавии Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор

Коррупсия ба пешрафти иқтисодиёт халал мерасонад, бунёди ҷомеаи демократиро заиф месозад ва ба рушди демократия таъсири манфӣ мегузорад. Гузашта аз ин, коррупсия дар ҷомеа ба риоя нашудани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон замина фароҳам меорад ва ба пояи ахлоқ зарба мезанад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон

Мусаллам аст, ки коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад. Он барои рушди иқтисодиёти пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад.

Коррупсия аз зуҳуроти номатлуб хеле қадимӣ буда, мутаассифона имрӯз мисли экстремизму терроризм, нашъамандиву нашъаҷаллобӣ ва фурӯши яроқу одамон ба мушкилоти глобалӣ табдил ёфтааст. Аз саҳфаҳои таърих бармеояд, ки ҳанӯз дар аҳди бостон калимаи «коррупсия» ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зараррасонанда ва фурӯхтани мансаб маънидод мегардид.

Фасод ҳамчун роҳи истифода бурдани имкониятҳои мансаб ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд ва нафари ба чунин амал дастзада дар ҳамаи давру замон аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардид.

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини соҳибистиқлолияш мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт оғоз намуда буд. Ба тавсиб расидани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи июли соли 1999 «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» яке аз тадбирҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ дар кишвари мо ба ҳисоб меравад.

Аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати имрӯза зиёда аз 20 санади меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ташкиливу ҳуқуқии самтҳои мухталифи муқовимат ба коррупсияро муқаррар менамоянд, қабул карда шуда, дар ин радиф барномасозии муқовимат ба коррупсия дар сатҳи давлатӣ ба роҳ монда

шудааст. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия», ки санаи 7 августи соли 2020, №1714 қабул гардид, таҳия шуда, он асосҳои ҳуқуқии сиёсати давлатиро дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия муқаррар месозад.

Тавре аз дебочааш бармеояд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти мӯътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, поктинатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардида, асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд.

Дар моддаи 1 Қонуни мазкур коррупсия ҳамчун кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие) муайян шудааст, ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад.

Муқовимат ба коррупсия бошад ҳамчун маҷмуи чорабиниҳо оид ба таъмини талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба коррупсия, таҳия, қабул ва амалисозии чораҳои пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, ошкор ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташаккули фазои оштинопазирӣ нисбат ба коррупсия ва ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ, баланд бардоштани фарҳанг ва маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар ҷомеа ва таъмини иштироки фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди муқовимат ба коррупсия маънидод шудааст.

Мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳимтарин вазифаи давлат ва мақомоти он ба ҳисоб рафта, таҳкими истиқлолият, соҳибихтиёрии давлатӣ ва таъмини амнияти ҷамъиятӣ низ аз ин фаъолият вобаста мебошанд.

Ба имзо расидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия дар соли 2003 ва таъсиси Ассотсиатсияи байналмилалии ниҳодҳои зиддикоррупсионӣ натиҷаи дарки амиқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатари ҷиддии оқибатҳои коррупсия мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирӣ ва рушди ташаббусҳои зиддикоррупсионӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ яке аз аввалин кишварҳои узв буд, ки Конвенсияи СММ-ро бар зидди коррупсия ба тасвиб расонд.

Инчунин, бо мақсади таҳияву татбиқи тадбирҳои ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонунҳо қабул гардиданд. Аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом», «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои дар ин самт пешгирифта аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин муддат се маротиба санади барномавии дурнамои сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34 «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2008–2012» бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 3 августи соли 2021, №222 «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул карда шудаанд.

Коррупсия ба пешрафти ҷомеа ва рушду нумӯи таъсир расонида, сатҳи некӯаҳволии мардумро паст месозад. Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми январи соли 2021 таъкид доштанд, ки: «Барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад.»

Ин таъкиди Пешвои муаззами миллатро сармашқи кори худ намуда, ходимони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар самти таъмини ҳифзи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии инсону шаҳрванд, инчунин ҷамъияту давлат аз коррупсия, ошкор ва барҳам додани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, васеъ намудани татбиқи чораҳои пешгирикунанда дар мубориза бо коррупсия, ҳамкорӣ бо қишрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чорабиниҳои муҳим таҳия ва дар амал татбиқ намуда истодаанд.

Агар ҳар як фарди Тоҷикистон дар робитаи муназзам бо субъектҳои мубориза бо коррупсия бар зидди ин зуҳуроти номатлуб мубориза баранд, хавфҳои ришваситонӣ дар ҷомеа кам хоҳад шуд.

МУБОРИЗАИ ДАСТАҶАМЪОНА – ЯКЕ АЗ РОҲҲОИ АСОСИИ ПАСТ НАМУДАНИ ШИДДАТИ КОРРУПСИЯ

Маҷидӣ Абдукарим Асрориён – нозири калон оиди муқовимат ба коррупсияи шуъбаи Агентӣ дар минтақаи Рашт

Дар раванди сиёсии ҷаҳони имрӯза коррупсия ҳамчун зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ мушкилоти гаронеро барои инсоният ба бор овардааст. Борҳо таъкид гаштааст, ки хатари коррупсия аз хатари терроризму ифротгароӣ кам набуда, зиёда аз ин фасодкорӣ ҳамчун омили пайдоиш ва доман паҳн кардани ҷиноятҳои вазнин баромад менамояд.

Раванди ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар тамаддуни ҷаҳон таърихи чандҳазорсола дорад. Башарият, аз ҷумла гузаштагони тамаддунофари мо дар осори гаронмояи хеш бамаврид ришвахориро, ки яке аз омилҳои касифи инсонист, зери танқид гирифтаанд. Пас маълум мешавад, ки коррупсия ва ришваситонӣ аз даврони пошхӯрии ҷомеаи ибтидоӣ ва пайдоиши нахустин давлатҳо ҳамсафари инсоният шуда, дар тамоми таърихи баъдина дар тақдири давлату халқиятҳо нақши манфии басе муассиреро иҷро менамояд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати коррупсия, ки яке аз унсурҳои манфии пешрафти иҷтимоӣ ва иқтисодии давлату ҷамъият дониста мешавад, таъкид ба таъкид ҳамагонро барои решакан намудани ин доғи сиёҳи ҷомеа даъват менамоянд.

Аз ҷумла, дар яке аз баромадҳояшон коррупсияро «Кирдори хатарноки зиддидавлатӣ» номида, қайд менамоянд: «Ин амали нангин обрӯйи давлатро дар дохил ва хориҷи кишвар коҳиш дода, асосҳои давлатдориро заиф менамояд ва мубориза бо ҷиноятҳои коррупсионӣ яке аз роҳҳои асосии таъмини амнияти иқтисод ва умуман амнияти давлат аст».

Воқеан коррупсия барои таҳкими иқтисод, ташаккули иқтисоди бозаргонӣ ва ҷалби сармоя монеаи ҷиддӣ буда, барои рушди минбаъдаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди воқеиро ба вуҷуд меоварад. Бадтарин зарари коррупсия ба сохторҳои давлату давлатдорӣ – ин дар ҷомеа бедор кардани ҳисси нобоварӣ ба институтҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷамъият ҳар чӣ бештар зуҳур кардани омилҳои коррупсионӣ боиси рушди беадолатӣ, маҳдудгардии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пастравии обрӯ ва нуфузи кишвар дар сатҳи байналмилалӣ мегардад.

Фасод ё худ коррупсия чун вабои аср шинохта шуда, зуҳуроти он дар кадом шакле набошад боиси заиф шудани механизмҳои давлатдорӣ ва низоми зиндагии инсонӣ мегардад ва муборизаю муқовимат алайҳи ин зуҳуроти зиддиарзишӣ вазифаи на танҳо мақомоти дахлдори давлатӣ, балки рисолати шаҳрвандӣ

ва инсонии ҳар як сокини солимақли ин марзу буми муқаддас маҳсуб меёбад.

Ҳарчанд аҳли ҷомеа бар зидди ин амалҳои ғайриқонунӣ доимо дар мубориза қарор дошта бошанд ҳам, то ба ҳол чӣ дар давлатҳои абарқудрат ва чӣ дар давлатҳои рӯ ба инкишоф коррупсия арзи ҳастӣ дорад.

Ёдрас бояд намуд, ки ягон давлати ҷаҳон аз содиршавии ҷиноятҳои коррупсионӣ холӣ нест, аммо дар баъзе давлатҳо, ба монанди Олмон, Шветсия, Сингапур ва Дания сатҳи ҷиноятҳои коррупсионӣ то як андоза коҳиш ёфтааст, ки ин аз фаъолияти пурмаҳсул ва натиҷабахши мақомоти дахлдори ин давлатҳо шаҳодат медиҳад.

Аз ин бармеояд, ки дар ҳолати дуруст ба роҳ мондани механизмҳои судманд бо ин амали нангин муборизабаранда, мо метавонем шиддат ва таъсири онро коста гардонида, ба як зумра пешравиҳо дар ин самт ноил гардем.

Дар доираиҳои илмиву коршиносӣ ва дар сиёсати амалии ҷаҳонӣ фаъолияти самараноки ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ яке аз механизмҳои таъсирбахш дар самти муқовимат ба коррупсия шинохта шудааст.

Аз ин рӯ, баррасии масъалаи муборизаи дастаҷамъона ва иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандиро дар самти муқовимат ба коррупсия муҳим мешуморем. Ба андешаи мо иштироки ниҳодҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти муқовимат ба коррупсия метавонад заминаи муҳимме барои натиҷабахшии сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гардад. Яқинан вақте ки сухан дар бораи муборизаи дастаҷамъона меравад, баҳри ба даст овардани натиҷаҳои дилхоҳ бояд дар ин масъала ягон нафар беканор набошад, ҳар як фард, ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳлуи ҳамдигар истода дар масоили муқовимат ба ин падидаи зарарнок саҳми худро гузорад.

Муҳиммияти нақши ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ, муҳаққиқону коршиносон ва дар сиёсати амалии зиддикоррупсионии давлатҳои пешрафта эътироф карда шудааст. Дар моддаи 13 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид бар зидди коррупсия нақши ҷомеаи шаҳрвандӣ инъикос карда шуда, аз давлатҳои иштирокчӣ даъват ба амал оварда шудааст, ки шаффофиятро таъмин созанд, дастрасии ҷомеаро ба иттилоот беҳтар кунанд ва аҳли ҷомеаро бештар ба раванди қабули қарор ҷалб намоянд.

Як қатор созмонҳои байналмилалӣ аз қабили Ассосиатсияи байналхалқии зиддикоррупсионӣ, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории иқтисодӣ ва рушд ва Созмони шаффофияти байналхалқӣ иштироки ҷомеаи шаҳрвандиро дар самти муқовимат ба коррупсия муҳим арзёбӣ мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Фаромӯш набояд кард, ки муқовимат ба коррупсия фақат вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нест. Дар ин мубориза тамоми аҳли ҷомеа, ҳар як шаҳрванд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ низ бояд бетараф набошад».

Дар ҳақиқат мубориза бо коррупсия кори дастаҷамъона буда, дар он мақомоти давлатӣ дар ҳамбастагӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бо иштироки ҳар як фарди ҷомеа метавонад натиҷаҳои дилхоҳро ба даст оварда, болоравии сатҳи коррупсияро коҳиш диҳад.

Дар мубориза бо коррупсия ҳама шоҳаҳои ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятиву динӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳодияҳо ва шаҳрвандони оддӣ, ки мехоҳанд давлати худро ободу зебо ва аз ҷиҳати иқтисоди пешрафта бубинанд, бояд саҳми арзандаи худро гузоранд.

Муҳиммияти ҷалби васеъ ва иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия дар шароити Тоҷикистон солҳои охир пайваста таъкид мегардад. Аз он ҷумла, зарурати иштироки фаъоли ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар сиёсати зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба масъалаи коррупсия нигаронидашуда инъикос гаштаанд.

Хусусан, дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия»,

«Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чун унсури муҳимми сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд.

Инчунин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 декабри соли 2010, №968 Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки ин ниҳод ҳамчун кафили муборизаи дастаҷамъона бар зидди зуҳуроти номатлуб хидмат намуда, замина ва асоси аз тарафи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани ташаккули сиёсати зиддикоррупсионии кишвари мо ба ҳисоб меравад.

Воқеан барои таъмини самаранокии мубориза бо коррупсия истифодаи имконияту нерӯи бузурги ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як фарди алоҳидаи кишвари азизамон мувофиқи мақсад дониста мешавад. То он даме, ки мафкураи ҷомеа тағйир наёбад, то он даме ки ҷомеа падидаҳои коррупсиониро чун зуҳуроти бадиву бадкорӣ қабул накунад, ҳар ташаббусу иқдоми наҷиби давлат дар ин самт бе натиҷаи дилхоҳ меанҷомад.

Паст кардани сатҳи коррупсия аз бисёр омилҳо ба мисли дастаҷамъӣ, ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, савияи баланди маърифати ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, шуурнокӣ ва фаъолнокии ҳар фарди ҷомеа вобастагӣ дорад.

Мақомоти ҳифзи ҳуқуқро зарур аст, ки баҳри пешрафту шукуфоии ватани азизамон, пойдории моҳияти ҳуқуқбунёдии давлатамон ҳамкориро бо ҳамдигар ва пеш аз ҳама бо шаҳрвандон густариш дода, дар заминаи он ҳамкории мутақобила ва дастаҷамъонаро ҷиҳати хотима бахшидан ба кирдорҳои коррупсионӣ дар ҷомеа ва рушди устувори иқтисодиёти давлат ба роҳ монанд.

Таҳлилу ҷамъбастҳои гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки то ҳол самаранокии фаъолият, ҳамкории байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, робитаи мустақим доштан бо аҳли ҷомеа дар ин самт ба талабот ҷавобгӯ набуда, ҳамчунин чорабиниҳо баҳри инкишофи фаҳмишу идроки шаҳрвандон оиди хатари ҷиддии коррупсия ба ҷамъият, дигар кардани тафаккури шаҳрвандон дар ин самт, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳоло ҳам бояд беҳтару хубтар ба роҳ монда шуда, аз ҳама муҳимаш судманд бошанд.

Бинобар ин моро зарур аст, ки дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷкистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро сармашқи кори худ намуда, баҳри паст кардани шиддати коррупсия дар кишвар ва мунтазам аз байн бурдани он дар якҷоягӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ муборизаи беамон бурда, Ватани худ Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун яке аз кишварҳои пешрафта ва озод аз коррупсия муаррифӣ намоем.

КОРРУПСИЯ ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБ ВА БАРОИ ҶОМЕА ХАТАРНОК БА ҲИСОБ РАФТА, МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ОН ВАЗИФАИ АСОСИИ МАҚОМОТИ ДАВЛАТӢ, НИҲОДҲОИ ҶОМЕАИ ШАҲРВАНДӢ ВА ҲАР ЯК СОКИНИ КИШВАР МЕБОШАД.

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН

АКСҲО АЗ БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ФАЪОЛИЯТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АГЕНТӢ ДАР СОЛИ 2023

Баимзорасонии Созишномаи ҳамкорӣ бо Кумитаи тафтишотии Ҷумҳурии Беларус

Баимзорасонии Ёддошти тафоҳум байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба муқовимат ба коррупсия



Мулоқоти директори Агентӣ бо Прокурори генералии Федератсияи Россия

Мулоқоти директори Агентӣ бо Прокурори генералии Ҷумҳурии Беларус

Мулоқоти директори Агентӣ бо Раиси Хадамоти назорат ва мубориза бо коррупсияи Шоҳигарии Арабистони Саудӣ

Мулоқоти дуҷонибаи директори Агентӣ бо сафири сафири Фавқуллода ва Мухтори Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон



Мулоқоти директори Агентӣ бо Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Мулоқоти роҳбарияти Агентӣ бо ҳайати расмии Департаменти мубориза бо ҷиноятҳои иқтисодии назди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Ӯзбекистон



Мулоқоти дуҷонибаи директори Агентӣ бо раиси Кумитаи тафтишотии Ҷумҳурии Беларус

Иштироки ҳайати Агентӣ дар Конфронси III байналмилалии илмӣ-амалии «Фаъолияти тафтишотӣ: илм, маориф, амалия»

Воҳӯрии директори Агентӣ бо раиси Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти тафтиши молиявии (КСОНР) давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

Конференсия вобаста ба таъсиси платформаи минтақавӣ ҷиҳати мусоидат ба татбиқи босуръати Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия

Сафари расмии ҳайати Агентӣ ба Ҷумҳурии Озарбойҷон ва маросими баимзорасонии «Барномаи ҳамкорӣ байни Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Озарбойҷон барои солҳои 2024–2025»

Иштироки ҳайати расмии Агентӣ дар ҷаласаи 10-уми Конфронси давлатҳои аъзои Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия

АКСҲО АЗ БАРГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲО ВОБАСТА БА ҲАЁТИ ВАРЗИШИИ АГЕНТӢ ДАР СОЛИ 2023

Мусобиқаи варзишӣ дар намудани «Футболи хурд» миёни кормандони Агентӣ

Иштироки кормандони Агентӣ дар «Дави миллӣ»

Иштироки дастаи бонувони Агентӣ дар мусобиқаи кушоди варзишӣ оид ба волейбол

МУНДАРИҶА

Султонзода С.С. Ҷанбаҳои таърихӣ ва заминаҳои ҳуқуқии муосири муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 4

Балдин В.В. Российский опыт противодействия коррупции средствами прокурорского надзора 9

Швед А.И. Национальный опыт Республики Беларусь в сфере противодействия коррупции 17

Раджабов Н. Борьба с коррупцией – одно из основных направлений национально-государственной политики Азербайджанской Республики 20

Жумагали А.Ж. Антикоррупционная политика и передовые решения по борьбе с коррупцией в Республике Казахстан 24

Хуршудов А.Я. Роль Прокуратуры Кыргызской Республики в сфере противодействия коррупции 28

Ғанизода З.Э. Коррупсия – падидаи номатлуби ҷомеа 33

Камолзода Ф.А. Сиёсати кадрӣ яке аз роҳҳои пешгирии коррупсия 36

Қосимзода М. Пешвои миллат ва рушди фаъолияти зиддикоррупсионӣ дар Тоҷикистон 40

Назарзода А.Н. Коррупсия – таҳдид ба амнияти миллӣ 47

Хушвахтзода Ш.Х. Ҷанбаҳои илмию амалии муқовимат ба коррупсия 52

Шарифзода А.Н. Субъект ва объекти ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ 55

Раҳмонзода Ф.Н. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар масоили муқовимат ба коррупсия 58

Сайфиддинзода Н.С. Тавсифи умумии омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи талаботи қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ 61

Давлатзода А.Д. Нафақаи шаҳрвандонро давлат кафолат медиҳад 69

Мутавалиён Ш.А. Муқовимат ба коррупсия аз таърихи давлатдории тоҷикон то замони муосир 72

Ихтиёрзода С. Криптоасъор ҳамчун олоти содиршавии ҷиноятҳои иқтисодӣ ва коррупсионӣ дар ҷаҳони муосир. тарафҳои манфӣ ва мусбии истифодаи криптоасъор 76

Ғафурзода З.В. Саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти сиёсати зиддикоррупсионии мамлакат 80

Одинамаҳмадзода П.О. Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими сиёсати зиддикоррупсионии мамлакат 83

Каримӣ Ҳ.Ҳ. Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 86

Салимзода С.Ҳ. Коррупсия – таҳдид ба сулҳу оромист! 93

Гулмаҳмадзода Ҷ.Г. Таъминоти ҳуқуқи иттилоотии шаҳрвандон – омили асосии мубориза бо коррупсия 96

Акмалзода Н.Н. Азонихудкунӣ ё исрофкорӣ мутобиқи қонунгузории давлатҳои пасошӯравӣ 100

Мавлоназар К. Фасод – омили фаност! 106

Маҷидӣ А.А. Муборизаи дастаҷамъона – яке аз роҳҳои асосии паст намудани шиддати коррупсия ..109

Аксҳо аз баргузории чорабиниҳо вобаста ба фаъолияти байналмилалии Агентӣ дар соли 2023 115

Аксҳо аз баргузории чорабиниҳо вобаста ба ҳаёти варзишии Агентӣ дар соли 2023 129

Барои қайдҳо: